*Агар дар ҷаҳон набвад омӯзгор,*
*Шавад тира аз бехирад рӯзгор.*

ҲАФТАНОМА АЗ 20-УМИ ИЮЛИ СОЛИ 1932 НАШР МЕШАВАД

# ОМӮЗГОР

№38 (12572)
23 сентябри
соли 2026

НАШРИЯИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН www.omuzgor-gazeta.tj

ГУСТАРИШИ ҲАМКОРИҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ



## САФАРИ РАСМИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ БА ҶУМҲУРИИ КОРЕЯ

### МУЛОҚОТУ МУЗОКИРОТИ САТҲИ ОЛӢ

16 сентябр дар шаҳри Сеул дар доираи сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Ҷумҳурии Корея мулоқоту музокироти сатҳи олии Тоҷикистон ва Корея баргузор гардид.

Дар мулоқоти саронии давлатҳо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва муҳтарам Ли Ҷе Мён масоили таҳкиму тавсеа ва густариши муносибатҳои ҳамкорӣ баррасӣ шуд.

Дар оғози мулоқот Президенти кишвари мо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҷониби Корея барои даъват ҷиҳати анҷом додани сафари расмӣ ва иштирок дар нишасти якуми Саронии давлатҳо дар қолаби «Осиёи Марказӣ – Ҷумҳурии Корея» изҳори сипос намуданд.

Тақвияти муносибатҳои дӯстона бо Ҷумҳурии Корея аз самтҳои муҳимми сиёсати хориҷии Тоҷикистон арзёбӣ гардида, пайвандҳои таърихӣ, муносибатҳои деринаи дӯстӣ ва арзишҳои инсондӯстии мардумони ду кишвар таъкид карда шуд.

Муколамаи фаъоли сатҳи олӣ ва баланди байнидавлатӣ омили таконбахши муносибатҳои гуногунҷанба миёни ду кишвари дӯст арзёбӣ гардид.

Ба таъкиди Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Корея заминаи муносиби ҳуқуқии робитаҳо фароҳам мебошад.

Таъкид гардид, ки дар робитаҳои ду кишвар авлавият ба бахшҳои тиҷорату иқтисод, сармоягузорӣ, саноат, энергетика, нақлиёту логистика, рақамикунонӣ, технология ва зеҳни сунъӣ, кишоварзӣ, муҳофизати корӣ, ҳифзи муҳити зист ва сайёҳӣ дода мешавад.

Иштироки фаъоли доираҳои соҳибкорӣ, ҷалби сармояи мустақим ва технологияҳои навини Ҷумҳурии Корея ба Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур шумурда шуд.

Аз баргузории Форуми нахустини маъданҳои муҳимми Тоҷикистону Корея дар шаҳри Сеул дар моҳи август ва муаррифии имкониятҳои сармоягузорӣ ба бахши коркарди захираҳои маъдании Тоҷикистон истиқбол карда шуд.

Иштироки фаъоли ниҳодҳои дахлдор ва сармоягузорони Корея дар амалисозии лоиҳаҳои стратегии Тоҷикистон ба манфиати кор дониста шуда, идомаи татбиқи марҳилаи сеюми лоиҳаи «Рушди деҳоти Тоҷикистон», ки дар ҳамкорӣ бо Ҷумҳурии Корея шуруъ аз соли 2021 амалӣ мегардад, муҳим арзёбӣ гардид.

Президенти кишвари мо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нақши Кореяро дар татбиқи барномаҳои ичтимоӣ дар Тоҷикистон, омодасозии кадрҳои баландихтисос ва рушди зарфиятҳои инсонӣ тавассути барномаҳои таълимию академӣ ва ҷудо намудани квотаҳои давлатии таҳсилӣ ба шаҳрвандони мо муҳим донистанд.

Дар ин зимн пешниҳод гардид, ки теъдоди ин бурсияҳо, бахусус, дар соҳаҳои технологияҳои иттилоотӣ, зеҳни сунъӣ, тиб, авиатсия ва муҳандисӣ зиёд гардида, ба тавсеаи робитаҳои миёни ду кишвар дар соҳаи сайёҳӣ ва ташкили парвозҳои мустақим миёни Тоҷикистону Корея бартарӣ дода шавад.

Дастгирии молиявии лоиҳаи сохтмони бинои асосии «Маркази ҷумҳуриявии илмии саратоншиносӣ», ҳамкорӣ дар доираи иқдоми муштараки кишварҳо ва ташаббуси ҷониби Корея – «Дурнамои шарикии Осиёи Марказӣ – Корея дар самти зеҳни сунъӣ, илм ва технология» ва рушду тавсеаи ҳамкорӣ бо Ҷумҳурии Корея дар бахши сайёҳӣ, бахусус, дар самти рушди инфрасохтори соҳа аз мавзуҳои муҳимми мулоқоту музокироти сатҳи олӣ буд.

Зимни мулоқот, ҳамчунин, тақвияти ҳамкорӣ дар самти мубориза бо пайомадҳои тағйирёбии иқлим, аз ҷумла, обшавии босуръати пиряхҳо, татбиқи барномаҳои экологӣ ва ҳифзи гуногунии биологӣ ҳам баррасӣ шуд.

Дар ҷараёни музокирот мавзуъҳои алоҳидаи вобаста ба авзои минтақа ва ҷаҳон низ муҳокима гардид.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар анҷоми музокироти сатҳи олӣ аз Президенти Ҷумҳурии Корея муҳтарам Ли Ҷе Мён даъват намуданд, ки дар вақти бароямон муносиб ба Тоҷикистон ташриф биёранд.

### ИМЗОИ САНАДҲОИ НАВИ ҲАМКОРӢ МИЁНИ ТОҶИКИСТОН ВА КОРЕЯ

Дар шаҳри Сеул аз рӯйи натиҷаи мулоқоту музокироти сатҳи олии Тоҷикистон ва Корея 15 санади нави ҳамкорӣ ба имзо расид.

Аз қабили:

- Созишнома миёни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Корея оид ба ҳамкорӣ ва ёрии миёниҳамдигарӣ дар фаъолияти гумрукӣ;
- Ёддошти тафоҳум миёни Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хадамоти гумруки Ҷумҳурии Корея оид ба ҳамкорӣ дар самти ҳифзи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ дар сарҳад;
- Ёддошти тафоҳум миёни Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маорифи Ҷумҳурии Корея оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи маориф;
- Ёддошти тафоҳум миёни Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати моликияти зеҳнии Ҷумҳурии Корея дар бораи ҳамкории ҳамаҷониба дар соҳаи моликияти зеҳнӣ;
- Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкорӣ дар самти мукобимат ба коррупсия миёни Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи зиддикоррупсионӣ ва ҳуқуқҳои шаҳрвандии Ҷумҳурии Корея;
- Ёддошти тафоҳум миёни Департаменти мониторинги молиявии Бонки миллии Тоҷикистон ва Воҳиди кашшофии молиявии Ҷумҳурии Корея оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи мубодилаи иттилоотии кашшофии молиявӣ дар бораи қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, ҷиноятҳои асосии ба он алоқаманд ва маблағгузории терроризм;
- Ёддошти тафоҳум миёни Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати савдо, саноат ва захираҳои Ҷумҳурии Корея;
- Ёддошти тафоҳум миёни Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати замин, инфрасохтор ва нақлиёти Ҷумҳурии Корея оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи маориф ва омодасозии кадрҳо дар соҳаи нақлиёт;
- Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи роҳи оҳан миёни Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати замин, инфрасохтор ва нақлиёти Ҷумҳурии Корея;
- Ёддошти тафоҳуми ҳамкорӣ оид ба барқарорсозии рақамии ҷангалҳо ва амалиёти иқлимӣ миёни Агентии хоҷагии ҷангали назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хадамоти ҷангали Ҷумҳурии Корея;
- Ёддошти тафоҳуми ҳамкорӣ дар соҳаи содирот миёни Агентии содироти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии рушди тиҷорат ва сармоягузории Корея (KOTRA);
- Созишномаи ҳамкории техникӣ миёни Хадамоти назорати давлатии бехатарии корҳо дар саноат ва соҳаи кӯҳкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии бехатарии меҳнат ва саломатии Корея;
- Ёддошти тафоҳум миёни Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Корпоратсияи энергетикии Корея (KEPCO) оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи энергетика;
- Ёддошти тафоҳум миёни Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати мудирияти кадрҳои Ҷумҳурии Корея;
- Ёддошти тафоҳум миёни Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии миллии Политсияи Ҷумҳурии Корея оид ба ҳамкорӣ.

*www.president.tj*

ДАР ИН ШУМОРА

7 Рақамикунонии маориф – омили баланд гардидани сифати таҳсилот

8 Таълиму тарбия самар медиҳад, агар...

9 Телефонҳои мобилӣ дар муассисаҳои таълимӣ: мушкилот, таҷрибаи ҷаҳонӣ ва роҳҳои ҳалли он

13 Фаъолияти самарабахши «Фурӯғи илм»


14 Паёми устод Рӯдакӣ

Почтаи электронии «Омӯзгор»: n.omuzgor@maorif.tj
Телефон барои тамос: 225-81-55

*Гар падар аз ҳаёт баҳра диҳад,*
*Устод аз наҷот баҳра диҳад.*
*Камолиддин Биноӣ*



КАЛОМИ ПЕШВО




# ҲАМКОРӢ ДАР СОҲАИ ТАҲСИЛОТИ ОЛӢ ВА ТАБОДУЛИ АКАДЕМӢ ТАВСЕА МЕЁБАД

**Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Донишгоҳи Корея**

**17.09.2026, Корея**

**Муҳтарам ректори Донишгоҳи Корея, ҷаноби Донг-Ван Ким, профессорон, омӯзгорон ва донишҷӯёни гиромӣ!**

**Дӯстони азиз!**

Барои ман имконияти дидори имрӯза бо шумо ва сарфароз гардидан ба унвони Доктори фахрии яке аз донишгоҳҳои пешсафу маъруфи Ҷумҳурии Корея боиси ифтихори хосса аст.

Ба роҳбарият ва Шурои илмии донишгоҳ, ки унвони баландро барои инҷониб муносиб донистаанд, сипоси амиқ изҳор менамоям.

Ман ин тасмимро боз як таъкиди алоқамандии ду кишвар ба рушду густариши муносибатҳои дӯстона, ҳамчунин, арзишҳои муштараки илмӣ ва фарҳангии миллатҳои куҳантаърихи мо медонам.

Бо итминон метавонем бигӯем, ки Донишгоҳи Корея дар худ ҳамгироии усулҳои бунёдии мактабҳои академиро бо тамоюлҳои инноватсионии муассисаҳои таҳсилоти олии замони муосир таҷассум менамояд.

Ин боргоҳи илму маърифат, ки таърихи беш аз садсола дорад, бо дастовардҳои таълимиву илмии худ ба ҳайси яке аз муассисаҳои пешрафтаи илмиву таҳқиқотӣ ва таҳсилоти олӣ дар минтақаи фарохи Осиё ва паҳноҳои ҷаҳон шуҳрат пайдо кардааст.

**Ҳозирини муҳтарам!**

Илму маърифат, адабиёт ва саъю талош ба сӯйи дониш тайи ҳазорсолаҳо таҳкурсии ташаккули тамаддуни бостонии миллати тоҷикро ташкил додааст.

Маҳз ба шарофати ҳамин халқи тоҷик ба ҷаҳониён мутафаккирони барҷастаеро эҳдо кардааст, ки осори онҳо дар тӯли асрҳои зиёд таконбахши пешрафти илму фарҳанги ҳам Шарқу ҳам Ғарб гардидааст.

Ниёгони мо бо мероси адабиву фалсафӣ ва кашфиёти илмии худ дар самти илмҳои дақиқ, аз ҷумла, риёзӣ, нуҷум, табиатшиносӣ, тиб, кимиё, ҷуғрофиё, зироату обёрӣ ва меъморӣ дар рушди тамаддуни башарӣ саҳми назаррас гузошта‌анд.

Имрӯз низ Ҳукумати Тоҷикистон ҷиҳати ташаккули шароити мусоиди илмиву таълимӣ дар кишвар чораҳои зарурӣ меандешад.

Бар асари тадбирҳои дар ин самт андешидашуда дар 35 соли истиқлол теъдоди мактабҳои олӣ дар кишвари мо аз 13 то ба 51 ва шумораи донишҷӯён дар онҳо аз ҳафтод ҳазор то ба дусаду сӣ ҳазор нафар расидааст.

Ҳамзамон бо ин, мо ҳамеша кӯшиш ба харҷ медиҳем, ки барои ҷавонон шароиту имконоти заруриро ҷиҳати таҳсилу касбомӯзӣ дар хориҷи кишвар муҳайё созем.

Ҳоло зиёда аз чил ҳазор нафар ҷавонони Тоҷикистон дар муассисаҳои таҳсилоти олии қариб панҷоҳ кишвари дунё, ба шумули Ҷумҳурии Корея машғули омӯхтани илму дониш ва касбҳои муосир мебошанд.

Мо ҳавасманди идомаи ҳамкорӣ бо Донишгоҳи Корея ва дигар муассисаҳои таҳсилоти олии кишвари шумо, ҳамчунин, таҳкиму густариши табодули академӣ, татбиқи лоиҳаҳои муштараки илмӣ ва таҳқиқотӣ ҳастем.

Тавре ман иттилоъ дорам, яке аз вазифаҳои муҳимми Донишгоҳи Корея таълиму тарбияи мутахассисони баландихтисос оид ба масъалаҳои марбут ба муносибатҳои байналмилалӣ мебошад.

Аз ин лиҳоз, мехоҳам баъзе андешаҳои худро доир ба марҳалаҳои асосии рушди сиёсати хориҷии Тоҷикистон ва раванди густариши робитаҳои дӯстиву ҳамкориҳои судманди кишвари мо бо Ҷумҳурии Корея иброз намоям.

**Дӯстони гиромӣ!**

Ба ин наздикӣ, 9 сентябр, Тоҷикистон 35-умин солгарди бузургтарин дастоварди таърихи навини худ – Истиқлоли давлатиро ҷашн гирифт.

Тайи ин давра масъалаи дарёфти мавқеи шоиста дар арсаи ҷаҳонӣ ба ҳайси субъекти соҳибихтиёри низоми робитаҳои байналмилалӣ дар назди давлати мо ҳамчун яке аз вазифаҳои муҳимтарин қарор дошт.

Дар ин замина, мо аз ибтидо сиёсати хориҷии мутавозину сулҳомез ва созандаро роҳандозӣ намуда, имрӯз онро дар заминаи усули «дарҳои кушода» бемайлон пеш мебарем.

Ҳамин тариқ, Тоҷикистони муосир, дар баробари касби ҷойгоҳи сазовор дар арсаи байналмилалӣ, дар ҳама гӯшаю канори сайёра дӯстони зиёд пайдо кардааст.

Боиси хушҳолист, ки Ҷумҳурии Корея имрӯз дар сафи дӯстон ва шарикони наздику боэътимоди мо қарор дорад.

Кишварҳои моро анъанаҳои неки ҳамёрӣ, ки бар пояи усулҳои хайрхоҳӣ ба якдигар, ҳусни тафоҳум, эҳтироми ҳамдигар ва эътимод бунёд ёфтаанд, ба ҳам мепайванданд.

Соли оянда мо 35-солагии барқарории робитаҳои дипломатии кишварҳоямонро ҷашн мегирем.

Тоҷикистон натиҷаҳои амалии ҳамкориҳои ду ҷонибро, ки тайи ин давра ба даст омадаанд, баланд арзёбӣ мекунад.

Дар ин росто, мехоҳам аз нақши Агентии Корея оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ («КОЙКА») дар тақвияту тавсеаи пайгиронаи равандҳои ҷории шарикии кишварҳоямон бо изҳори қадрдонӣ алоҳида ёдовар шавам.

Боиси қаноатмандист, ки муносибатҳои кишварҳои мо имрӯз фарогири ҳамкориҳои босамар дар бахшҳои сиёсиву иқтисодӣ, тиҷоратӣ, ҳифзи муҳити зист ва дигар соҳаҳои мавриди таваҷҷуҳи ду ҷониб мебошанд.

Ҳамзамон бо ин, масъалаҳои таҳкиму тавсеаи робитаҳои фарҳангиву гуманитарӣ, бахусус, дар самти рушди захираҳои инсонӣ ва тандурустӣ мавриди таваҷҷуҳи доимии мо қарор доранд.

Мо азми қатъӣ дорем, ки ин равандҳоро мутобиқ ба манфиатҳои муштараки кишварҳоямон боз ҳам вусъат бахшем.

Дирӯз мо дар доираи сафари расмии инҷониб бо Роҳбарияти олии Ҷумҳурии Корея атрофи ҳолати кунуниву дурнамои ҳамкориҳои кишварҳоямон музокироти пурмазмун доир карда, уфуқҳои нави рушди онҳоро муайян намудем.

Бахшҳои воқеии иқтисод, бахусус, саноат, аз ҷумла, саноати сабук, хӯрокворӣ ва коркарди маъданҳо, энергетика, инфрасохтор, кишоварзӣ, ҳамчунин, соҳаҳои сармоягузорӣ, технологияҳои рақамӣ, иқтисоди «сабз», муҳоҷирати меҳнатӣ ва сайёҳӣ ҳамчун самтҳои оянда‌дори ҳамкорӣ арзёбӣ гардиданд.

Зимни музокирот, дар маҷмуъ, рағбати қавии ҷонибҳо ҷиҳати пешбурди минбаъдаи шарикии ҳамаҷониба таъкид гардид.

Аз ин нигоҳ, мо, ҳамчунин, аз натиҷаҳои аввалин саммити Муколамаи «Осиёи Марказӣ – Ҷумҳурии Корея», ки дирӯз баргузор шуд, истиқбол менамоем.

Мувофиқаҳои дар ин нишасти сатҳи олӣ бадастомада, бешубҳа, дар раванди рушди минбаъдаи ҳамкориҳои дуҷонибаву бисёрҷонибаи кишварҳои мо нақши муҳим хоҳанд дошт.

Кишвари мо дар ҳамкорӣ бо шарикони худ, аз ҷумла, Ҷумҳурии Корея пайваста талош дорад, то дар самти дарёфти роҳҳои ҳалли масъалаҳои мубрами рӯзномаи ҷаҳонӣ саҳмгузор бошад.

Тайи даҳсолаҳои охир ҷомеаи ҷаҳонӣ силсилаи ташаббусҳои кишвари моро дар соҳаҳои обу иқлим, рушди устувор, амният, сулҳу субот ва дигар мавзуъҳои рӯзмарра пазируфтааст ва чанде аз онҳо имрӯзҳо мавриди татбиқ қарор доранд.

Ба ин наздикӣ бо пешниҳоди Ҷумҳурии Тоҷикистон қатъномаи Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид оид ба эълон кардани «Даҳсолаи таҳкими сулҳ ба хотири наслҳои оянда барои солҳои 2027-2036» қабул гардид.

Ин иқдом боз як далели равшани идомаи талошҳои давлати мо дар роҳи пешбурди рӯзномаи ҷаҳонии сулҳ мебошад.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Маълум аст, ки робитаҳои гуманитарӣ ба таҳкими дӯстиву ҳамдигарфаҳмӣ миёни халқҳо ҳамаҷониба мусоидат менамоянд.

Ин ҳақиқати баҳснопазир, алалхусус, имрӯзҳо, ки замони рушди босуръати технология ва навовариҳо мебошад, маънии амиқ касб мекунад.

Дар ин замина, мо ба тавсеаи ҳамкориҳоямон бо кишвари шумо дар соҳаи таҳсилоти олӣ ва табодули академӣ аҳаммияти хос медиҳем.

Ҷониби Кореяи дӯст ҳамасола барои таҳсили ҷавонони Тоҷикистон дар донишгоҳҳои худ бурсияҳои таълимӣ ва грантҳо ҷудо мекунад.

Таъсиси марказҳои омӯзиши забони кореягӣ дар ҳашт донишгоҳи Тоҷикистон ва роҳандозии робитаҳои мустақими ҳамкорӣ миёни муассисаҳои таҳсилоти олии ду кишвар аз дастовардҳои муҳимми солҳои охир дар ин самт мебошанд.

Мо иқдомҳои хайрхоҳонаи дӯстонамонро дар Ҷумҳурии Корея баланд қадр мекунем ва хоҳони идомаи тавсеаи робитаҳои ду кишвар дар соҳаи маориф ҳастем.

Ҳоло дар Ҷумҳурии Корея аз кишвари мо беш аз 350 нафар донишҷӯ, аз ҷумла, дар Донишгоҳи Корея таҳсил менамоянд ва шумораи хоҳишмандони таҳсил дар донишгоҳҳои ин кишвари дӯст сол ба сол дар ҳоли афзоиш қарор дорад.

Ба ин манзур, мо алоқамандии зиёд кардани шумораи бурсияҳои таҳсилотии Ҷумҳурии Корея барои ҷавонони Тоҷикистон ҳастем.

Бовар дорам, ки густариши минбаъдаи ҳамкориҳо миёни кишварҳои мо дар соҳаҳои илму маориф барои тарбияи насли нави мутахассисони дар шароити муосир рақобатпазир пояҳои устувор мегузорад.

Итминон дорам, ки дипломи донишгоҳҳои Ҷумҳурии Корея ба ҷавонони мо дарвозаи наверо барои оянда боз хоҳад кард.

Бо истифода аз фурсат, мехоҳам ба донишҷӯёне, ки аз Тоҷикистон дар таълимгоҳҳои кишвари ба мо дӯсти Ҷумҳурии Корея таҳсил мекунанд ва намояндагони онҳо дар ин ҷо ҳузур доранд, бо чанд нуктаи мушаххас мурочиат намоям:

- шумо намояндагони насли ҷавони соҳибмаърифат ва оянда‌дасози Тоҷикистони соҳибихтиёр ҳастед;

- умеду ормонҳои мо аз шумо хеле зиёданд;

- ҳамеша дар ёд дошта бошед, ки ҳар кадоми шумо дар хориҷи кишвар, пеш аз ҳама, муаррифгари Тоҷикистони барои ҳамаи мо азиз, сафирони фарҳанги миллати бостонии мо ҳастед;

- шумо бояд давомдиҳандагони арзандаи кору пайкори аҷдоди худ ва мероси волои ахлоқиву маънавии онҳо бошед;

- бо истифода аз беҳтарин имкониятҳое, ки ин ҷо бароятон фароҳам оварда шудаанд, донишу малакаи худро васеъ гардонед ва нозукиҳои касбу ихтисосҳои интихобкардаатонро ҳамаҷониба аз худ намоед;

- забону фарҳанг ва таҷрибаву дастовардҳои беназири илмиву технологии мардуми Кореяро барои истифодаи самарабахш дар ҳаёт ва фаъолияти минбаъдаатон амиқ омӯзед!

Умед дорам, ки шумо дар оянда барои пешрафту шукуфоии Ватани азизамон хизмати арзанда хоҳед кард.

Ҳеҷ гоҳ фаромӯш накунед, ки ояндаи кишвари мо дар дасти шумо - ҷавонон - тахассисони соҳибилму дорои сатҳи баланди касбӣ аст!

Дар хотимаи сухани худ бори дигар ба ҳайати Донишгоҳи Корея барои ҳусни таваҷҷуҳ ва пазироии гарм ибрози сипоси самимӣ менамоям.

Ба ҳамаи шумо, ҳозирини гиромӣ, сиҳатмандии комил ва комёбиҳои навин, ба мардуми дӯсти Ҷумҳурии Корея сулҳу субот, шукуфоӣ ва пешрафти пойдор орзумандам!

**Аз таваҷҷуҳатон сипосгузорам!**

**Китоби тозанашри «Коллексияи Пешвои миллат дар Осорхонаи миллӣ» муаррифӣ шуд.**

ИФТИХОР

# МУЛОҚОТ БО УСТОДОНУ ДОНИШҶӮЁНИ ДОНИШГОҲИ КОРЕЯ ВА САРФАРОЗГАРДОНӢ БО УНВОНИ ДОКТОРИ ФАХРӢ

17 сентябр дар доираи сафари расмӣ ба Ҷумҳурии Корея Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Донишгоҳи Корея бо устодону донишҷӯён мулоқоти самимӣ анҷом доданд.

Дар оғози мулоқот бо қарори Шурои илмии донишгоҳ Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо унвони Доктори фахрӣ сарфароз гардонда шуданд.

Зимни суханронӣ Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба роҳбарият ва Шурои илмии донишгоҳ барои ба ин унвони баланд сазовор донистанашон изҳори сипос намуданд.

«Ман ин тасмимро боз як таъкиди алоқамандии ду кишвар ба рушду густариши муносибатҳои дӯстона, ҳамчунин, арзишҳои муштараки илмӣ ва фарҳангии миллатҳои куҳантаърихи мо медонам», - изҳор доштанд Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон.

Таъкид гардид, ки илму маърифат, адабиёт ва саъю талош ба сӯйи дониш тайи ҳазорсолаҳо таҳкурсии ташаккули тамаддуни бостонии миллати тоҷикро ташкил додааст. Маҳз ба шарофати ҳамин мардуми тоҷик ба чаҳониён мутафаккирони барҷастаеро эҳдо кардааст, ки осори онҳо дар тӯли асрҳои зиёд таконбахши пешрафти илму фарҳанги ҳам Шарқу ҳам Ғарб гардидааст.

Гуфта шуд, ки ниёгони мо бо мероси адабиву фалсафӣ ва кашфиёти илмии худ дар самти илмҳои дақиқ, аз ҷумла, риёзӣ, нуҷум, табиатшиносӣ, тиб, кимиё, ҷуғрофиё, зироату обёрӣ ва меъморӣ дар рушди тамаддуни башарӣ саҳми назаррас гузоштаанд.

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи тадбирҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ташаккули шароити мусоиди илмиву таълимӣ дар кишвар андешаронӣ намуданд.




Аз ҷумла, таъкид шуд, ки дар заминаи тадбирҳои дар ин самт амалишуда дар 35 соли истиқлол теъдоди мактабҳои олӣ дар кишвари мо аз 13 то ба 51 ва шумораи донишҷӯён дар онҳо аз 70 ҳазор то ба 230 ҳазор нафар расидааст.

Роҳбари давлат изҳор доштанд, ки мо ҳамеша барои ҷавонон ҷиҳати таҳсилу касбомӯзӣ дар хориҷи кишвар шароиту имконоти зарурӣ муҳайё месозем. Ҳоло зиёда аз 40 ҳазор ҷавони Тоҷикистон дар муассисаҳои таҳсилоти олии қариб 50 кишвари дунё, ба шумули Ҷумҳурии Корея машғули омӯхтани илму дониш ва касбҳои муосир мебошанд.

«Мо ҳавасманди идомаи ҳамкорӣ бо Донишгоҳи Корея ва дигар муассисаҳои таҳсилоти олии кишвари шумо, ҳамчунин, таҳкиму густариши табодули академӣ, татбиқи лоиҳаҳои муштараки илмӣ ва таҳқиқотӣ ҳастем», - иброз доштанд Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон.

Зимни суханронӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчунин, доир ба марҳалаҳои асосии рушди сиёсати хориҷии Тоҷикистон ва раванди густариши робитаҳои дӯстиву ҳамкории судманди кишвари мо бо Ҷумҳурии Корея андешаронӣ намуданд.

Гуфта шуд, ки кишварҳои моро анъанаҳои неки ҳамёрӣ, ки бар пояи усулҳои хайрхоҳӣ ба якдигар, ҳусни тафоҳум, эҳтироми ҳамдигар ва эътимод бунёд ёфтаанд, ба ҳам мепайванданд. Соли оянда мо 35-солагии барқарории робитаҳои дипломатии кишварҳоямонро ҷашн мегирем.

Дар ин зимн, нақши Агентии Корея оид ба ҳамкории байналмилалӣ (KOIKA) дар тақвияту тавсеаи пайгиронаи равандҳои ҷории шарикии кишварҳоямон таъкид гардид.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таҳкиму тавсеаи робитаҳои фарҳангиву гуманитарӣ, бахусус, самти рушди захираҳои инсонӣ ва тандурустиро аз масъалаҳои муҳимми муносибатҳои ду кишвар номиданд.

Таъкид гардид, ки мо ба тавсеаи ҳамкориҳоямон бо кишвари шумо дар соҳаи таҳсилоти олӣ ва табодули академӣ аҳаммияти хос медиҳем.

Зикр карда шуд, ки ҷониби Кореяи дӯст ҳамасола барои таҳсили ҷавонони Тоҷикистон дар донишгоҳҳои худ бурсияҳои таълимӣ ва грантҳо ҷудо мекунад. Ҳоло дар Ҷумҳурии Корея аз кишвари мо беш аз 350 нафар донишҷӯ, аз ҷумла, дар Донишгоҳи Корея таҳсил менамояд ва шумораи хоҳишмандони таҳсил дар донишгоҳҳои ин кишвари дӯст сол ба сол дар ҳоли афзоиш қарор дорад.

Таъсиси марказҳои омӯзиши забони кореягӣ дар ҳашт донишгоҳи Тоҷикистон ва роҳандозии робитаҳои мустақими ҳамкорӣ миёни муассисаҳои таҳсилоти олии ду кишвар аз дастовардҳои муҳимми солҳои охир дар ин самт арзёбӣ гардид.

Дар фароварди сухан Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳори бовар намуданд, ки густариши минбаъдаи ҳамкорӣ миёни кишварҳои мо дар соҳаҳои илму маориф барои тарбияи насли нави мутахассисони дар шароити муосир рақобатпазир пояҳои устувор мегузорад.

Дар саҳни Донишгоҳи Корея Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо як гурӯҳ ҷавонони хушторолеи даврони истиқлол, ки дар донишгоҳҳои Корея таҳсили илм доранд, суҳбати самимӣ доир намуданд.

Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон онҳоро ба истифодаи самараноки имконияти илмомӯзӣ, аз худ кардани забонҳои хориҷӣ ва риояи одобу интизоми баланд ҳидоят намуданд.

# Ифтитоҳи иншооти соҳаи маориф дар Суғд

**БОБОҶОН ҒАФУРОВ ВА СПИТАМЕН**

20 сентябр Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Анҷо-Инвест» ба таври фосилавӣ 11 иншооти таъиноти гуногунро, ки бо саҳми мақомоти давлатӣ ва соҳибкорони маҳаллӣ дар ноҳияҳои Бобоҷон Ғафуров ва Спитамен бунёд карда шудааст, мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.

Корхонаи истеҳсоли панелҳои минералии композитии Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Зартахта» бо таъсиси 30 ҷойи корӣ, муассисаи таҳсилоти томактабии хусусии «Дурахши Истиқлол» барои таълиму тарбияи 240 кӯдак, толори варзишии «Ҳафткалон» бо 50 ҷойи нишаст ва осоишгоҳи «Марҳабо» бо 30 кат дар шаҳраки Ғафуров, деҳоти Ёва, Ғозиён ва Унҷии ноҳияи Бобоҷон Ғафуров дар доираи тадбирҳои созандагию ободонӣ ба ифтихори ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёд карда шудаанд, ки бо амалӣ гардидани чунин иқдомоти шоиста рушди минбаъдаи соҳаҳои саноат, маориф, тандурустӣ ва варзиш дар маҳалҳо таъмин мешавад.

Зимни муаррифии имконият ва шароити фароҳамгардида ба Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ доданд, ки дар давоми панҷ соли охир бо саҳми мақомоти давлатӣ, соҳибкорони ҳиммат-баланд ва аҳолии созандаю бунёдкор дар марказ ва деҳоти ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, дар маҷмуъ, 2745 иншооти гуногун мавриди баҳрбардорӣ қарор дода шуд ва иҷрои нақшаи қаблан пешбинишуда 137 фоиз таъмин гардид.

Дар шаҳраки Навкат, деҳоти ба номи Турсун Улҷабоев, Куруш ва Истиқлоли ноҳияи Спитамен бошад, ба таври фосилавӣ 7 иншооти гуногун, аз қабили муассисаи таҳсилоти томактабии №6 бо фарогирии 300 кӯдак, бунгоҳи тиббӣ бо 10 ҳуҷраи корӣ, бинои шуъбаи маориф, маркази ташхису табобатии Шараёни Варид бо 26 кат ва 70 ҷойи корӣ, муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №13 барои 1350 хонанда дар ду баст, маркази саломатӣ бо 13 ҳуҷраи корӣ, коргоҳи пойафзолбарорӣ ва маҳсулоти дӯзандагии «Муҳайё» бо таъсиси 40 ҷойи корӣ ва иқтидори моҳонаи истеҳсоли 1500 ҷуфт пойафзол ва 6 ҳазор дона либос мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуд.

Тибқи маълумоти масъулин, аз соли 2022 то ин замон дар ноҳияи Спитамен баъди бунёду навсозӣ зиёда аз 800 иншооти гуногун мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шудааст ва ҳоло корҳои ободонию созандагӣ идома дошта, бо амалӣ намудани нақшаю барномаҳои мукаммал барои сокинон шароити созгори кору зиндагӣ фароҳам оварда мешавад.

Дар 11 иншооте, ки Роҳбари давлат ба таври фосилавӣ дар ноҳияҳои Бобоҷон Ғафуров ва Спитамен ба истифода доданд, бештар аз 300 нафар бо кори доимӣ таъмин шудаанд.

***

20 сентябр дар идомаи сафари кории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба вилояти Суғд дар деҳаи Ҳайдар Усмонови ноҳияи Бобоҷон Ғафуров гимназияи хусусии «Ҳаёт» мавриди истифода қарор дода шуд.



Ин муассисаи таълимӣ аз ҷониби соҳибкорони маҳаллӣ Абдухалил Розиқов, Ҷӯрабой Азимов, Муродҷон Ҷураев ва Нозим Ибрагимов бо сифати баланд ва дар муҳлати кӯтоҳ сохта шудааст. Бинои нави муассисаи таълимӣ аз 4 ошёна иборат буда, дорои 45 синфхона ва 41 ҳуҷраи ёрирасон мебошад.

Гимназия барои ба таҳсил фаро гирифтани 1200 хонанда дар як баст пешбинӣ шуда, дар он шароити зарурӣ фароҳам оварда шудааст.

Дар гимназия кабинетҳои мусиқӣ, ҳунаромӯзӣ, физика, химия, биология ва технологияҳои иттилоотӣ ташкил гардидаанд.

Таҷҳизонидани чунин синфхонаҳои фаннӣ имкон медиҳад, ки раванди таълим бо истифода аз усулҳои муосир ба роҳ монда шуда, шавқу завқи хонандагон ба омӯзиши илмҳои дақиқ, табиӣ ва технологияҳои нав бештар гардад.

Зимни шиносоӣ ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ дода шуд, ки дар муассиса маҷлисгоҳ бо 500 курсӣ, ошхона бо 200 ҷойи нишаст ва китобхонаи муосир сохта шудааст.

Иншооти ёрирасон имкон фароҳам меоранд, ки дар гимназия барои баргузории чорабиниҳои таълимию фарҳангӣ ва истифодаи васеи адабиёти таълимиву бадеӣ шароити муносиб муҳайё бошад.

Ҳамзамон, бо мавриди истифода қарор гирифтани гимназияи хусусии «Ҳаёт» 70 сокини маҳаллӣ бо корӣ доимӣ таъмин гардиданд.

*(Давомаш дар саҳ. 4)*

**22 сентябр дар шаҳри Душанбе таҳти унвони «Рӯдакӣ – эҳёгари андеша ва фарҳанги миллӣ» конференсияи байналмилалӣ баргузор гардид.**

*Ҳурмати устод ҳар кӣ надошт,*
*Алами илм бар ҷаҳон нафрошт.*
*Камолиддин Биной*



ФАЙЗИ ИСТИҚЛОЛ

*(Аввалаш дар саҳ. 3)*

**АШТ**

21 сентябр Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Ашт тариқи фосилавӣ 7 иншооти гуногунтаъйинотро мавриди истифода қарор доданд.

Аз ҷумла, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба таври фосилавӣ бинои нави шуъбаи маорифи ноҳияи Аштро низ ба истифода доданд.

Дар бинои нав, ки дар маркази ноҳия қомат афрохтааст, барои беш аз 50 нафар шароити муосири корӣ муҳайё карда шудааст. Бинои нави шуъбаи маорифи ноҳияи Ашт барои самаранокии фаъолияти кормандони соҳа заминаи зарурӣ фароҳам меорад.

Дар идома Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба таври фосилавӣ муассисаи таҳсилоти томактабиро дар деҳаи Дӯстии ноҳияи Ашт мавриди истифода қарор доданд.

Кӯдакистон барои 180 нафар пешбинӣ гардида, бо ба истифода додани он имконияти фарогирии кӯдакони деҳа ба таълиму тарбияи томактабӣ бештар мегардад.

Бунёди муассисаи мазкур бо ташаббуси соҳибкори маҳаллӣ Раҳмонзода Зоир Абдусамад сурат гирифтааст. Бо бунёди иншооти нави соҳаи маориф беш аз 20 сокини маҳаллӣ бо кори доимӣ таъмин шуданд.

Дар қатори иншооти бунёдгардида ва мавриди истифода қароргирифта, майдони Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳраки Шайдони ноҳияи Ашт низ ба таври фосилавӣ ба истифода дода шуд. Иншооти мазкур бо мақсади ободонӣ, зебо гардонидани муҳити шаҳрак ва баланд бардоштани ҳисси ватандӯстиву худшиносии миллӣ бунёд гардида, ба симои меъмории он ҳусни тоза зам менамояд.

Майдони Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тарҳи замонавӣ ва унсурҳои хоси фарҳанги миллӣ бунёд шуда, барои баргузории чорабиниҳои муҳимми ҷамъиятӣ, фарҳангӣ ва сиёсӣ низ метавонад истифода шавад.

Ҳамчунин, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бинои нави иловагии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №9 дар деҳоти Ориёни ноҳияи Аштро ба истифода доданд, ки он барои 240 хонанда шароити мусоиди таҳсилу тарбия фароҳам меорад. Бинои мазкур бо маблағгузории Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд бунёд гардидааст. Муассисаи нав дорои синфхонаҳои барҳаво ва шароити замонавӣ буда, барои баланд бардоштани сифати таълиму тарбия заминаи муносиб фароҳам месозад.

**ИСТИҚЛОЛ ВА ГУЛИСТОН**



Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар идомаи сафари корӣ ба шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд ба таври фосилавӣ 6 иншооти таъйиноти гуногунро дар шаҳрҳои Истиқлол ва Гулистон ба истифода доданд. Аз ҷумла, бинои навсозишудаи кӯдакистони «Садбарг» дар шаҳраки Адрасмони шаҳри Гулистон дар ҳамин рӯз тариқи фосилавӣ ба истифода дода шуд.

Ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ дода шуд, ки ин муассисаи таълимии томактабӣ барои ба тарбия фаро гирифтани 350 кӯдак аз таъмири асосӣ бароварда шуда, дар он барои ташаккули барвақтӣ ва ҷалби кӯдакон ба бозиҳои шавқовару зеҳнӣ шароити арзанда фароҳам оварда шудааст.

Дар бинои таъмиршудаи кӯдакистон 14 гурӯҳ фаъолият менамояд ва дар ин ҷо 55 нафар соҳиби ҷойи корӣ доимӣ гардиданд.

Дар ҳудуди шаҳри Гулистон 11 муассисаи томактабӣ, аз он ҷумла, 1 хусусӣ мавҷуд буда, шумораи кӯдакони дар онҳо ба таълим фарогирифташуда 2087 нафарро ташкил медиҳад, ки нисбати соли гузашта 108 кӯдак зиёд аст.

# «Хуршеди Истиқлол»



22 сентябр сафари кории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд дар шаҳри Хуҷанд идома ёфт.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нахуст дар маҳаллаи Навбаҳори шаҳри Хуҷанд бинои хуштарҳу замонавии кӯдакистони хусусии «Хуршеди Истиқлол»-ро ба истифода доданд. Муассисаи нави томактабӣ дар масоҳати 1300 метри мураббаъ бунёд гардида, барои 600 кӯдак пешбинӣ шудааст.

Кӯдакистон аз ҷониби соҳибкори маҳаллӣ Раҳим Раҷабзода дар заминаи дастгирӣ аз иқдомҳои созанда ва бунёдкоронаи Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба истиқболи ҷашни бузурги миллӣ – 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон сохта шуда, бо шароити зарурӣ барои таълиму тарбияи кӯдакон таъмин гардидааст.

Кӯдакистон аз се ошёна иборат буда, дорои 36 синфхона ва як қатор ҳуҷраҳои ёрирасон мебошад. Ҳамаи утоқҳои муассиса бо шароити муосир барои таълиму тарбияи кӯдакон таъмин гардида, мутобиқ ба талаботи имрӯза ҷиҳозонида шудаанд.

Таълим дар кӯдакистон бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ ба роҳ монда шуда, барои таълиму тарбияи кӯдакон мураббияҳои соҳибтаҷриба ба кор ҷалб гардидаанд. Дар маҷмуъ, дар ин муассиса беш аз 90 кас бо ҷойи кори доимӣ таъмин шудаанд. Бинои муассисаи томактабӣ бо таҷҳизоти муосири таълимӣ, техникӣ ва воситаҳои зарурии бехатарӣ таъмин буда, роҳравҳои дохилии он бо тасвирҳои қаҳрамонони афсонаҳо оро дода шудаанд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносоӣ бо шароити фароҳамгардида барои таълиму тарбияи кӯдакон бо тарбиятгирандагон суҳбати самимӣ анҷом дода, ба онҳо туҳфаҳо тақдим карданд.

Дар кӯдакистон бо мақсади ҷалби кӯдакону наврасон ба зебоипарастӣ, фарҳангдӯстӣ ва тарзи ҳаёти солим толорҳои мусиқӣ ва варзишӣ таъсис дода шудаанд. Муассиса, ҳамзамон, дорои нуқтаи тиббӣ, ҳуҷраи логопед ва ошхонаи барҳаво мебошад.

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суҳбат бо масъулону мураббияҳо бинои хуштарҳу замонавии кӯдакистонро туҳфаи арзишманд ба истиқболи 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маънидод карда, онҳоро даъват намуданд, ки барои тарбияи кӯдакон дар руҳияи ватандӯстиву хештаншиносӣ аз шароити фароҳамгардида самаранок истифода намуда, тамоми малакаю маҳорати худро равона созанд.

Дар саҳни кӯдакистон 18 айвонча мутобиқ ба талаботи муосир барои баргузории машғулиятҳо сохта шуда, майдончаи варзишӣ барои бозии кӯдакон ва гӯшаи табиати зинда ташкил гардидааст.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пас аз шиносоии пурра бо имконоти фароҳамгардидаи таълиму тарбия дар кӯдакистон ба таъсисдиҳандагони муассиса барои дастгирии ташаббусҳои созандаю бунёдкоронаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон изҳори қаноатмандӣ намуда, амалисозии чунин иқдомҳои наҷибро омили муҳим дар самти ноил гардидан ба ҳадафҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 маънидод карданд.



# «Нури Раҳмон»

22 сентябр Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Хуҷанд бинои нави муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №26-и «Нури Раҳмон»-ро мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.

Иншооти муосири таълимӣ дар доираи сиёсати маорифпарваронаи Ҳукумати кишвар ба ифтихори ҷашни муқаддас – 35-солагии Истиқлоли давлатӣ бо риояи талаботи стандартҳои байналмилалӣ ва тарҳу унсурҳои муосири меъморӣ бунёд гардидааст.

Мактаби замонавӣ чорошёна буда, аз ҳисоби маблағҳои буҷети Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд дар самти беҳсозии фазои таълиму тарбия ва рушди соҳаи илму маориф сохта шуда, барои 4 ҳазор хонанда дар ду баст пешбинӣ шудааст.

Корҳои сохтмонӣ дар иншооти мазкур соли 2025 оғоз гардида, дар муҳлати як сол бо сатҳу сифати баланд ба анҷом расонида шуд.

Муассисаи нав дорои 73 синфхона буда, аз ин шумора 15-тоаш кабинетҳои фаннии муҷаҳҳаз бо аёният ва лавозимоти зарурӣ, аз ҷумла, синфхонаҳои таълимии химия, биология, физика, география, математика, асосҳои кор бо компютер, омӯзиши забонҳои хориҷӣ ва ҳунаромӯзӣ бо технология барои писарону духтарон ва омодагии ҳарбӣ мебошанд.

Дар иншооти таълимӣ барои инкишофи зеҳни кӯдакон, аз ҳуд кардани донишҳои замонавӣ ва машғул шудани онҳо ба бозиҳои гуногуни шавқовар низ шароити хуб фароҳам оварда шудааст.

Муассиса, ҳамчунин, дорои озмоишгоҳҳои таълимӣ, ҳуҷраҳои кории омӯзгорон, китобхонаҳои анъанавию электронӣ, нуқтаи хизматрасонии тиббӣ, ошхона бо 200 ҷойи нишаст ва толори маҷлис бо 300 курсӣ мебошад.

Дар ин боргоҳи илму маърифат 38 омӯзгор ба таълиму тарбияи хонандагон машғул буда, раванди таълим тавассути камераҳои мушоҳидавӣ назорат карда мешавад.

Дар муассисаи тозабунёд Осорхонаи Пешвои миллат низ таъсис дода шуда, дар он аксҳои 5 давраи зиндагӣ ва ҳаёту фаъолияти Роҳбари давлат гирдоварӣ шудааст. Мавҷуд будани чунин осорхона дар муассиса бевосита ба баланд бардоштани ҳисси ватандӯстии наврасону ҷавонон ва арҷ гузоштан ба талошҳои пайваста ва шабонарӯзии Президенти кишвар муҳтарам

Эмомалӣ Раҳмон дар рушду нумуъ ва пешрафти Тоҷикистони соҳибистиқлол мусоидат хоҳад кард.

Толори барҳаво ва муҷаҳҳази варзишӣ, ки дар муассиса сохта шудааст, барои машқу тамрини футбол, волейбол, баскетбол, тенниси рӯйи миз ва шоҳмот, бевосита ба тарғибу ташаккули тарзи ҳаёти солим ва обутоб ёфтани хонандагон мусоидат мекунад.

Майдончаи варзишӣ аз бартариҳои дигари мактаб дар самти рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш унвон мешавад. Фароҳам овардани чунин шароит имкон медиҳад, ки хонандагон вақти холигии худро босамар гузаронида, ба варзиш машғул шаванд.

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносоӣ бо шароити муҳайёшуда дар иншооти таълимӣ ба сатҳу сифати корҳои сохтмонӣ баҳои баланд дода, ба омӯзгорон барои истифодаи оқилонаи имкониятҳои мавҷуда ва тарбияи ҷавонони босаводу лаёқатманд дастуру ҳидоятҳо доданд.

Зикр гардид, ки бо фароҳам гардидани шароити мусоиди таълиму тарбия дар тамоми муассисаҳои таълимии умумии кишвар бояд дар мадди аввал сифати таҳсилот ва дониш гузошта шавад.

Ба таъкиди Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, имрӯз бе илму навоварӣ, технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ ва ташаккули ҷаҳонбинии техникӣ қадаме ба пеш гузошта намешавад.

# «Ворисон»

22 сентябр Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар идомаи сафари корӣ ба вилояти Суғд дар шаҳри Хуҷанд як қатор иншооти нави истеҳсоливу иҷтимоиро ба таври фосилавӣ ба истифода доданд. Аз ҷумла, дар соҳаи маориф муассисаи таҳсилоти миёнаи хусусии «Ворисон» барои 550 хонанда ва муассисаи таҳсилоти томактабии хусусии «Ворисон» барои 150 кӯдак мавриди истифода қарор гирифтанд.

***www.president.tj***

**Аз 22 то 24 октябри соли 2026 дар Осорхонаи миллии Тоҷикистон Намоишгоҳи чордаҳуми байналмилалии «Китоби Душанбе» баргузор мегардад.**

ҲАФТАИ ВАЗОРАТ

16 сентябри соли 2026 дар Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба масъалаҳои омода намудани мутахассисон дар доҳил ва хориҷи кишвар ҷаласаи корӣ баргузор гардид.

Дар ҷаласа муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Мансурӣ Дилрабо Сайдулло, муовинони вазири маориф ва илм, намояндагони сохтору идораҳои дахлдор, роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва дигар масъулони соҳа ба таври ҳузурӣ ва маҷозӣ иштирок намуданд.

Муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Дилрабо Мансурӣ қайд кард, ки омода намудани мутахассисони баландихтисос дар доҳил ва хориҷи кишвар яке аз масъалаҳои муҳимми рушди соҳаҳои иҷтимоиву иқтисодии мамлакат ба ҳисоб рафта,



# Таваҷҷуҳ ба омода намудани мутахассисони варзида

дар ин самт ҳамоҳангсозии фаъолияти сохторҳои дахлдор ва истифодаи самараноки имкониятҳои мавҷуда зарур мебошад.

Дар идомаи ҷаласа масъалаҳои марбут ба низоми омодасозии кадрҳои баландихтисос, ба роҳ мондани таҳсили мутахассисон дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии дохил ва хориҷи кишвар, инчунин, тақвияти ҳамкориҳои байниидоравӣ дар самти тайёр намудани кадрҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Зимни ҷаласа таъкид гардид, ки дар шароити муосир омода намудани мутахассисони дорои донишу малакаи касбии ҷавобгӯ ба талаботи бозори меҳнат ва ниёзҳои рушди кишвар аҳаммияти муҳим дорад. Дар ин замина, истифодаи имкониятҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои таҳсили шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои таълимии хориҷӣ аз самтҳои муҳимми омодасозии кадрҳо арзёбӣ гардид.

Ҳамзамон, масъалаҳои такмили механизмҳои интихоби довталабон барои таҳсил дар хориҷи кишвар, муайян намудани самтҳои афзалиятноки омодасозии мутахассисон, мутобиқ намудани ихтисосҳо ба талаботи рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар ва истифодаи самараноки неруи кадрӣ баррасӣ шуданд.

Дар идомаи ҷаласа роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ оид ба имкониятҳои муассисаҳо, самтҳои омодасозии кадрҳо, ҳамкориҳои байналмилалӣ ва масъалаҳои марбут ба рушди таҳсилоти касбӣ маълумот пешниҳод намуданд.

Дар фарҷоми ҷаласа ҷиҳати такмили низоми омода намудани мутахассисон дар доҳил ва хориҷи кишвар, таҳкими ҳамоҳангсозии фаъолияти сохторҳои дахлдор, баланд бардоштани сифати таҳсил ва омода намудани кадрҳои ҷавобгӯ ба талаботи рушди кишвар ба масъулон дастуру супоришҳои мушаххас дода шуд.

18 сентябри соли 2026 дар Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаласаи ситоди онлайнии вазорат таҳти раёсати вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода баргузор гардид.

Дар кори ҷаласа прокурори калони раёсати назорати иҷрои қонунҳо оид ба ноболиғон ва ҷавонон, мушовири адлияи дараҷаи I Р. Холов, кормандони дастгоҳи марказии вазорат, роҳбарони муассисаҳои тобеъ, сардорону мудирони сарраёсат, раёсат ва шуъбаҳои маориф, инчунин, директорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии кишвар ба таври ҳузурӣ ва маҷозӣ иштирок намуданд.

Вазири маориф ва илм таъкид кард, ки рушди соҳаи маориф ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дошта, бо дастгирии пайвастаи давлату Ҳукумат барои рушди соҳа, баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсилот, бунёду азнавсозии муассисаҳои таълимӣ ва таҳкими заминаи моддиву техникии онҳо имкониятҳои зарурӣ фароҳам оварда шудаанд.

Вазир таъкид намуд, ки имрӯз аз ҳар як роҳбар ва корманди соҳаи маориф муносибати масъулиятнок, ташаббускорӣ ва иҷрои босифати вазифаҳои хизматӣ тақозо мегардад. Моро зарур аст, ки пеш аз ба миён омадани мушкилот, сабабҳои онро муайян намуда, барои пешгирӣ ва бартараф намудани онҳо чораҳои зарурӣ андешем. Ҳар як роҳбар бояд фаъолияти муассисаи худро таҳти назорати доимӣ қарор дода, нагузорад, ки масъалаҳои одии ташкилию идоракунӣ ба мушкилоти ҷиддӣ табдил ёбанд.

Сипас тибқи рӯзномаи ҷаласа масъалаҳои мубрами соҳа ва вазъи фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Дар ҷаласа, пеш аз ҳама, масъалаи муносибати дуруст ва фарҳанги муошират бо шаҳрвандон, аз ҷумла, падару модарон, хонандагон ва дигар муроҷиатқунандагон таъкид гардид.

# Баррасии масоили муҳим

Зикр шуд, ки ҳар як муроҷиати шаҳрванд бояд бо масъулият, эҳтиром ва дар доираи талаботи қонунгузорӣ баррасӣ гардида, барои ҳалли масъалаҳо роҳҳои қонунӣ ва муассир истифода шаванд.

Ҳамзамон, масъалаи таъмини хонандагон бо китобҳои дарсӣ мавриди таваҷҷуҳи ҷиддӣ қарор гирифта, ба масъулин супориш дода шуд, ки вазъи таъминоти муассисаҳои таълимиро пайваста назорат намуда, дар мавриди норасоии китобҳо сари вақт чораҳои зарурӣ андешанд.

Вазир ба масъалаи истифодаи самараноки технологияҳои муосири таълимӣ низ таваҷҷуҳ намуда, таъкид кард, ки воситаҳои техникии дар муассисаҳои таълимӣ мавҷудбуда бояд дар раванди таълим воқеан истифода шаванд. Истифодаи тахтаҳои электронӣ, технологияҳои рақамӣ ва дигар имкониятҳои муосир бояд ба баланд бардоштани сифати дарс ва фаъолнокии хонандагон мусоидат намояд.

Дар идомаи ҷаласа ба таълиму тарбия ва корҳои тарбиявӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардид. Зикр шуд, ки муассисаи таълимӣ танҳо макони таълим набуда, дар ташаккули ҷаҳонбинӣ, ахлоқ, фарҳанги муошират, масъулиятшиносӣ ва ҳисси ватандӯстии хонандагон нақши муҳим дорад. Аз ин рӯ, корҳои тарбиявӣ бояд мунтазам ва ҳадафмандона ба роҳ монда шаванд.

Масъалаи омодагӣ ба мавсими зимистон низ баррасӣ гардида, роҳбарони сохторҳои дахлдор вазифадор шуданд, ки вазъи омодагии муассисаҳои таълимиро сари вақт санҷида, масъалаҳои марбут ба гармидиҳӣ, таъмини сӯзишворӣ ва дигар шароити зарариро пеш аз фарорасии фасли зимистон ҳал намоянд.

Дар бахши дигари ҷаласа масъалаи омодагӣ ва иштироки хонандагон дар озмунҳои ҷумҳуриявии «Илм – фурӯғи маърифат», «Шоҳномахонӣ» ва «Фурӯғи субҳи доной китоб аст» мавриди баррасӣ қарор гирифт. Таъкид шуд, ки ҷалби хонандагон ба озмунҳо бояд бо назардошти шавқу завқ ва қобилияти онҳо сурат гирифта, омодагии иштирокчиён босифат ва шаффоф ба роҳ монда шавад. Ба масъулин супориш дода шуд, ки ҳангоми баргузории даврахои озмунҳо ба рioяи принсипҳои шаффофият, адолат ва объективӣ таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намоянд.

Дар идомаи ҷаласа прокурори калони раёсати назорати иҷрои қонунҳо оид ба ноболиғон ва ҷавонон, мушовири адлияи дараҷаи I Р. Холов вобаста ба рioяи қонунгузорӣ дар самти ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои ноболиғон, масъулияти муассисаҳои таълимӣ дар таълиму тарбияи хонандагон ва пешгирии ҳолатҳои номатлуб андешаронӣ намуд.

Ҳамчунин, сардори раёсати таҳсилоти миёнаи умумии вазорат Ш. Асомиддинзода оид ба вазъи фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, масъалаҳои ташкили раванди таълим, назорати сифати дарсҳо, таъминоти хонандагон бо китобҳои дарсӣ ва иҷрои супоришҳои дахлдор маълумот пешниҳод намуд.

Дар фарҷоми ҷаласа вазири маориф ва илм бори дигар ба роҳбарони сохторҳои соҳа таъкид намуд, ки ҳар як масъала бояд дар сатҳи худ сари вақт баррасӣ ва ҳал карда шавад. Мо бояд кӯшиш намоем, ки ба камбудиҳои пешгиришаванда роҳ надиҳем, мушкилотро пеш аз ҷиддӣ шудан муайян ва бартараф намоем ва фаъолияти худро боз ҳам ҷоннок созем.

Вазир масъулинро вазифадор намуд, ки иҷрои супоришҳои додашударо таҳти назорати қатъӣ қарор дода, ҷиҳати баланд бардоштани сифати таълим, таҳкими интизоми дохилии муассисаҳо, беҳтар намудани хизматрасонӣ ба шаҳрвандон, таъмини китобҳои дарсӣ, истифодаи самараноки технологияҳои муосир, омодагӣ ба зимистон ва иштироки шаффофу босифати хонандагон дар озмунҳои ҷумҳуриявӣ чораҳои мушаххас андешанд.

17 сентябри соли 2026 дар Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон вохӯрии муовини якуми вазири маориф ва илм бо намояндагони ширкати Eductrade баргузор гардид.

# Рушди ҳамкорӣ бо ширкати Eductrade ва истифодаи зеҳни сунъӣ

Дар вохӯрӣ масъалаҳои густариши ҳамкориҳои муштарак дар самти рушди соҳаи маориф, баланд бардоштани сифати таҳсилот, рақамикунонӣ, истифодаи технологияҳои зеҳни сунъӣ ва омодагӣ ба иштирок дар баҳодиҳии байналмилалии PISA-2029 мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Зимни вохӯрӣ муовини якуми вазири маориф ва илм ба Иттиҳоди Аврупо ва консорсиум таҳти роҳбарии ширкати Eductrade барои дастгирии пайваста ва саҳми назаррас дар рушди соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон изҳори сипос намуда, нақши лоиҳаи «Барномаи дастгирии таҳсилоти босифат II»-ро дар раванди ислоҳоти соҳа ва баланд бардоштани сифати таҳсилот муҳим арзёбӣ намуд.

Таъкид гардид, ки иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баҳодиҳии байналмилалии PISA-2025 яке аз қадамҳои муҳим дар самти ҳамгироӣ бо стандартҳои байналмилалии арзёбии сифати таҳсилот ба ҳисоб рафта, дар ин раванд дастгирии техникӣ ва машваратии лоиҳа аҳаммияти муҳим дошт. Дар ин замина, омодагии ҳамаҷониба ҷиҳати иштироки Тоҷикистон дар PISA-2029 ҳамчун яке аз самтҳои муҳимми ҳамкориҳои минбаъда муайян карда шуд.

Ҳамчунин, масъалаҳои рақамикунонии соҳаи маориф ва истифодаи имкониятҳои зеҳни сунъӣ дар фаъолияти сохторҳои соҳа мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтанд. Зикр гардид, ки рақамикунонии иқтисодиёт ва соҳаҳои иҷтимоӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, солҳои 2025-2030 бо ташаббуси Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» эълон гардидааст.

Дар ин замина, Вазорати маориф ва илм ҷиҳати омӯзиши имкониятҳои истифодаи технологияҳои муосир ва зеҳни сунъӣ дар фаъолияти дохилии вазорат корҳои таҳлилӣ ва омӯзиширо ба роҳ мондааст. Зикр гардид, ки дар марҳалаи аввал автоматизатсияи тақрибан даҳ раванди афзалиятноки фаъолияти вазорат пешбинӣ шуда, ҳадафи он содагардонии корҳои тақрорӣ, коркарди босуръати маълумот ва ҳуҷҷатҳо, коҳиш додани сарбории кормандон ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти онҳо мебошад.

Яке аз масъалаҳои муҳимми дигар такмили низоми кор бо муроҷиатҳои шаҳрвандон арзёбӣ гардида, таъкид шуд, ки истифодаи дурусти технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъӣ метавонад ба баррасии босуръати муроҷиатҳо ва пешниҳоди ҷавобҳои саривақтӣ ва босифат мусоидат намояд.

Дар идомаи вохӯрӣ масъалаи таҳия ва татбиқи «Консепсияи омодагӣ ба қорӣ намудани зеҳни сунъӣ барои низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон» баррасӣ гардида, ҷонибҳо зарурати таҳияи механизми воқеӣ ва амалишавандаи истифодаи зеҳни сунъиро, ки ба шароит ва талаботи низоми маорифи кишвар мутобиқ бошад, таъкид намуданд.

Ҳамзамон, ба масъалаи баланд бардоштани малакаҳои рақамии кормандон, омода намудани мутахассисони соҳавӣ ва ташаккули фарҳанги дурусти истифодаи технологияҳои зеҳни сунъӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шуд.

Дар вохӯрӣ иттилоъ дода шуд, ки дар доираи лоиҳа баргузории семинари омӯзишӣ оид ба зеҳни сунъӣ ба нақша гирифта шуда, дар он масъалаҳои рақамикунонӣ ва истифодаи технологияҳои зеҳни сунъӣ дар самтҳои гуногун баррасӣ хоҳанд шуд.

Дар фарҷом ҷонибҳо омодагии худро ҷиҳати таҳкими ҳамкориҳо дар самтҳои таҳияи консепсия, автоматизатсияи равандҳои афзалиятнок, баланд бардоштани иқтидори мутахассисон ва омодагӣ ба иштирок дар PISA-2029 баён намуда, таъкид карданд, ки татбиқи ташаббусҳои муштарак ба рушди минбаъдаи низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат хоҳад кард.

**Муассисаи давлатии «Тоҷикфилм» доир ба сарнавишти Борбади Марвазӣ филми ҳунарӣ ба навор мегирад.**

*Бе илм амал чун дирами қалб бувад, зуд*
*Расво шаваду шӯра бурун ораду зангор.*
*Носири Хусрав*



САБҚАТИ БЕҲТАРИНҲО

# Даври сеюми «Шоҳномахонӣ»



21 сентябри соли 2026 дар толори фарҳангии Маркази кӯдакон ва наврасони шаҳри Душанбе маросими ифтитоҳи даври сеюми Озмуни ҷумҳуриявии «Шоҳномахонӣ» баргузор гардид.

Дар маросими ифтитоҳ намояндагони Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, дастгоҳи Раиси шаҳри Душанбе, муовинони раисони ноҳияҳои пойтахт, ҳайати ҳакамон, омӯзгорон, иштирокчиёни озмун ва масъулони соҳаи маориф ҳузур доштанд.

Муовини якуми вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳомид Ҳошимзода оид ба аҳаммияти омӯзиши мероси адабӣ ва фарҳангии миллӣ, бахусус, «Шоҳнома»-и Ҳаким Абулқосим Фирдавсӣ дар тарбияи маънавии насли наврас ва ҷавон таъкид намуд.

Қайд гардид, ки Озмуни ҷумҳуриявии «Шоҳномахонӣ» имсол бори аввал дар сатҳи ҷумҳурӣ баргузор гардида, ҳадафи он ҷалби бештари аҳолӣ, махсусан, насли наврасу ҷавон ба омӯзишу мутолиаи «Шоҳнома» ва арҷгузорӣ ба мероси адабию фарҳангии миллӣ мебошад.

Тибқи маълумоти пешниҳодшуда, дар шаҳри Душанбе дар даври якуми озмун 58 ҳазору 210 нафар иштирок намуда, 6 ҳазору 453 нафар ба даври дуюм роҳ ёфтанд. Дар натиҷаи даври дуюм 155 нафар иштирокчӣ, бо дарназардошти ҷойҳои ифтихорӣ, ба даври сеюми озмун роҳхат гирифтанд.

Даври сеюми озмун аз 21 то 29 сентябри соли 2026 дар «Маркази кӯдакон ва наврасони шаҳри Душанбе» баргузор мегардад.

***

Дар шаҳри Ҳисор даври сеюми Озмуни ҷумҳуриявии «Шоҳномахонӣ» миёни ноҳияҳои Файзобод, Варзоб, Шаҳринав, Рӯдакӣ ва шаҳрҳои Ҳисору Роғуну Ваҳдат ва Турсунзода оғоз гардид.

Дар маросими ифтитоҳ раиси шаҳри Ҳисор Ҷаббор Носирзода иштирок ва суханронӣ намуд.

Зимни баромади худ таъкид кард, ки баргузории чунин озмунҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ барои баланд бардоштани маърифати фарҳангӣ, тақвияти завқи китобхонӣ ва арҷгузорӣ ба мероси адабии ниёгон, бахусус, осори безаволи Абулқосим Фирдавсӣ аҳаммияти муҳим дорад. Ӯ иштирокчиён, омӯзгорон ва масъулонро барои ҷалби бештари наврасону ҷавонон ба чунин озмунҳои маърифатӣ ва фарҳангӣ даъват намуда, ба ҳамаи иштирокчиён барору комёбӣ орзу кард.

Дар даври сеюми озмун беҳтарин иштирокчиён аз шаҳру ноҳияҳои зикршуда барои санҷиши донишу маҳорати худ иштирок намуда, аз ашъор ва достонҳои «Шоҳнома» қироат ва донишу маҳорати худро нишон медиҳанд.

***

Дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон даври вилоятии Озмуни ҷумҳуриявии «Шоҳномахонӣ» оғоз гардид.

Дар маросими ифтитоҳи даври вилоятии озмун намояндаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳбарияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят, масъулони соҳаи маориф, омӯзгорон, иштирокчиёни озмун, падару модарон ва дигар шахсони масъул иштирок намуданд.

Таъкид гардид, ки Озмуни ҷумҳуриявии «Шоҳномахонӣ» бо ташаббус ва иқдоми беназири Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон роҳандозӣ гардида, он барои ҷалби бештари насли наврас ба мутолиаи осори гаронбаҳои адабиёт, тақвияти ҳисси худшиносиву ватандӯстӣ ва арҷгузорӣ ба мероси фарҳангии ниёгон заминаи мусоид фароҳам меорад.

Озмуни омӯзгор ҳамчун як иқдоми беназир ба баланд бардоштани маърифати фарҳангӣ, тақвияти завқи китобхонӣ, рушди қобилияти суханварӣ ва азбар намудани осори адабии ниёгон мусоидат намуда, дар шинохти арзишҳои миллӣ ва фарҳангии хонандагон нақши муҳим дорад.

***

Даври сеюми озмун дар вилояти Суғд низ оғоз гардид. Дар маросим муовини раиси вилояти Суғд Зайнура Азимӣ, директори Маркази ҷумҳуриявии муассисаҳои таҳсилоти иловагии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Муяссара Давлатзода, сардори раёсати маорифи вилоят Гулсара Мирзозода, ҳайати ҳакамон, намояндагони соҳаи маориф, омӯзгорон ва иштирокчиёни озмун иштирок намуданд.

Таъкид гардид, ки озмуни мазкур ба тарғиби осори безаволи Абулқосим Фирдавсӣ, бахусус, «Шоҳнома», рушди фарҳанги китобхонӣ, таҳкими худшиносии миллӣ ва эҳтиром ба арзишҳои таърихию фарҳангии миллат равона шудааст.

Дар идомаи чорабинӣ ба иштирокчиёни озмун барои иштироки фаъол барору комёбӣ орзу карда шуда, нақши чунин чорабиниҳо дар рушди ҷаҳонбинӣ, маърифати маънавӣ ва баланд бардоштани завқи китобхонии насли наврас муҳим арзёбӣ гардид.

Дар даври вилоятии озмун аз шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд зиёда аз 460 нафар иштирок намуда, барои роҳхат ба даври ҷумҳуриявӣ байни ҳам рақобат менамоянд.

***

21 сентябри соли 2026 дар Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав маросими кушодашавии даври вилоятии Озмуни ҷумҳуриявии «Шоҳномахонӣ» баргузор гардид.

Дар он муовини раиси вилояти Хатлон Анзурат Абдусаломзода, сардори раёсати маорифи вилояти Хатлон Зиёдулло Абдулзода, мудирони шуъбаву бахшҳои маориф, намояндагони ҳайати комиссия ва дигар шахсони масъул аз шаҳру ноҳияҳои вилоят, инчунин, довталабони озмун иштирок намуданд.

Дар оғоз муовини раиси вилояти Хатлон суханронӣ намуда, оид ба ҳадаф ва аҳаммияти баргузории озмуни ҷумҳуриявии «Шоҳномахонӣ» андешаронӣ кард.

Зикр гардид, ки «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ асари бузурги адабӣ буда, дар он таърихи пурифтихор, ҷаҳонбинӣ, арзишҳои ахлоқӣ, қаҳрамонӣ, ватандӯстӣ ва фарҳанги чандинҳазорсолаи миллати тоҷик инъикос ёфтааст. Аз ин рӯ, ташвиқи мутолиа ва аз бар намудани достонҳои «Шоҳнома» барои шинохти таъриху фарҳанги миллӣ ва таҳкими ҳисси худшиносиву ватандӯстии насли наврас аҳаммияти хос дорад.

Сипас, сардори раёсати маорифи вилояти Хатлон доир ба омодагии довталабон ва раванди баргузории даври вилоятии озмун маълумот пешниҳод кард.

Қайд гардид, ки дар даври имсолаи озмун довталабон аз шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон иштирок намуда, баъди гузаштани марҳалаҳои якум ва дуюм ба даври вилоятӣ роҳ ёфтаанд. Дар ин раванд, барои муайян намудани довталабони воқеан арзанда, ки дорои донишу малака, қобилияти қироат, дарки мазмун ва шинохти амиқи «Шоҳнома» мебошанд, корҳои зарурӣ ба роҳ монда шудаанд.

Гуфта шуд, ки ташаббуси Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мавриди роҳандозии озмуни «Шоҳномахонӣ» дар ҷалби насли наврасу ҷавон ва умуман, қишрҳои гуногуни ҷомеа ба омӯзиши мероси адабию таърихии миллат аҳаммияти бузург дорад.

Дар идомаи маросим намояндагони ҳайати комиссия ва дигар шахсони масъул низ суханронӣ намуда, вобаста ба тартиби баргузории озмун, талабот, шартҳои иштирок ва бахшҳои он маълумоти зарурӣ пешниҳод карданд.

# Боздиди вазир аз рафти баргузории озмун

Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода дар шаҳри Хуҷанд аз рафти баргузории даври сеюми Озмуни ҷумҳуриявии «Шоҳномахонӣ» боздид намуд. Зимни боздид вазири маориф ва илм бо ҷараёни баргузории озмун, сатҳи омодагии иштирокчиён ва шароити фароҳамовардашуда барои гузаронидани даври сеюми озмун аз наздик шинос шуд.

Дар идомаи боздид вазири маориф ва илм бо падару модарони иштирокчиёни озмун суҳбати самимӣ анҷом дода, аз ташаббусҳои беназири Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти ташкил ва баргузории озмунҳои ҷумҳуриявӣ ёдовар шуда, онҳоро яке аз омилҳои муҳимми баланд бардоштани маърифату босаводӣ дар ҷомеа арзёбӣ кард.

Вазири маориф ва илм ба падару модарон барои заҳмату талошҳои пайвастаашон дар тарбияи фарзандони донишманд, соҳибмаърифат ва худшинос миннатдорӣ баён намуда, иброз дошт, азхудкунии амиқи мазмуну муҳтавои осори адабӣ ва ҳифзи арзишҳои миллию фарҳангӣ ташвиқ намуд.

Дар идомаи боздид вазири маориф ва илм бо аъзои ҳайати ҳакамон низ суҳбат анҷом дода, таъкид намуд, ки яке аз муҳимтарин шартҳои баргузории озмун таъмини шаффофият, адолат ва риояи меъёрҳои муқарраргардидаи баҳогузорӣ мебошад. Аз ҳайати ҳакамон даъват намуд, ки ҳангоми баҳогузории донишу маҳорати иштирокчиён ба сатҳи омодагӣ, донистани «Шоҳнома», мазмуну муҳтавои достонҳо, қироати ифоданок, ҷаҳонбинӣ ва дигар талаботи дар Низомномаи озмун муайянгардида таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намоянд.

# Душанбе: 157 нафар ба даври ниҳоӣ роҳхат гирифтанд

21 сентябри соли 2026 дар Литсейи ба номи Умари Хайёми ноҳияи Сино маросими ҷамъбасти даври шаҳрии Озмуни ҷумҳуриявии «Илм – фурӯғи маърифат» баргузор гардид.

Даври шаҳрии озмун аз 14 то 17 сентябр дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №15-и ноҳияи Сино баргузор гардида, иштирокчиён аз рӯйи номинатсияҳои математика, физика ва астрономия, химия, биология, география, технологияҳои иттилоотӣ, зеҳни сунъӣ ва барномасозӣ ва ихтироъкорӣ ва навоварӣ донишу малака ва қобилияти худро санҷиданд.

Дар маросими ҷамъбаст муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Илҳомуддин Иброҳимзода, муовини Раиси шаҳри Душанбе Раҳмиддин Саломзода, намояндагони сохторҳои соҳавӣ, аъзои ҳайати ҳакамон, омӯзгорон ва иштирокчиёни озмун иштирок намуданд.

Озмуни ҷумҳуриявии «Илм – фурӯғи маърифат» ба рушди шавқу рағбати хонандагону донишҷӯён ба илмҳои табиӣ, дақиқ ва риёзӣ, тавсеаи фаъолияти ихтироъкориву навоварӣ, омӯзиши технологияҳои муосир ва зеҳни сунъӣ, инчунин, таҳкими тафаккури илмӣ равона гардидааст.

Таъкид шуд, ки дастгирии ҷавонони соҳибистеъдод, фароҳам овардани имкониятҳои мусоид барои рушди истеъдод ва омода намудани кадрҳои ҷавони дорои донишу ҷаҳонбинии илмӣ яке аз самтҳои муҳимми сиёсати давлатӣ ба ҳисоб меравад.

Тибқи натиҷаҳои даври шаҳрии озмун, 157 нафар иштирокчӣ барои иштирок дар марҳалаи ниҳоии Озмуни ҷумҳуриявии «Илм – фурӯғи маърифат» роҳхат гирифтанд.

Дар фарҷоми чорабинӣ ғолибон ва ҷоизадорони даври шаҳрии озмун бо ҷом, диплом ва мукофотҳои пулӣ қадрдонӣ гардиданд.

**Аз 21 то 26 октябр дар шаҳри Душанбе Ҷашнвораи ҳаштуми байналмилалии театрҳои лухтак бо номи «Чодари хаёл» баргузор мешавад.**

ТАҲЛИЛ

# РАҚАМИКУНОНИИ МАОРИФ – ОМИЛИ БАЛАНД ГАРДИДАНИ СИФАТИ ТАҲСИЛОТ

**МУҚАДДИМА**

Дар шароити рушди босуръати технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ рақамикунонӣ ба яке аз омилҳои асосии дигаргунсозии ҷомеа ва иқтисоди муосир табдил ёфтааст. Имрӯз рақобатпазирии давлатҳо на танҳо аз захираҳои табиӣ ва имкониятҳои иқтисодӣ, балки пеш аз ҳама, аз сатҳи рушди сармояи инсонӣ, дониш, малака ва қобилияти истифодаи технологияҳои муосир вобаста мебошад.

Сармояи инсонӣ аз низоми маориф оғоз меёбад. Аз ин рӯ, рақамикунонии соҳаи маориф бояд ҳамчун як раванди фарогир ва дарозмуддат баррасӣ гардад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои охир барои ташаккули муҳити рақамии соҳаи маориф тадбирҳои муҳим амалӣ гардида, як қатор платформаҳо ва системаҳои рақамӣ таҳия ва мавриди истифода қарор гирифтаанд. Консепсияи гузариш ба таҳсилоти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2042, Барномаи ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ барои солҳои 2024-2028 ва Барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026-2030 самтҳои муҳимми ин равандро муайян менамоянд.

Бояд таъкид намуд, ки рақамикунонии маориф танҳо бо харидорӣ ва насби компютер, тахтаи электронӣ ё пайваст намудани муассиса ба интернет маҳдуд намешавад. Рақамикунонӣ, пеш аз ҳама, тағйир додани муносибат ба раванди таълим ва идоракунии он мебошад.

**ПЛАТФОРМАҲОИ РАҚАМӢ – ЗАМИНАИ НАВИ ТАЪЛИМ**

Яке аз самтҳои муҳимми рақамикунонии соҳаи маориф ташкили муҳтавои босифати рақамӣ мебошад. Дар ин самт Платформаи «Китобхонаи электронӣ» аҳамияти махсус дорад. Платформа бо мақсади фароҳам овардани дастрасии осон ба захираҳои рақамии таълимӣ таҳия гардида, дар он китобҳои дарсӣ, бадеӣ, маводи аудиоӣ, видеоӣ ва дигар воситаҳои таълимӣ дар шаклҳои электронии EPUB ва PDF ҷой дода шудаанд.

Мавҷудияти чунин захираҳо имкон медиҳад, ки раванди омӯзиш бо доираи китоби дарсии чопӣ маҳдуд нашуда, омӯзгор метавонад маводи иловагиро дар ҷараёни дарс истифода барад ва хонанда бошад, имкони такмил додани донишҳои худро низ пайдо намояд.

Платформаи рақамии таълимии «Сандуқчаи зулбиё» низ барои рушди таҳсилоти томактабӣ нақши муҳим дорад. Он дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд таҳия шуда, барои мураббиён ва волидони кӯдакони синни то шашсола маводи таълимӣ, методӣ, бозиҳо, машғулиятҳо, китобҳои бадеӣ, мақолаҳо ва дастуру тавсияҳоро пешниҳод менамояд.

Ҳамзамон, платформаи «Мактаб-мобайл» имкониятҳои омӯзиши рақамии хонандагон ва такмили ихтисоси омӯзгоронро васеъ менамояд. Платформа видео, китобҳои электронии дарсӣ ва маводи интерактивиро дастгирӣ намуда, ҳам дар шакли онлайн ва ҳам офлайн фаъолият карда метавонад.

Чунин имкониятҳо, махсусан, барои рушди таҳсилоти фарогир, дастрас намудани маводи таълимӣ ба минтақаҳои дурдаст ва ташкили омӯзиши мустақилонаи хонандагон муҳим мебошанд.

**EMIS – ГУЗАРИШ БА ИДОРАКУНИИ МАЪЛУМОТМЕҲВАР**

Яке аз дастовардҳои муҳимми рақамикунонии идоракунии соҳа таҷдид ва ҷорӣ намудани Системаи иттилоотии идораи соҳаи маориф - EMIS мебошад.

Низоми мазкур имкон фароҳам меорад, ки маълумоти муассисаҳои таълимӣ, хонандагон, омӯзгорон, давомот, натиҷаҳои таҳсил, ҷадвали дарсӣ, захираҳои кадрӣ, ҳисоботи оморӣ ва фаъолияти молиявӣ дар муҳити ягона ҷамъоварӣ ва таҳлил карда шавад.

Аҳаммияти асосии чунин низом дар он аст, ки қарорҳои идоракунӣ метавонанд бештар бар асоси маълумоти воқеӣ ва таҳлили нишондиҳандаҳо қабул карда шаванд. Ин равиш ба коҳиши ҳуҷҷатгузории коғазӣ, баланд гардидани шаффофият ва самаранокии идоракунӣ мусоидат мекунад.

Барои санҷиши амалии низоми нав татбиқи озмоишии EMIS дар муассисаҳои таълимии шаҳрҳои Турсунзода, Ҳисор, Ваҳдат ва ноҳияи Темурмалик роҳандозӣ гардидааст. Дар минтақаҳои озмоишӣ барои раёсату шуъбаҳои маориф ва муассисаҳои таълимӣ таҷҳизоти зарурии компютерӣ дастрас гардида, зиёда аз 400 нафар корманди соҳаи маориф аз омӯзишҳои махсус гузаронида шудаанд.

Натиҷаҳои мониторинги татбиқи озмоишӣ нишон медиҳанд, ки истифодаи EMIS ба такмили идоракунии муассисаҳои таълимӣ, коҳиши гардиши ҳуҷҷатҳои коғазӣ, баланд гардидани шаффофият ва омодасозии ҳисоботҳои таҳлилӣ мусоидат намудааст.

**РАҚАМИКУНОНӢ ВА ТАҲКИМИ РОБИТАИ МАКТАБ БО ОИЛА**

Яке аз талаботи муҳимми мактаби муосир таҳкими ҳамкории муассисаи таълимӣ бо волидон мебошад. Дар ин самт, замимаи мобилии «MaktabDG» имкониятҳои нав фароҳам меорад.

Тавассути он волидон метавонанд маълумотро оид ба давомот, натиҷаҳои таҳсил, вазифаҳои хонагӣ, ҷадвали дарсӣ ва дигар масъалаҳои марбут ба таълиму тарбияи фарзанд ба таври фаврӣ дастрас намоянд.

Баланд бардоштани сифати таҳсилот бе низоми муосири арзёбӣ имконнопазир аст. Дар ин раванд платформаи рақамии «Донишсанҷ» барои арзёбии дастовардҳои таълимии хонандагон ва мониторинги сифати таҳсилот тавассути тестҳо ва олимпиадаҳои фаннӣ пешбинӣ шудааст.

Платформа имкон медиҳад, ки санҷиш, арзёбӣ, таҳлил ва ҷамъбасти натиҷаҳои таълимӣ ба таври рақамӣ, шаффоф ва саривақтӣ анҷом дода шавад.

Ҳеҷ гуна платформа ё технологияи муосир наметавонад ҷойгоҳи омӯзгорро иваз намояд. Баръакс, рақамикунонӣ талаботро ба касбият ва салоҳияти омӯзгор бештар мекунад.

Омӯзгори муосир бояд на танҳо соҳиби дониши фаннӣ ва маҳорати педагогӣ, балки дорои салоҳияти рақамӣ низ бошад ва тавонад захираҳои электрониро дуруст интихоб ва истифода кунад.

Дар ин самт, платформаи Omuzgorpro.tj, ки дар асоси муҳити омӯзишии Moodle таҳия гардидааст, барои рушди низоми такмили ихтисоси омӯзгорон имкониятҳои нав фароҳам меорад. Ҳамзамон, Системаи иттилоотии такмили ихтисоси омӯзгорон барои ҷамъоварӣ, таҳлил ва баҳодиҳии маълумоти марбут ба рушди касбии омӯзгорон хидмат мекунад.

Иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арзёбии байналмилалии PIRLS-2026 бо истифода аз технологияҳои муосири рақамӣ баргузор гардид. Хонандагони синфи 4-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ супоришҳои арзёбиро тавассути таҷҳизоти компютерӣ, аз ҷумла, ноутбукҳо иҷро намуданд. Дар Тоҷикистон арзёбӣ ба таври берунхат (офлайн) роҳандозӣ гардида, истифодаи технологияҳои рақамӣ имкон фароҳам овард, ки раванди санҷиш ба талаботи муосири байналмилалӣ мутобиқ ва натиҷаҳо ба таври дақиқу шаффоф ҷамъоварӣ карда шаванд.



Марҳалаи асосии PIRLS-2026 дар 171 муассисаи таҳсилоти умумии 52 шаҳру ноҳияи ҷумҳурӣ бо иштироки тақрибан 7 ҳазор хонандаи синфи 4-ум баргузор гардид. Ҳадафи он муайян намудани сатҳи саводнокии хониш, қобилияти дарки матн, таҳлил, хулосабарорӣ ва истифодаи амалии иттилооти хондашуда мебошад.

**ОМОДАСОЗИИ КАДРҲО БАРОИ ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ**

Рақамикунонии маориф ба рақамикунонии худи низоми таълим маҳдуд намешавад, балки вазифаи муҳимтарини он омода намудани насли дорои дониш ва малакаҳои зарурӣ барои иқтисоди рақамӣ маҳсуб меёбад.

Тибқи маълумоти пешниҳодшуда, соли таҳсили 2025-2026 дар 11 муассисаи таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ аз рӯйи се ихтисоси самти рақамикунонӣ 474 донишҷӯ таҳсил менамуд. Аз ин шумора 452 нафар дар ихтисоси иқтисодиёти рақамӣ, 12 нафар дар педагогикаи рақамӣ ва 10 нафар дар самти рақамикунонии логистика ва нақлиёт таҳсил доштанд.

Яке аз самтҳои нави рушди таҳсилоти умумӣ омӯзиши асосҳои зеҳни сунъӣ дар синфҳои 10-11 мебошад. Ҷорӣ намудани чунин самт ба ташаккули саводнокии рақамӣ, тафаккури алгоритмӣ ва истифодаи масъулонаи технология равона шудааст.

Татбиқи самараноки ин раванд омодасозии омӯзгорон, таҳияи маводи методӣ, тайёр намудани тренерони миллӣ ва ташкили низоми устувори дастгирии машваратию техникӣ талаб мекунад.

Дар ин раванд, ҳамкории байналмилалӣ ва истифодаи таҷрибаи пешқадами кишварҳои дорои низоми муосири таҳсилоти рақамӣ метавонад ба рушди босуръати иқтидори миллӣ мусоидат намояд.

**ИНФРАСОХТОР – ОМИЛИ ДАСТРАСИИ БАРОБАР**

Барои рушди муҳити рақамии маориф инфрасохтори устувор аҳаммияти калидӣ дорад. Тибқи маълумоти пешниҳодшуда, дар муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ 104 ҳазору 240 компютер, 7653 тахтаи электронӣ ва 8834 проектор мавриди истифода қарор доранд. Ба интернет 2644 муассиса пайваст мебошад.

Ҳамзамон, яке аз масъалаҳои ҳалталаб суръат ва устувории интернет мебошад. Барои истифодаи пурраи хидматрасониҳои рақамӣ на танҳо пайвастшавӣ, балки интернети босуръат ва устувор зарур аст. Дар доираи лоиҳаи «Асосҳои рақамии Тоҷикистон» ва ташаббуси GIGA корҳои дахлдор идома доранд.

Дар ин замина, бояд ба масъалаи дастрасии баробар низ таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шавад. Муассисаҳои таълимии деҳот, минтақаҳои кӯҳӣ, хонандагони дорои эҳтиёҷоти махсус ва оилаҳои дорои имкониятҳои маҳдуд набояд аз раванди рақамикунонӣ берун монанд.

**ХУЛОСА**

Марҳалаи нави рақамикунонии соҳа тақозо менамояд, ки ислоҳоти ягонаи рақамии маориф ташаккул дода шавад. Пайваст намудани платформаҳои мавҷуда, ҳамоҳангсозии пойгоҳҳои маълумот, таъмини мубодилаи босамари иттилоот ва пешгирии такрори маълумот аз ҷумлаи вазифаҳои муҳимми давраи минбаъда мебошанд.

Ҳамзамон, масъалаҳои ҳифзи маълумоти шахсӣ ва амнияти киберӣ бояд дар маркази таваҷҷуҳ қарор гиранд. Бо афзоиши ҳаҷми маълумоти рақамӣ масъулияти муассисаҳои таълимӣ ва мақомоти идоракунӣ барои ҳифзи маълумоти хонандагон, омӯзгорон ва волидон низ меафзояд.

Бо татбиқи пайгиронаи сиёсати давлатӣ ва ҳамкории созандаи ҷонибҳо рақамикунонии маориф метавонад ба яке аз омилҳои асосии таҳкими сифати таҳсилот, рушди сармояи инсонӣ ва омода намудани насли донишманду соҳибмаърифат барои ҷомеаи муосир табдил ёбад.

***Бадриддин МУЗАФФАРЗОДА,***
***муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ***

*Ҳамчу луълу кунад, эй пур, туро илму амал,*
*Роҳи боби ту ҳамон аст, бирав бар раҳи боб!*
*Носири Хусрав*



РИСОЛАТ

***Дар суханронии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи дониш ва Дарси сулҳ ба масъалаҳои таълиму тарбия, интихоби дурусти касб, масъулияти падару модар ва омӯзгор, тарбияи ахлоқӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардид. Таъкид шуд, ки тарбияи ахлоқӣ бояд аз оила оғоз шуда, дар муассисаҳои таълимӣ пайваста идома ёбад ва падару модарон барои тарбияву камолоти фарзанд муҳити солим фароҳам оранд.***

# Таълиму тарбия самар медиҳад, агар...

Барои падару модар таваллуди фарзанд танҳо як рӯйдоди биологӣ нест. Он оғози силсилаи бузурги умедҳо мебошад ва тадриҷан тарбияи шоистаи он дар меҳвари фаъолияти волидайн қарор мегирад.

Кӯдак ба муассисаи томактабӣ меравад, зеро ин зина шароит фароҳам меорад, ки онҳо барои таҳсили пурсамар ба давраи минбаъда омода шавад.

Сипас 11 соли таҳсил оғоз меёбад. Ҳар субҳ падару модар фарзандро ба мактаб мефиристанд.

Пас аз мактаб интизории нав оғоз меёбад: фарзанд бояд ба донишгоҳ дохил шавад.

Чор-панҷ сол ва шояд бештар аз он вобаста ба ихтисос таҳсил мекунад.

Агар ба таври шартӣ тамоми давраи аз таваллуд то соҳибкасб шудани ҷавонро ҳисоб кунем, тақрибан чоряк асри ҳаёти ӯро ташкил медиҳад. Яъне, падару модар солҳо интизор мешаванд, харочот мекунанд, ғам мехӯранд, фарзандро дастгирӣ менамоянд ва дар ниҳоят, мехоҳанд натиҷа бинанд.

Дар суханронии Пешвои миллат масъалаи интихоби касб низ махсус таъкид шуд. Бо назардошти тағйирёбии бозори меҳнат ва рушди технологияҳо зарурати ташаккули фарҳанги интихоби касб ва муайян намудани қобилияту лаёқати касбии наврасон таъкид гардид. Ин масъала аҳаммияти стратегӣ дорад, зеро интихоби касб набояд танҳо аз рӯйи хоҳиши падар, модар ё «обрӯи ихтисос» сурат гирад. Ҷавоне ба хотири иҷрои хоҳиши дигарон касберо интихоб мекунад, ки ба қобилияту шавқи ӯ мувофиқ нест, метавонад диплом дошта бошад, вале соҳибикасб набошад.

Пешвои миллат бо таъкид ба зарурати ғамхории ҳамешагӣ ба кӯдак, аз ҷумла, таъмини ғизои босифат ва муносибати меҳрубонона ба ӯ ишора намуданд.

Кӯдаке, ки бояд фардо шаҳрванди босавод, солим, масъулиятшинос ва созандаи ҷомеа гардад, имрӯз ба муҳити солими ҷисмонӣ ва равонӣ ниёз дорад. Ғизои босифат ба саломатӣ, муносибати меҳрубонона ба ташаккули шахсият ва муҳити осоиштаи оилавӣ ба рушди маънавии кӯдак таъсир мерасонад.

Агар мо аз фарзанд дониш талаб кунем, вале ба ӯ муҳити омӯзиш фароҳам наорем, интизориҳои мо натиҷаи дилхоҳ намедиҳанд. Агар аз ӯ меҳрубонӣ талаб кунем, вале худ бо ӯ дағалона муносибат намоем, сухани мо таъсир нахоҳад дошт.

Аз ин рӯ, ғамхорӣ ба кӯдак танҳо вазифаи як оила нест, он масъалаи муҳимми иҷтимоӣ ва ояндаи миллат аст.

Дар фарҳанги мардуми мо мақоли маъруф ҳаст: «Фарзанди хуб – боғи падар, фарзанди бад – доғи падар». Ин ҷумла дар худ фалсафаи бузурги тарбияро ҷой додааст, зеро натиҷаи тарбия танҳо дар диплом ё маоши фарзанд зоҳир намешавад. Натиҷаи аслии тарбия дар рафтори ӯ, муносибаташ ба падару модар, Ватан, қонун, ҷомеа ва инсонҳои дигар таҷассум меёбад.

Пешвои миллат низ дар суханронии худ таъкид карданд, ки рафтору гуфтори шоиста ифодагари сатҳи тарбия ва симои маънавии шахс мебошад. Ҳамчунин, аз ҷумлаи омилҳои ба ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷиноят даст задани ҷавонон, дур мондан аз тарбияи падару модар, фориғболӣ дар таҳсил, надоштани касбу ҳунар ва ҳадафи муайян дар зиндагӣ номбар гардид.

Ҷомеа ба фарзандони имрӯз ҳамчун табибони фардо, омӯзгорон, муҳандисон, ҳуқуқшиносон, олимон, барномасозон, роҳбарон ва шаҳрвандони масъул менигарад. Яъне, интизории як оила тадриҷан ба интизории миллат табдил меёбад. Интизорӣ бояд ба масъулият табдил ёбад.

Зикр кардан бамаврид аст, ки фарзанди хуб танҳо самараи солҳои таҳсил нест, балки муҳаббат, эҳтиром, иззат, тарбия, дониш, меҳнат, назорат, муҳити солим ва намунаи шахсии калонсолон аст. Аз ин рӯ, суханронии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ба муносибати Рӯзи дониш метавон бознигарии масъулияти се ниҳоди асосӣ - оила, муассисаи таълимӣ ва ҷомеа арзёбӣ кард.

***Наимӣ Маҳмадулло РАҲИМЗОДА,***
***ИЗЗАТУЛЛОЗОДА Фарзона Иззатулло,***
***устодони кафедраи сиёсатшиносӣ ва робита бо ҷомеаи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон***

СУЛҲУ СОЗАНДАГӢ

# Таҳкурсии зиндагии шоиста

***Мардуми шарафманди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷашни 35-умин солгарди Истиқлоли давлатиро дар сатҳи баланд таҷлил намуданд. Соҳибистиқлолӣ ба кишвар ва мардуми он имконият дод, ки созандагию ободкорӣ намоянд ва дар таҳкими сиёсати байналмилалӣ нақши босазо гузоранд.***



Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин давра бо ташаббусҳои наҷиб эътибору эҳтиромашро дар сатҳи ҷаҳонӣ боло бурд. Бо ташаббуси Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Қатъномаи СММ дар бораи «Даҳсолаи байналмилалӣ оид ба таҳкими сулҳ барои наслҳои оянда, солҳои 2027-2036» қабул гардид.

Боиси ифтихор ва сарфарозии мардуми кишвар мебошад, ки ин иқдоми нек аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ пуштибонӣ ёфт. Ҳадафи асосии он эҳтиром гузоштан ба арзишҳои инсонӣ, волоияти қонун дар ҷомеа, қадру манзалати одам ва дар руҳияи ҳамраъйӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ кору фаъолият намудан мебошад.

Бояд қайд кард, ки ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон барои оромию осоиштагӣ, боло бурдани эътибори инсон дар ҷомеа, беҳтар шудани садоқату вафодорӣ дар байни халқҳо ва миллатҳо, накуию накукорӣ бахшида шудаанд.

Ҳамчунин, соли 2027 аз ҷониби СММ «Соли байналмилалии маърифати ҳуқуқӣ» эълон шуд. Бовар дорем, ки мардуми шарифи кишвар дар татбиқи ин ташаббуси наҷиб ва Қатъномаи СММ саҳми арзишманд мегузоранд.

Хуб аст, ки ташаббусҳои созандаи Пешвои миллат, чи дар дохили мамлакат ва чи дар сатҳи байналмилалӣ танҳо ба манфити инсон ва зиндагии шоиста, дӯстиву рафоқати байни халқу миллатҳо нигаронида шудааст. Маҳз ҳамин сиёсати созанда ва инсонпарваронаи Пешвои миллат буд, ки мардуми Тоҷикистон мушкилиҳои солҳои аввали соҳибистиқлолиро паси сар намуда, ба рушди устувор даст ёфтанд. Дар як муддати кӯтоҳ хоҷагии халқи мо рушд намуд, зиндагии мардум марҳала ба марҳала беҳтар шуд. Чор ҳадафи муҳимме, ки дар ин давра ба миён гузошта шуд, амнияти озуқаворӣ, истиқлоли энергетикӣ, раҳоӣ аз бумбасти коммуникатсионӣ ва саноатикунонии босуръат ҳисоб меёфт.

Ташаббуси навбатии ҷониби Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ ва вазъи нооромии баъзе минтақаҳои ҷаҳон такони ҷиддӣ мебахшад.

Қатъномаи СММ дар бораи «Даҳсолаи байналмилалӣ оид ба таҳкими сулҳ барои наслҳои оянда, солҳои 2027-2036» барои тарбияи насли ояндасоз нигаронида шудааст. Яъне, барои ояндаи орому осоишта ва рушдкунанда бояд заминаи мустаҳкаму устувор гузошт.

***ШАРИФӢ Рухшона Ҳумудин,***
***нотариуси калони давлатии идораи нотариалии давлатии ноҳияи Исмоили Сомонӣ***

МУЖДА

# 682 400 КИТОБИ ДАРСИИ «ЗАБОНИ РУСӢ» БАРОИ СИНФҲОИ 5 ВА 6



Дар доираи ҳамкориҳои байнидавлатӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия ва бо мақсади таҳкими ҳамкориҳои дуҷониба дар соҳаи маориф ба Ҷумҳурии Тоҷикистон китобҳои дарсии «Забони русӣ» барои синфҳои 5 ва 6-и муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ворид гардиданд.

Дар рафти супоридани китобҳои дарсӣ муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Б. Музаффарзода иштирок намуд.

Муовини вазир оид ба рушди минбаъдаи ҳамкориҳои дуҷониба дар соҳаи маориф, густариши робитаҳои таълимию фарҳангӣ ва татбиқи ташаббусҳои муштарак изҳори назар намуда, таъкид кард, ки чунин иқдомҳо барои таҳкими ҳамкориҳои судманд миёни муассисаҳои соҳавии ду кишвар ва фароҳам овардани имкониятҳои бештар барои рушди таълим мусоидат менамоянд.

Дар идомаи суҳбат мавсуф зикр намуд, ки ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия дар соҳаи маориф пайваста рушд намуда, дар ин раванд татбиқи лоиҳаҳои муштарак ва дастгирии шарикони соҳа густариш меёбад.

Дар доираи ин ҳамкорӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон 682 400 нусха китоби дарсии «Забони русӣ» барои синфҳои 5 ва 6 ворид гардидааст. Китобҳои дарсӣ аз ҷониби Вазорати маорифи Федератсияи Россия дар ҳамкорӣ бо ҶСК «Нашриёти «Просвещение»» ба Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуданд.

Китобҳои дарсии мазкур бо дарназардошти талаботи муосири раванди таълим таҳия гардида, барои баланд бардоштани сифати таълими забони русӣ, рушди малакаҳои забондонӣ ва беҳтар намудани заминаи таълимии хонандагон пешбинӣ шудаанд.

Китобҳои дарсӣ тибқи тартиби муқарраргардида ба муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон тақсим карда мешаванд.

***Маркази матбуоти***
***Вазорати маориф ва илми***
***Ҷумҳурии Тоҷикистон***

**Дар вилояти Суғд беш аз 1300 корхонаи саноатӣ фаъолият менамояд.**

ПРОБЛЕМА

# Телефонҳои мобилӣ дар муассисаҳои таълимӣ: мушкилот, таҷрибаи ҷаҳонӣ ва роҳҳои ҳалли он



**МУҚАДДИМА**

Дар суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи дониш ва Дарси сулҳ масъалаҳои муҳимми соҳаҳои маориф ва илм мавриди таҳлилу арзёбӣ қарор гирифтанд. Пешвои миллат ба баланд бардоштани сатҳу сифати таълиму тарбия, такмили мазмуну муҳтавои китобҳои дарсӣ, омода намудани мутахассисони баландихтисосу рақобатпазир, мутобиқ гардондани низоми таҳсил ба раванди рақамикунонӣ, беҳтар намудани шароити таълим, рушди муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсили ҷавонон дар хориҷи кишвар таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуданд. Дар ин замина, вазифаҳои мушаххасе муайян гардиданд, ки ҳамчун барномаи амал барои аҳли маориф, омӯзгорону муҳаққиқон ва масъулони муассисаҳои таълимӣ хидмат менамоянд.

Яке аз масъалаҳои муҳимме, ки дар суханронии Сарвари давлат мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифт, истифодаи дурусту самараноки телефонҳои мобилӣ, зеҳни сунъӣ ва технологияҳои муосир аз ҷониби кӯдакону наврасон ва ҷавонон мебошад. Масъалаи мазкур дар ҷомеаи ҷаҳонӣ низ аҳаммияти хосса пайдо карда, зарурати ҷустуҷӯ ва татбиқи роҳҳои муассири ҳалли онро ба миён овардааст.

**ТЕЛЕФОНИ МОБИЛӢ: ВОСИТАИ ОМӮЗИШ Ё ОМИЛИ ПАРЕШОНӢ?**

Телефони мобилӣ ба ҷузъи ҷудонашавандаи ҳаёти кӯдакону наврасон табдил ёфтааст. Ба воситаи он хонанда метавонад бо падару модар тамос гирад, маълумоти заруриро дастрас намояд ва аз барномаҳои таълимӣ истифода кунад. Аммо истифодаи бемавқеъ ва аз ҳад зиёди смартфон метавонад ба раванди таълим, солимии равонӣ ва муносибатҳои иҷтимоии кӯдакону наврасон таъсири манфӣ расонад. Аз ин рӯ, шумораи кишварҳое, ки истифодаи телефонҳои мобилиро дар муассисаҳои таълимӣ маҳдуд ё манъ мекунанд, сол ба сол меафзоянд.

Бино ба маълумоти ЮНЕСКО, то моҳи марти соли 2026 дар 114 низоми маориф маҳдудият ё манъи истифодаи телефонҳои мобилӣ дар мактабҳо амал мекард, ки тақрибан 58 дарсади кишварҳои ҷаҳонро ташкил медиҳад. Боливия, Коста-Рика, Хорватия, Гурҷистон, Малдив ва Малта аз ҷумлаи кишварҳое мебошанд, ки аз охири соли 2025 дар муассисаҳои таълимӣ чунин маҳдудиятҳоро ҷорӣ кардаанд.

Дар Бразилия қонуни федералӣ истифодаи дастгоҳҳои электронии шахсиро дар мактабҳои давлатӣ ва хусусӣ ҳам ҳангоми дарс ва ҳам дар вақти танаффус маҳдуд менамояд, аммо бо иҷозат ва дастури омӯзгор истифодаи онҳо барои мақсадҳои таълимӣ мумкин аст. Барои хонандагоне, ки бинобар вазъи саломатӣ ё эҳтиёҷоти махсус ба чунин дастгоҳҳо ниёз доранд, истисно пешбинӣ шудааст.

Дар Англия ҳукумат ба муассисаҳои таълимӣ тавсия додааст, ки истифодаи телефонҳои мобилиро дар давоми тамоми рӯзи таҳсил маҳдуд намоянд. Тартиби мушаххаси татбиқи ин тавсияро ҳар муассисаи таълимӣ мустақилона муайян мекунад.

Дар Олмон ва Иёлоти Муттаҳидаи Амрико манъи ягонаи саросарӣ вуҷуд надорад ва қоидаҳо асосан дар сатҳи иёлат ё минтақаҳо муқаррар карда мешаванд. Тибқи маълумоти ЮНЕСКО дар ИМА 15 иёлат истифодаи телефонҳоро манъ карда, 24 иёлати дигар аз муассисаҳои таълимӣ талаб мекунанд, ки қоидаҳои маҳдудкунандаи худро қабул намоянд.

Комиссияи Аврупо масъалаи маҳдуд кардани истифодаи телефонҳои мобилиро дар мактабҳои кишварҳои Иттиҳоди Аврупо мавриди омӯзиш қарор додааст. Ба ин маънӣ, 17 сентябри соли равон Комиссияи Аврупо тарҳи қонунеро пешниҳод кард, ки тибқи он, истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ, видеоплатформаҳо, чатботҳо ва ҳамсуҳбатҳои зеҳни сунъӣ барои кӯдакони то 13-сола дар ҳамаи 27 кишвари Иттиҳоди Аврупо манъ карда мешавад. Тибқи ин тарҳ, наврасони 13-14-сола танҳо бо иҷозати волидон ва на бештар аз як соат дар як рӯз метавонанд аз чунин платформаҳо истифода кунанд. Ҳамчунин, барои ҳифзи наврасони то 18-сола маҳдуд кардани дастрасӣ ба матолиби муҳтавояш зараровар, пешгирии робита бо шахсони ношинос ва кам кардани унсурҳое, ки боиси вобастагии онҳо мегарданд, пешбинӣ шудааст. Ширкатҳое, ки ин талаботро риоя намекунанд, метавонанд ба андозаи то 6 дарсади даромади солонаи ҷаҳониашон ҷарима шаванд. Қабул ва таъмини иҷрои қонун, бахусус, бо дарназардошти мушкилоти муайян кардани синну соли корбарон ва ҳифзи маълумоти шахсии онҳо осон нахоҳад буд. Бо вуҷуди ин, дар ин самт тамоюли фаъолияти муассисаҳои таълимӣ асосан ба салоҳияти худи давлатҳо вогузор шудааст.

Дар Нидерланд истифодаи смартфонҳо, планшетҳо ва соатҳои ҳушманд дар синфхонаҳо, роҳравҳо ва ошхонаҳои мактабҳои ибтидоӣ ва миёна манъ шудааст.

Дар Дания моҳи сентябри соли 2026 сарвазир Метте Фредериксен пешниҳод намуд, ки истифодаи телефонҳои мобилӣ дар тамоми ҳудуди мактаб, аз ҷумла, дар саҳни он пурра манъ карда шавад. Яке аз сабабҳои пешниҳоди мазкур натиҷаҳои пасти хонандагон дар арзёбиҳои байналмилалии PISA маҳсуб меёбад.

Дар Фаронса истифодаи дастгоҳҳои мобилӣ дар зинаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёна манъ аст. Ҳамчунин, лоиҳаи озмоишии «танаффуси рақамӣ» амалӣ мешавад, ки тибқи он, хонандагон ҳангоми ворид шудан ба муассисаи таълимӣ телефонҳои худро месупоранд.

Коршиносони аврупоӣ бар он назаранд, ки маҳдуд кардани истифодаи телефон бояд бо омӯзиши саводнокии рақамӣ, рушди тафаккури интиқодӣ, омода намудани омӯзгорон ва тақвияти ҳамкории муассисаҳои таълимӣ бо волидон ҳамроҳ бошад. Яъне, ҳадаф ташаккули муносибати огоҳона, бехатар ва масъулона ба технология мебошад.

ЮНЕСКО кишварҳои ҷаҳонро даъват мекунад, ки истифодаи телефонҳои мобилиро дар мактаб танҳо дар ҳолатҳое иҷозат диҳанд, ки он ба раванди таълим манфиат расонад. Дар гузориши ҷаҳонии мониторинги маориф таъкид мешавад, ки технология бояд ба ниёзҳои хонанда ва омӯзгор хидмат кунад, на ин ки ба раванди таълим халал расонад.

Тибқи арзёбии ин созмон, истифодаи аз ҳад зиёди телефон метавонад диққати хонандагонро парешон карда, ба устувории эҳсосӣ, қобилияти тамаркуз ва натиҷаҳои таълимии онҳо таъсири манфӣ расонад. Ҳамчунин, маҳдуд кардани истифодаи смартфонҳо метавонад хатари озори интернетӣ, сабти наворҳои беиҷозат ва паҳн кардани маводи таҳқиромезро коҳиш диҳад.

Дар ин замина, ЮНЕСКО таъкид менамояд, ки манъ кардани телефон мушкилоти муҳити рақамиро пурра ҳал намекунад. Мактаб бояд дар баробари ҷорӣ намудани маҳдудиятҳо ба хонандагон саводнокии рақамӣ, тарзи санҷидани дурустии иттилоот, идора кардани вақти истифодаи телефон ва қоидаҳои рафтори бехатар дар интернетро омӯзонад.

Сабаби асосии ҷорӣ намудани чунин маҳдудиятҳо таъсири телефон ба диққат ва фаъолияти маърифатии хонанда мебошад. Паёмҳо, бозиҳо, наворҳо ва шабакаҳои иҷтимоӣ метавонанд диққати ӯро аз шарҳи омӯзгор дур созанд. Ҳатто як нигоҳи кӯтоҳ ба телефон метавонад ҷараёни фикрро халалдор намояд.

**ТАШАББУСИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ВА РОҲҲОИ ҲАЛЛИ МАСЪАЛА**

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодаи телефони мобилӣ дар муассисаҳои таълимӣ тибқи талаботи қисми 10, моддаи 25 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» манъ карда шудааст: «Дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ, ибтидоии касбӣ ва миёнаи касбӣ аз тарафи хонандагон ва донишҷӯён истифодаи телефони мобилӣ манъ аст. Дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ аз тарафи донишҷӯён, аспирантон, докторантон, омӯзгорон ва дигар кормандон истифодаи телефони мобилӣ дар раванди таълим манъ аст». Ин тадбир, пеш аз ҳама, ба ҳифзи раванди таълим аз омилҳои парешонкунанда, баланд бардоштани масъулияти хонандагон ва фароҳам овардани муҳити мусоиди донишомӯзӣ равона гардидааст. Албатта, чунин муқаррарот маънои онро надорад, ки кӯдакону наврасон бояд аз технологияҳои муосир ва дастовардҳои ҷаҳони рақамӣ комилан дур нигоҳ дошта шаванд. Баръакс, масъалаи асосӣ омӯзонидани тарзи дуруст, мақсаднок ва самараноки истифодаи телефонҳои ҳушманд, интернет, шабакаҳои иҷтимоӣ ва дигар воситаҳои рақамӣ мебошад.

Ин масъала дар суханронии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи дониш ва Дарси сулҳ низ мавриди таваҷҷуҳи махсус қарор гирифт. Сарвари давлат оқибатҳои истифодаи бемаъёру беназорати телефонҳои ҳушманд ва шабакаҳои иҷтимоиро барои кӯдакону наврасон возеҳ шарҳ дода, таъкид намуданд: «Истифодаи бемаъёру беназорати телефонҳои ҳушманд ва шабакаҳои иҷтимоӣ ба солимии равонӣ, хоб, нутқ, ҳофиза, қобилияти азхудкунии саводу дониш, фаъолият ва рушди ҷисмонии онҳо зарари ҷиддӣ расонидааст. Хонандагон ба ҷойи он ки китоб хонанд, малакаҳои худро ташаккул диҳанд ё ба варзиш машғул шаванд, соатҳои зиёдро дар фазои маҷозии шабакаҳои иҷтимоӣ сарф менамоянд».

Ин таъкиди Пешвои миллат моҳияти масъала ва самти асосии ҳалли онро муайян менамояд. Ин ҷо сухан дар бораи манъи истифодаи телефон намеравад, балки ҳадаф ҳифзи солимии ҷисмонию равонӣ, тарбияи ахлоқӣ, рушди зеҳнӣ ва таъмини ояндаи кӯдакону наврасон мебошад. Агар истифодаи воситаҳои рақамӣ беназорат гузошта шавад, он метавонад боиси коҳиши таваҷҷуҳ ба дарс, суст шудани ҳофиза, халалдор гардидани хоб, кам шудани фаъолияти ҷисмонӣ, дуршавӣ аз китобхонӣ ва пайдо шудани вобастагии равонӣ гардад. Аз ин рӯ, дастуру вазифагузориҳои Сарвари давлат муҳим ва саривақтӣ буда, татбиқи онҳо муносибати низоммандро тақозо менамояд. Барои ҳалли масъала пурзӯр намудани назорати истифодаи телефонҳои мобилӣ дар муассисаҳои таълимӣ, баланд бардоштани фарҳанги иттилоотӣ ва саводи рақамии хонандагон, ба роҳ мондани дарсҳо ва суҳбатҳои махсус оид ба истифодаи бехатару масъулонаи интернет, омӯзонидани роҳҳои шинохтани хабарҳои бардурӯғ, маводи зараровар ва ғояҳои ифротгароёна, тақвият бахшидани ҳамкории мактаб, оила ва ҷомеа вобаста ба фазои маҷозӣ, вусъат додани фаъолияти маҳфилҳои китобхонӣ, варзишӣ, илмӣ, техникӣ ва эҷодӣ, истифодаи ҳадафманди технологияҳои рақамӣ дар раванди таълим таҳти назорати омӯзгор, таҳия ва татбиқи меъёрҳои мушаххаси истифодаи интернет ва воситаҳои рақамӣ барои гурӯҳҳои гуногуни синнусолӣ муфид хоҳад буд.

**ХУЛОСА**

Таҳлили вазъи ҷомеаи муосир нишон медиҳад, ки технологияҳои рақамӣ, телефонҳои ҳушманд ва зеҳни сунъӣ дар баробари имконоти фаровон хатару мушкилоти муайянро низ ба миён меоранд. Манъ кардани истифодаи телефон дар муассисаи таълимӣ наметавонад ҳамаи масъалаҳои вобаста ба технологияро пурра ҳал намояд, зеро хонандагон берун аз мактаб низ бо интернет, шабакаҳои иҷтимоӣ ва воситаҳои зеҳни сунъӣ рӯ ба рӯ мешаванд. Бинобар ин, маҳдудият бояд бо таълиму тарбия, назорати пайваста ва омӯзонидани тарзи истифодаи огоҳонаю масъулонаи воситаҳои рақамӣ ҳамроҳ бошад. Вазифаи муассисаи таълимӣ аз он иборат аст, ки раванди дарсро аз омилҳои парешонкунанда ҳифз намуда, ҳамзамон, хонандаро барои зиндагии бошуурона ва бехатар дар ҷаҳони рақамӣ омода созад. Дар сурати ба роҳ мондани фаъолияти ҳамоҳангшудаи мактаб, оила ва ҷомеа, метавон наслеро ба камол расонд, ки ҳам дорои донишу ҷаҳонбинии пешрафта бошад ва ҳам технологияҳои муосирро ба манфиати рушди шахсӣ, ҷомеа ва давлат истифода намояд. Технология бояд ба рушди дониш, тафаккур, эҷодкорӣ ва сармояи инсонӣ мусоидат кунад.

***Насриддин ОХУНЗОДА,***
***«Омӯзгор»***

**Дар шаҳри Душанбе бахшида ба 115-солагии Нависандаи халқии Тоҷикистон Сотим Улуғзода конференсияи доир гардид.**

*Ғӯл бошад, на олим он, ки аз ӯ*
*Бишнавӣ гуфту нангарӣ кирдор.*
*Абдулмаҷди Саноӣ*



МАКТАБИ ОЛӢ

# Таъмин бо китобҳои дарсӣ дар меҳвар

***Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханроніи хеш ба муносибати Рӯзи дониш ва Дарси сулҳ дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №105-и шаҳри Душанбе зикр намуданд: «Дар пешрафти соҳаи маориф ва густариш у тақвияти сатҳи сифати таълиму тарбия муассисаҳои таҳсилоти олии мамлакат нақши шоиста доранд. ... Заминаҳои моддиву техникӣ ва шароиту имкониятҳои муассисаҳои таҳсилоти олӣ мунтазам беҳтар шуда истодаанд».***

Воқеан ҳам, дар солҳои соҳибистиқлолӣ шумораи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар ҷумҳурӣ афзуда, айни замон теъдоди онҳо ба 51-то расидааст. Бар замми ин, ба як қатор муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар мақоми байналмилалӣ дода шудааст.

Бо мақсади шиносоӣ пайдо кардан бо вазъи таъминоти китобҳои дарсӣ ба ду муассисаи бонуфузи ҷумҳурӣ – Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ва Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон рафтем. Ректори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон Зоир Раҳмонзода иттилоъ дод, ки таъмин бо китобҳои дарсӣ ва адабиёти таълимиву методӣ яке аз омилҳои баланд гардидани сифати таҳсилот ба ҳисоб меравад. Бо ин мақсад, дар соли таҳсили 2025-2026 нуҳ ҷаласа доир шуда, дар онҳо 22 масъала, аз ҷумла, татбиқи натиҷаи корҳои таълимӣ-методии омӯзгорон дар ҷараёни таълим, баррасӣ ва ба нашр пешниҳод намудани китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимию методӣ ва илмӣ, аз ҷумла, 4 китоби дарсӣ, 24 дастури таълимӣ, 309 дастури методӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шуд. Ҳамчунин, тайи як соли охири таҳсил зиёда аз 20 монография низ нашр гардидааст.

Дар суҳбат бо доктори илмҳои техникӣ, профессори кафедраи технологияҳои маснуоти нассоҷӣ Холназар Иброҳимзода маълум гардид, ки ӯ тачрибаи чилсолаи корӣ дошта, 16 соли охир дар ҳамин донишгоҳ ба шогирдон дарс мегӯяд. Мавсуф, ҳамзамон, сардори шуъбаи татбиқи стратегияҳои донишгоҳ буда, муаллифи 32 китоби дарсӣ аст. Х. Иброҳимзода барои намуна ду китоби дарсии ба қарибӣ чопнамудааш: «Технология ва тачҳизоти коркарди аввалияи пахта» ва «Коркарди гармӣ, рутубатии ашё ва маҳсулоти нассоҷӣ»-ро ба мо манзур намуд.

Муовини ректор оид ба илм ва татбиқот Заррина Яминзода афзуд, ки асарҳои таълимии бевосита аз тарафи устодон – олимони донишгоҳ таълифгардида на танҳо дар худи ҳамин муассисаи таълимӣ, балки муассисаҳои дигари таҳсилоти олии касбии ҷумҳуриамон вобаста аз рӯйи ихтисос ҳамчун дастури таълимӣ мавриди истифода қарор доранд.

Сардори идораи корҳои илмӣ-тадбиқотӣ Рустам Назарзода, ки дар самти илм ва инноватсия дар донишгоҳ фаъолият дорад, гуфт, фонди китобхонаи илмӣ-электронӣ дар умум, 83565 номгӯй ташкил додааст, ки аз ин 35 126 ададашро дастурҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ дар бар мегиранд. Бояд гуфт, ки аз фонди умумии китобхона 20214 ададашро китобҳои вобаста ба фанҳои дақиқ ташкил медиҳад.

Ғайр аз устодоне, ки дар донишгоҳ фаъолият менамоянд, китобҳои дарсии муаллифони беруна низ истифода мешаванд. Вале агар ба китобҳои дарсии устодони худи донишгоҳ таваҷҷуҳ намоем, дармеёбем, ки дар ду соли охир (2024-2026) 29 номгӯйро ташкил медиҳад. Китобҳои дарсии З. Раҳмонзода «Иттилоотонӣ ва идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ», Ҳ. Аъзамқулов «Назарияи иқтисодӣ», Ғ. Ҳакимов «Равандҳо ва дастгоҳҳои истеҳсоли хӯрокворӣ», М. Икромӣ «Усулҳои физикӣ-химиявии муоинаи маводҳо», «Асосҳои биохимия», Ш. Назаров «Технологияи шир ва маҳсулоти ширӣ», Б. Қурбонзода «Технология ва тачҳизоти истеҳсоли ресандагӣ» ва ғайра аз ҳамин қабиланд.

Муовини ректор оид ба татбиқи стратегияҳо ва рушди технологияҳои инноватсионӣ, номзади илми иқтисодӣ Фирӯз Ғаффорзода иброз дошт, ки дар замони рушди технологияи навин, навиштани дастурҳои таълимӣ, таҳия, тарҷумаи дигар воситаҳои таълимӣ, хусусан, бо забони давлатӣ кори заҳматталаб мебошад.

– Яке аз омилҳои муҳимтарини беҳтар намудани раванди таълиму тарбия ва баланд бардоштани сифати он, мавҷуд будани заминаи моддӣ – техникии ҳозиразамон, бар замми ин, васоити таълимӣ, аз ҷумла, китобҳои дарсӣ ба шумор меравад,-гуфт зимни суҳбат ректори Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Хайрулло Назарзода,-зеро ин бевосита ба омода намудани мутахассисони баландихтисоси рақобатпазир дар бозори меҳнат мусоидат менамояд.

Мудири шуъбаи иттилоот ва робита бо ҷомеаи донишгоҳ Муҳитдин Ҳамитов иброз дошт, ки дар нуҳ кафедраи тахассусии донишгоҳ нақшаи чопи маводи таълимӣ ва таълимӣ-методӣ дар соли таҳсили 2025-2026 аз панҷоҳ то сад фисад ичро гардидааст. Китобҳои дарсии «Менеҷмент, маркетинг ва иқтисодиёти меҳнат», «Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит», «Иқтисоди ҷаҳон ва МИБ» ва «Фаъолияти бонкӣ» аллакай дар истифодаи устодону шогирдон қарор доранд, ки муаллифонашон устодони донишгоҳанд. Ғайр аз ин, 25 маводи таълимӣ, таълимӣ-методӣ, китобҳои дарсӣ соли таҳсили 2025-2026 дар ҷаласаҳои комиссияи экспертӣ оид ба табъу нашри фанҳои тахассусӣ баррасӣ гардида, ба чоп тавсия шудаанд. Ба таври намуна аз ҳамин силсила метавон китобҳои дарсии Қ. Кабутзода, Ҳ. Абдураҳмон «Идоракунии маркетинг», Ф. Рустамзода, М. Муқаддасзода «ФИБ – корхона», А. Мирзоалиев, Ё. Мирзоалиев «Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ» ва Л. Ҳалимов, Ҳ. Одинаев «Низоми бонкӣ»-ро номбар намуд.

Мудири китобхонаи илмӣ Абдуалим Ҳомидов зикр намуд, ки китобхонаи электронӣ навъи низоми дастёбӣ ба захираҳои иттилоотист, ки ба беҳбудии хидматрасонӣ дар ин самт мусоидат менамояд. Он дар канори китобхонаи анъанавӣ ба раванди хониш таъсири мусбат мерасонад. Ҳоло дар китобхона адабиёти таълимӣ 55930 нусхаро ташкил медиҳад.

Чунонки М. Ҳамитов иброз дошт, ба ҳар сурат, доир ба баъзе фанҳои таълимӣ норасоии китобҳои дарсӣ ба назар мерасад. Дар маҷмуъ, 85 фисади китобҳои таълимӣ дар истифодаанд. Бар замми ин, аксари китобҳои чопӣ дар шакли электронӣ низ дастрас карда шудаанд. Муовини якуми ректор оид ба таълим Абдукарим Қурбонов зикр намуд, ки бе китоби дарсӣ наметавон сифати таҳсилотро таъмин ва мутахассисони варзидаро омода кард. Бинобар ин, ҷиҳати навиштан китобҳои дарсӣ олимон дар асоси шартнома ҷалб шудаанд.

Дар ҳақиқат, китоб манбаи дониш ва ақлу хирад буда, мутолиа ва истифодаи мақсадноки он муҷиби комёбиҳои ҳар фард аст. Бинобар ин, бо китоб таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ ба баланд гардидани сифати таҳсилот мусоидат менамояд.

***Ҳотам ҲОМИДЗОДА,***
***«Омӯзгор»***

ХУДШИНОСӢ

**Дар асри XXI, ки бо суръати бесобиқаи ҷаҳонишавӣ, инқилоби иттилоотӣ ва таҳаввулоти шадиди геополитикӣ тавсиф меёбад, масъалаи ҳифз ва таҳкими худшиносии миллӣ ба яке аз мушкилоти калидии давлатҳои миллӣ табдил ёфтааст.**

# Омили муҳимми амнияти кишвар

Яке аз таҳдидҳои ҷиддии замони муосир ҷанги иттилоотӣ мебошад. Паҳншавии васеи шабакаҳои иҷтимоӣ ва платформаҳои рақамӣ имконият фароҳам овардааст, ки иттилооти таҳрифшуда, ғояҳои ифротӣ ва арзишҳои бегона ба осонӣ ба шуури ҷомеа роҳ ёбанд. Дар чунин фазо, агар шаҳрвандон дорои худшиносии миллӣ ва тафаккури интиқодӣ набошанд, онҳо ба осонӣ зери таъсири таблиғоти беруна қарор мегиранд.

Дар шароити ноустувории баъзе минтақаҳои ҷаҳон, ифротгароии идеологӣ ва мазҳабӣ ба таҳдиди ҷиддии амнияти миллӣ табдил ёфтааст. Таҷрибаи солҳои гузашта нишон медиҳад, ки гурӯҳҳои ифротӣ бештар ҷавононеро ҳадаф қарор медиҳанд, ки дорои ҳувияти заиф, ноустувории иҷтимоӣ ва эҳсоси бегонагӣ нисбат ба ҷомеа мебошанд. Дар Паёми навбатии Пешвои миллат ба Маҷлиси Олӣ (16.12.2025) таъкид шудааст, ки худшиносии миллӣ ва эҳсоси масъулият нисбат ба Ватан омили муҳимми муқовимат ба чунин таҳдидҳост. Ҷомеае, ки шаҳрвандони он худро қисми ҷудонопазири давлат эҳсос мекунанд, камтар ба таъсири ғояҳои ифротӣ гирифтор мешавад.

Муҳоҷирати меҳнатӣ, ки барои Тоҷикистон падидаи иҷтимоиву иқтисодӣ буда, аз як тараф, имконияти беҳтар кардани сатҳи зиндагиро фароҳам меорад, аз ҷониби дигар, дурӣ аз муҳити фарҳангии миллӣ метавонад боиси сустшавии робитаҳои ҳувиятӣ гардад.

Яке аз мушкилоти ҷиддии ҷомеаи муосир тағйироти босуръати арзишҳост. Арзишҳои суннатии ҷомеа, аз қабили эҳтиром ба калонсолон, масъулияти шаҳрвандӣ ва ҳамбастагии иҷтимоӣ зери таъсири фарҳангҳои бегона қарор мегиранд. Барои Тоҷикистон, ки ҷомеаи он бар пояи арзишҳои ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳамбастагӣ ташаккул ёфтааст, аз даст рафтани ин арзишҳо метавонад ба заифшавии пояҳои иҷтимоӣ оварда расонад.




Дар шароити муосир ватандорӣ унсури муҳимми амнияти миллӣ ба ҳисоб меравад. Давлате, ки шаҳрвандони он дорои ҳисси баланди ватандорӣ мебошанд, дар муқобили таҳдидҳои дохиливу хориҷӣ устувортар аст.

Аз таҳлилҳо бармеояд, ки масъалаи ҳисси ватандорӣ ва худшиносии миллӣ дар шароити кунунии ҷаҳонӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти ҳаётан муҳим дорад. Ҷаҳонишавӣ, ҷанги иттилоотӣ, ифротгароии идеологӣ, муҳоҷират ва тағйироти арзишӣ хатарҳое мебошанд, ки метавонанд ба ҳувияти миллӣ таъсири манфӣ расонанд.

***Истамой МИРЗОЕВА,***
***омӯзгори забони хориҷии***
***МТМУ №14-и шаҳри Гулистон***

# Дастури нав барои дарсҳои тарбиявӣ

Дастури методии «Мир начинается с каждого из нас: воспитание культуры мира» («Сулҳ аз ҳар яки мо оғоз мешавад: тарбияи фарҳанги сулҳ») ба табъ расид, ки муаллифи он Т. Холиқова мебошад.




Таҳияи дастури мазкур бо ташаббуси байналмилалии Тоҷикистон дар самти таҳкими сулҳ иртиботманд мебошад. Бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид 25 июни соли 2026 қатъномаи «Даҳсолаи байналмилалӣ оид ба таҳкими сулҳ ба хотири наслҳои оянда», солҳои 2027-2036-ро қабул намуд. Ҳадафҳои даҳсола таҳкими сулҳ, ташвиқи муколама, густариши ҳамкории байни наслҳо ва ҳифзи манфиатҳои наслҳои ояндаро фаро мегирад.

Муаллиф кӯшиш кардааст, ки мафҳумҳои сулҳ, дӯстӣ, меҳрубонӣ, ҳамдигарфаҳмӣ, эҳтиром, ризоият ва масъулияти шахсиро бо дарназардошти синну соли хонандагон шарҳ диҳад.

Дастур аз 11 сенарияи алоҳидаи дарсҳои тарбиявӣ барои хонандагони синфҳои 1-11 иборат аст. Мавзуъҳо мутобиқ ба хусусиятҳои синнусолии хонандагон тартиб дода шудаанд.

Дарсҳои тарбиявӣ дар баробари суҳбату шарҳи омӯзгор, бозиҳои интерактивӣ, викторинаҳо, муаммоҳо, машқҳои эҷодӣ, баҳсу муҳокима, таҳлили вазъиятҳо, кор бо санадҳои таърихӣ, мизи мудаввар ва лоиҳаҳои хурдро фаро гирифтаанд.

Дар синфҳои 1-4 таваҷҷуҳи асосӣ ба тарбияи ахлоқиву эҳсосӣ – меҳрубонӣ, дӯстӣ, оила, эҳтиром ва муҳаббат ба Ватан равона шуда, дар синфҳои 5-7 хонандагон тадриҷан бо таърихи истиқлолу ваҳдати миллӣ ошно мегарданд. Барои синфҳои 8-11 бошад, истифодаи маводи таърихӣ, санадҳо, санаҳо, мубоҳисаҳо ва масъалаҳои таҳлилӣ пешбинӣ шудааст.

Дастури «Сулҳ аз ҳар яки мо оғоз мешавад: тарбияи фарҳанги сулҳ», пеш аз ҳама, барои роҳбарони синфҳо, омӯзгорон ва дигар кормандони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ пешбинӣ гардидааст. Муаллиф таъкид мекунад, ки омӯзгор метавонад вобаста ба сатҳи омодагӣ, шавқу рағбат ва хусусиятҳои синфи худ мазмун, давомнокӣ, шакл ва усулҳои баргузории машғулиятҳоро тағйир диҳад.

Ба ин маънӣ, китоби мазкур метавонад ҳамчун маводи ёрирасони методӣ ҷиҳати баргузории дарсҳои тарбиявӣ ба омӯзгорон хидмат намояд.

***«Омӯзгор»***

**Китоби «Мероси таърихию фарҳангии шаҳри Душанбе» аз чоп баромад.**

САЙҚАЛИ ЗЕҲН

# ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲО ДОИР БА ОЛИМПИАДА

## Машғулияти бисту ҳафтум (синфҳои 8-9)

### ИСБОТИ НОБАРОБАРИҲО

**Масъалаи 124.** Исбот кунед, ки барои дилхоҳ ададҳои ҳақиқии $a$ ва $b$ нобаробарии зерин иҷро мешавад:

$\frac{a^4 + a^2b^2 + b^4}{3} \geq \frac{a^3b + ab^3}{2}$.

**Масъалаи 125.** Нобаробарии $x^2 + y^2 + z^2 + \geq 14$-ро исбот кунед, агар $x + 2y + 3z \geq 14$ бошад.

**Масъалаи 126.** Исбот кунед:

$\frac{1}{n+1} + \frac{1}{n+2} + \frac{1}{n+3} + ... + \frac{1}{2n} > \frac{1}{2}$, $(n > 1)$.

**Масъалаи 127.** Нобаробариро исбот кунед:

$\sqrt{6 + \sqrt{6 + \text{K} + \sqrt{6}}} + \sqrt{12 + \sqrt{12 + \text{K} + \sqrt{12}}} +$

$+ \sqrt{20 + \sqrt{20 + \text{K} + \sqrt{20}}} < 12.$

**Масъалаи 128.** Исбот кунед: $\cos^2 x \sin x \leq \frac{3\sqrt{6}}{16}$.

**Масъалаи 129.** Нобаробариро исбот намоед:

$a^2 + b^2 + 4 \geq ab + 2a + 2b$

$a^2 + b^2 + 1 \geq ab + a + b.$

### ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲО

**124. Исбот.** Нобаробарии додашударо ба махраҷи умумӣ оварда, онро табдил медиҳем:

$2a^4 + 2a^2b^2 + 2b^4 \geq 3a^3b + 3ab^3$;

$2a^4 + 2a^2b^2 + 2b^4 - 3a^3b - 3ab^3 \geq 0$.

Тарафи чапи нобаробариро бо методи гурӯҳбандӣ ба ҳамзарбҳо ҷудо мекунем:

$(2a^4 + 2a^2b^2 + 2b^4 - 3a^3b - 3ab^3 \geq 0$;

$(2a^4 - 4a^2b^2 + 2b^4) + (6a^2b^2 - 3a^3b - 3ab^3 \geq 0$;

$2\big((a^2)^2 - 2a^2b^2 + (b^2)^2\big) - 3ab\,(a^2 - 2ab - b^2) \geq 0$;

$2\big((a^2 - b^2)^2 - 3ab\,(a - b)^2 \geq 0$;

$2(a - b)^2\,(a + b)^2\,3ab\,(a - b)^2 \geq 0$;

$(a - b)^2\big(2(a + b)^2 - 3ab\big) \geq 0$;

$(a - b)^2\big(2a^2 + ab + 2b^2\big) \geq 0$.

Азбаски $|ab| \leq \frac{a^2 + b^2}{2}$ аст, он гоҳ $2a^2 + ab + 2b^2 \geq 0$ мешавад.

**Ҷавоб:** Исбот шуд.

**125. Исбот.** Нобаробариро ба 14 зарб мекунем:

$(x^2 + y^2 + z^2) \cdot 14 \geq 14^2$ ё ки


$(x^2 + y^2 + z^2) \cdot (1^2 + 2^2 + 3^2) \geq 14^2$;

$(x^2 + y^2 + z^2) \cdot (1^2 + 2^2 + 3^2) \geq (x + 2y + 3z)^2 \geq 14^2$.

Аз ин ҷо $x^2 + y^2 + z^2 \geq 14^2$ мешавад.

**Ҷавоб:** Исбот шуд.

**126. Ҳал.** Маълум аст, ки



$\frac{1}{n+1} > \frac{1}{n+n} = \frac{1}{2n}$;

$\frac{1}{n+1} > \frac{1}{n+n} = \frac{1}{2n}$;

$\frac{1}{n+2} > \frac{1}{n+n} = \frac{1}{2n}$;

$\frac{1}{n+(n-1)} > \frac{1}{n+n} = \frac{1}{2n}$;

$\frac{1}{n+n} = \frac{1}{2n}$ мешавад.

Тарафҳои чап ва рости ифодаҳои ҳосилшударо ҷамъ мекунем:

$\frac{1}{n+1} + \frac{1}{n+2} + \text{K} + \frac{1}{2n} > \frac{1}{2n} + \frac{1}{2n} + \text{K} + \frac{1}{2n} = \frac{1}{2n} \cdot n = \frac{1}{2}$

$\underbrace{\frac{1}{n+1} + \frac{1}{n+2} + \text{K} + \frac{1}{2n}}_{n\text{ ҷамъшаванда}} > \frac{1}{2n} + \frac{1}{2n} + \text{K} + \frac{1}{2n} = \frac{1}{2n} \cdot n = \frac{1}{2}\cdot$

**Ҷавоб:** Исбот шуд.

**127. Исбот.** Тарафи чапи нобаробариро ба тариқи зерин табдил медиҳем:

$\sqrt{6 + \sqrt{6 + \text{K} + \sqrt{6}}} + \sqrt{12 + \sqrt{12 + \text{K} + \sqrt{12}}} +$

$+ \sqrt{20 + \sqrt{20 + \text{K} + \sqrt{20}}} = \sqrt{6 + \sqrt{6 + \text{K} + \sqrt{6 + 3}}} +$

$+ \sqrt{20 + \sqrt{20 + \text{K} + \sqrt{20}}} = \sqrt{6 + \sqrt{6 + \text{K} + \sqrt{6 + 3}}} +$

$+ \sqrt{12 + \sqrt{12 + \text{K} + \sqrt{12 + 4}}} +$

$+ \sqrt{20 + \sqrt{20 + \text{K} + \sqrt{20 + 5}}} =$

$= \sqrt{6 + \sqrt{6 + \text{K} + \sqrt{9}}} + \sqrt{12 + \sqrt{12 + \text{K} + \sqrt{16}}} +$

$+ \sqrt{20 + \sqrt{20 + \text{K} + \sqrt{25}}} = \sqrt{6 + \sqrt{6 + \text{K} + 3}} +$

$+ \sqrt{12 + \sqrt{12 + \text{K} + 4}} + \sqrt{20 + \sqrt{20 + \text{K} + 5}} =$

$= 3 + 4 + 5 = 12.$

Азбаски ба тарафи чапи нобаробарӣ, ададҳои 3, 4 ва 5-ро ҷамъ карда будем, бинобар ин, ҳама вақт тарафи чапи нобаробарӣ аз 12 хурд мешавад.

**Ҷавоб:** нобаробарӣ исбот гардид.

**128. Исбот.** Ҳар ду тарафи нобаробариро ба квадрат мебардорем:

$\cos^6 x \sin^2 x \leq \frac{3\sqrt{6}}{16}$.

Тарафи чапи нобаробариро ба намуди зерин навишта, онро табдил медиҳем:

$\cos^6 x \sin^2 x = 27 \cdot \frac{\cos^2 x \sin x}{3} \cdot \frac{\cos^2 x}{3} \cdot \frac{\cos^2 x}{3} \cdot (1 - \cos^2 x) \leq$

$\leq 27 \cdot \frac{\cos^2 x}{3} \cdot \frac{\cos^2 x}{3} \cdot \frac{\cos^2 x}{3} \cdot \left(1 - \cos^2 x\right) \leq$ ¶

$\leq 27 \cdot \left( \frac{\frac{\cos^2 x}{3} + \frac{\cos^2 x}{3} + \frac{\cos^2 x}{3} + 1 - \cos^2 x}{4} \right)^4 =$

$\leq 27 \cdot \left( \frac{\cos^2 x + \cos^2 x + \cos^2 x + 3 - 3\cos^2 x}{3 \cdot 4} \right)^4 =$ ¶

$\leq 27 \cdot \left( \frac{3}{3 \cdot 4} \right)^4 = 27 \cdot \left( \frac{1}{4} \right)^4 = \frac{27}{4^4}$.

Аз ин ҷо $|\cos^2 x \sin x| \leq \frac{3\sqrt{6}}{16}$ шуда, $\cos^2 x \sin x \leq \frac{3\sqrt{6}}{16}$ мешавад.

**Ҷавоб:** Исбот шуд.

**129. Ҳал.** Ҳар ду тарафи нобаробариро ба 2 зарб мекунем:

$2a^2 + 2b^2 + 8 \geq 2ab + 4a + 4b.$

$2a^2 + 2b^2 + 2 \geq 2ab + 2a + 2b.$

Нобаробариро табдил дода, ифодаи ҳосилшударо гурӯҳбандӣ карда, ҳосил мекунем:

$2a^2 + 2b^2 + 2 - 2ab - 2a - 2b \geq 0$;

$(a^2 - 4a + 4) + (a^2 - 2ab^2 + b^2) + (b^2 - 4b + 4) \geq 0$;

$a^2 + 2a + 1 + a^2 - 2ab^2 + b^2 + b^2 - 2b + 1 \geq 0$;

$(a - 2)^2 + (a - b)^2 + (b - 2)^2 \geq 0$.

$(a - 1)^2 + (a - b)^2 + (b - 1)^2 \geq 0$.

Суммаи се узви тарафи чапи нобаробарӣ ҳангоми $a \neq 2$ ва $a = 1$ $b \neq 2$ $a$, $b$ $a \neq 1$ будан, аз сифр калон аст. Пас, нобаробарии матлуб дуруст аст.

***Мамадҷон МАҲКАМОВ,***
***профессори кафедраи методикаи таълими математикаи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ***

# МАСЪАЛАҲОИ ШАВҚОВАРИ ФИЗИКӢ

**Масъалаи 1.** Дар дарғоти неругоҳи барқи обӣ ҳар сония 510 тонна об ба қадри 10 м ба поён меафтад. Тавоноии барқи неругоҳ 10 Мвт аст. ККФ (коэффитсиенти кори фоиданок)-и обӣ ғалтон чӣ қадар аст?

**Дода шудааст:**

m = 510 тонна = $510 \cdot 10^3$кг

h = 10 м

N = 10 МВт = $10 \cdot 10^6$ Вт

$\eta$ = ?

**Ҳалли масъала**

**Ҳалли масъала бо роҳи якум.** Барои ҳалли ин масъала аз формулаи зерин истифода бурда, формуларо табдил диҳӣ мекунем:

$\eta = \frac{N_1}{N_2} \cdot 100\%$ $N = \frac{A}{t}$

$F = mq$ $A = F \cdot S$

$\vartheta = \frac{S}{t}$ $S = \vartheta \cdot t$

$N = \frac{A}{t} = N = \frac{F \cdot S}{t} = \frac{F \cdot \vartheta \cdot t}{t} =$

$= F \cdot \vartheta$ $N = F \cdot \vartheta$ $\vartheta = \sqrt{qR}$


Ин формулаҳоро дар формулаи боло мегузорем:

$\eta = \frac{N_1}{N_2} \cdot 100\% = \frac{N_1}{F \cdot \vartheta} \cdot 100\% \cdot =$

$= \frac{N_1}{\sqrt{qR}} \cdot 100\% = \frac{N_1}{mq\sqrt{qR}} \cdot 100\%$

$\eta = \frac{N_1}{mq \cdot \sqrt{qR}} \cdot 100\%.$

Акнун қиматҳои дар боло бударо дар ин формула гузошта, суди ККФ-и обӣ ғалтонро меёбем.



$\eta = \frac{N_1}{mq \cdot \sqrt{qR}} \cdot 100\% =$

$= \frac{\text{40} \cdot 10^6\ \text{Вт}}{510 \cdot 10^3\ \text{кг} \cdot 10\text{м/с}^2 \sqrt{10\text{м/с}^2 \cdot 10\ \text{м}}} \cdot 100\% =$

$= \frac{10 \cdot 10^6}{51 \cdot 10^5 \sqrt{100}} \cdot 100\% =$

$= \frac{10 \cdot 10^6}{51 \cdot 10^5 \cdot 10} \cdot 100\% =$

$= \frac{10 \cdot 10^6}{51 \cdot 10^5 \cdot 10} \cdot 100\% =$

$= \frac{10 \cdot 10^6}{51 \cdot 10^6} \cdot 100\% = \frac{10}{51} \cdot 100\% =$

$= 0.2 \cdot 100\% = 20\ \%$

**Ҷавоб :** 20 %

Яъне, ККФ-и обӣ ғалтон ба 20% баробар будааст.

**Роҳи дуюми ҳал.** Ин масъаларо бо роҳи осонтар ҳал карда, ин формулаҳоро дар он мегузорем.

$\eta = \frac{N_1}{N_2} \cdot 100\%$ $N = \frac{A}{t}$ $F = mq$ $\vartheta = \frac{S}{t}$ $S = h$

$N = \frac{A}{t} = \frac{F \cdot S}{t} = \frac{mqh}{t}$ $\vartheta = \frac{S}{t}$

$t = \frac{S}{\vartheta} = \frac{S_1}{\sqrt{qR}} = \frac{10\ \text{м}}{\sqrt{10 \cdot 10}} =$

$= \frac{10\ \text{м}}{\sqrt{100}} = \frac{10\ \text{м}}{\sqrt{10\ \text{м/с}}} = 1\ \text{с}.$

$N = \frac{A}{t} = \frac{F \cdot S}{t} = \frac{mqh}{t} =$

$= \frac{5.1 \cdot 10^5 \cdot 10 \cdot 10\ \text{м}}{1\ \text{с}} = \frac{5.1 \cdot 10^5 \cdot 100}{1\ \text{с}} =$

$= \frac{5.1 \cdot 10^5 \cdot 10^2}{1\ \text{с}} = \frac{5.1 \cdot 10^7}{1\ \text{с}} =$

$= \frac{5.1 \cdot 10^7\ \text{ВТ}}{1\ \text{с}}$

$\eta = \frac{N_1}{N_2} \cdot 100\% = \frac{1 \cdot 10^7}{5.1 \cdot 10^7} \cdot 100\% =$

$= \frac{1}{5} \cdot 100\% = 0.2 \cdot 100\% = 20\ \%$

**Ҷавоб:** 20%

Яъне, ҷавоби ин масъала бо роҳи дуюм ҳам 20% ҳосил шуд.

**Масъалаи 2.** Тавоноии фоиданоки насос 10 кВт аст. Ҳамин гуна насос дар чуқурии 18 м дар 1 соат чӣ қадар об мебарорад?

**Дода шудааст:**

$N = 10$ кВт $= 10 \cdot 10^3$ Вт

$h = 18$ м

$t = 1$ соат $= 60$ дақиқа $= 60 \cdot 60$с $= 3600$с

$V$ = ?

**Ҳалли масъала**

Дар ҳалли ин масъала формулаҳои зеринро истифода мебарем:

$N = \frac{A}{t}$ $F = mq$ A = F · S $\vartheta = \frac{S}{t}$

Ин формулаҳоро дар формулаи тавоноӣ мегузорем:

$N = \frac{A}{t} = \frac{F \cdot S}{t} = \frac{mqh}{t}$ $\rho = \frac{m}{V}$

$m = \rho \cdot V$

$N = \frac{A}{t} = \frac{F \cdot S}{t} = \frac{mqh}{t} = \frac{\rho Vqh}{t}$ $N = \frac{\rho Vqh}{t}$

$N = A/t = (F \cdot S)/t = mqh/t = \rho Vqh/t$ $N = \rho Vqh/t$

Акнун аз формулаи ҳосилшуда ҳаҷми оби насосро меёбем, ки он чӣ қадар обро кашида баровардааст:

$N = \frac{\rho Vqh}{t}$ $tN = \rho Vqh$ $V = \frac{Nt}{\rho qh}$

$V = \frac{Nt}{\rho qh} = \frac{10 \cdot 10^3\ \text{Вт} \cdot 3600\ \text{с}}{1000\ \text{кг/м}^3 \cdot 10\ \text{м/с}^2 \cdot 18\text{м}} =$

$= \frac{10^4 \cdot 36 \cdot 10^2}{18 \cdot 10^4} = \frac{36 \cdot 10^6 \cdot 10^{-4}}{18 \cdot 10^4} =$

$= \frac{36 \cdot 10^6 \cdot 10^{-4}}{18} = \frac{36 \cdot 10^2}{18} = \frac{3600}{18} = 200\ \text{м}^3.$

**Ҷавоб:** 200 м3

Яъне, насос дар як соат ба миқдори 200 м$^3$ об кашидааст.

***Раҷабалӣ САФАРОВ,***
***омӯзгори физикаи МТМУ №24-и ноҳияи Фирдавсӣ***

**Дар шаҳри Душанбе «Стратегияи ҳифзи саломатии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» баррасӣ шуд.**

ИДЕОЛОГИЯ

# Мактаби худсозӣ ва ҷавҳари огоҳии миллӣ

***Аз бомдоди таърих миллати тоҷик дорои мактаби хоси комилҳуқуқ ва тамомиёри худсозиву шахсиятсозӣ будааст. Ин мактаби дар чанд сатҳ амал намуда, ҳадафи ниҳоии он тарбияи инсони ормонӣ ва муқовим буда, аз муҳити хонаводагӣ огоз мегардидааст. Шароити сахти кӯҳистон ва ҳолатҳои буҳронӣ, ки тоҷикҳо дар тӯли таърих бо ин мушкилот дасту панҷа нарм мекарданд, тақозо менамуд, ки рушди шахсиятҳои баробарвазн ва ҳамсон ба ин таҳдидҳо обутоб ёбанд. Тарбияи инсони боиродаву қавӣ аз рукнҳои аввалини ин мактаби худсозӣ будааст. Мактаби худсозии миллӣ бар пояи маърифати анъанавӣ ва тамаддуни қадимӣ устувор мебошад.***



Мактаби худсозӣ ва эътибори худсолориро метавон ба чанд марҳала тақсим кард. Таъкидамон дар ин мақола ба 35 соли Истиқлоли давлатӣ ҳамчун намунаи боризи худсозӣ ва намоди шахсиятсозӣ мебошад.

Ҳамин аст, ки матни суханронии Пешвои миллатро ба ифтихори 35-умин солгарди Истиқлоли давлатӣ коршиносони вафодори сохти дунявӣ нишонаи эҳёи рисолати тамаддунӣ дар паҳнои Ориёнои таърихӣ унвон карданд. Мақому мартабаи Президенти Тоҷикистонро дар миёни форсизабонони ҷаҳон, ки аз 150 млн бештаранд, ба сифати шахсият ва Раҳбари фавқулода хирадманд бо доштани фарҳанги мудирияти воло баҳогузорӣ намуд. Ба ақидаи коршиносон, бо дарназардошти буҳрони фарогири кишварҳои форсизабон, Раҳбари давлати тоҷикон ташаббусро рӯйи даст гирифта, амалан ягона муҳофизи хотираи таърихӣ ва арзишҳои илман асосноки ориёӣ мебошад. Ба шарофати Пешвои миллат, имрӯз шаҳри Душанбе нақшеро ифо намуда истодааст, ки дар гузашта марказҳои тамаддунии тоҷикон дар Хуросон ва Мовароуннаҳр иҷро мекарданд.

Аксари олимони соҳаи сиёсатшиносӣ муътақиданд, ки тасмимҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар арсаи дипломатияи фарҳангӣ, ки онро коршиносон комёбии «неруи нарм»-и сиёсати хориҷии Тоҷикистон медонанд, таҷлили бозёфти ёдгориҳои таърихӣ, ҷашни шаҳрҳои қадимӣ ва шахсиятҳои шинохтаи илму адаби тоҷик-форс ва дигар расму оинҳои миллӣ, аз ҷумла, Наврӯз, Мехргон, Тиргон ва Сада шуҳрати ҷаҳонӣ касб карда, заминаи омӯзиш ва муаррифии ин рӯйдодҳои таърихӣ гардад. Ҳамин бардошти мусбати Президенти Тоҷикистон сабаб шудааст, ки тарафдорони ин мактаби илмӣ дар хориҷи кишвар маркази тоҷикшиносиро таъсис дода, дар бораи таърих, забон, адабиёт, давлатдории тоҷикон ва мақоми онҳо дар минтақа асарҳои илмӣ ба забонҳои хориҷӣ нашр менамоянд.

Тоҷикони бурунмарзӣ бовармандҳастанд, ки суханронии Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷашни Истиқлоли давлатӣ стратегияи мукаммал ва нуктаи такягоҳии масъалаҳои таърихӣ ва таърихнигории муосири тоҷик аст, зеро дар он дар бораи эҳё кардани тамаддуни ориёӣ таъкид гардидааст, ки масъулияти на танҳо шаҳрвандони Тоҷикистон, балки кулли форсизабонони дунё мебошад. Аз суханронии Пешвои миллат бармеояд, ки Тоҷикистон ягона кишвари форсизабони дорои сохтори дунявӣ дар ҷаҳон аст.

Бо илҳом аз суханронии Пешвои муаззами миллат корбарони шабакаҳои иҷтимоӣ ёдовар мешаванд, ки ҷавҳари аслии мавзуи суханҳои Президенти Тоҷикистон на таҳдиду хатарҳои рӯзафзуне, ки тоҷикон дар тӯли зиёда аз 35 сол бо онҳо дасту панҷа нарм мекунанд, мебошад, балки дарки иқтидори худӣ ва такя ба неруи дохилӣ ёфтани роҳҳали масъалаҳои калонмиқёси минтақавӣ мебошад. Ин неруи худӣ иборат аст аз хислати волои роҳбарии Президент ва Ҳукумати кишвар, равшанфикрони пешоҳанг ва ҷавонон, дар маҷмуъ, халқи шарифи Тоҷикистон. Аз ин нуқтаи назар Тоҷикистон сипари боэътимоди минтақа ва ҷаҳон маҳсуб мешавад, зеро сарҳади давлатии Тоҷикистон – марзи тамаддунӣ ва ҳомиву муҳофизи арзишҳои дунявимадори кишварҳои ҷаҳон ва тамаддуни тоҷикон аст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сарварии оқилонаи Пешвои миллат давраи эҳёи рушду тараққиро гузаронида истодааст. Тоҷикистон дар муқоиса бо дигар кишварҳои дуру наздик ҳамчун намунаи ибрат баромад карда, дар тамоми соҳаҳои пешбурди иқтисоди миллӣ ва тамаддуни тоҷикӣ пешоҳанг аст.

Сулҳҷӯӣ ва ҷонибдорӣ аз ҳамзистии осоишта, ки дар меҳвари суханронии Ҷаноби Олӣ қарор дошт, обрӯю эътибори Тоҷикистонро дар арсаи байналмилалӣ боз ҳам тақвият бахшидааст.

Маънавиёти миллати тоҷик аз аҳди қадим ҳамвора аз инъикосу пиёдасозии арзишҳои дунёмадорӣ, шахсиятсозӣ, давлатмеҳварӣ, ҳунарварзӣ, андешамандӣ, инсонпарварӣ, ҳаётдӯстӣ, шаҳрнишинӣ, арҷгузорӣ ба кору пайкор, авлавияти илму пажуҳиш, руҳияи солим ва иродаи қавии шикастнопазир дар муқобили мушкилоти рӯзгор саршор будааст.

Сайри такомули инсонсозӣ ба як мактаби комилҳуқуқ ва тамомайёр ниёз дорад: мактаби дорои омӯзгори ҳақиқӣ – таҷриба. Инсонро баъзе пажуҳишгарон «мавҷуди ношинохта» унвон кардаанд, вале агар ҳакимона ва бо усули фалсафӣ ба умқи масъала зеҳн монем ва ба ин масъала одилона бархӯрд кунем, ба шинохти инсон ба осонӣ ва суҳулат метавон дарёфт, агар ӯ рисолатасос, ҳадафмадор ва серталош бошад. Дар ин ҷо масъалаи «инсони ормонӣ» рӯ мезанад, ки дар тасвири симои инсони заҳматкаш ва бовиқор инъикос ёфтааст.

Ба гуфти нависандаи тоҷик Мирзо Шукурзода, инсони солор, ҷавонмард ва таъбири дигаре аз ин вожа, айёр дорои се сифати аслист:

1. Сахо, яъне, саховат дар андешаи ҷавонмардон ба ин маънист, ки инсон аз молу мансаб рӯзгор он чӣ ба даст оварад, бояд дар роҳи осоиши халқ сарф кунад.

2. Сафо: ин сулук ҷавонмардро водор ба покизагии ботин менамояд: яъне, инсони ворастаро зарур аст, қалби хешро аз ҳирс ва кина тоза ва тамиз нигоҳ дорад ва дар ин ҷода, базлу бахшоиш низ сафои ботин маҳсуб мешавад.

3. Ва ниҳоят, вафо: тибқи ин оин ҷавонмард бояд барои дӯсти ҳақиқӣ ва маҷозӣ, ҳатто ҷонфидо бошад, аз худ бигзарад ва дар масири дӯстӣ аз марг наяндешад, ба фармуди орифе тоҷикигӯй:

***Дар дӯстӣ мулоҳизаи маргу зист нест,***
***Душман беҳ аз касе, ки намирад барои дӯст.***

Тоҷикон ҳамчун миллати куҳанбунёд ва тамаддунофар, ба қавли Ҳофизи бузург, чун «булбул ба шохи сарв ба гулбонги паҳлавӣ, мехонд дӯш дарси мақомоти маънавӣ» рисолати инсонсозӣ, равшанфикрӣ ва талқини ҷавҳари биниши илмандӯзиро ба дигарон манзур медоштанд, то ки ҷаҳли мураккаби афкорӣ ва таассуби камёфти рафторӣ дар ҷомеа бар ақлҳо мусаллат нагардад.

***Умед НАЗАРОВ,***
***номзади илмҳои таърих***

МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ

*Китоби дарсӣ тарзи андеша ва тафаккури хонандаро шакл медиҳад. Аз ин ҷост, ки дар шароити муосир масъалаи таҳия ва нашри китобҳои дарсии ба талаботи замон мувофиқ аҳаммияти махсус касб мекунад. Агар муҳтавои китоб аз воқеияти зиндагии хонанда дур бошад, супоришҳо танҳо ба азёдкунӣ такя кунанд ва дониш дар он ҳамчун маҷмуаи маълумоти ҷудогона пешниҳод шавад, имкони ташаккули малакаҳои зарурии асри нав маҳдуд мегардад. Китоби дарсии муосир бояд хонандаро ба ҷустуҷӯ, таҳлил, баҳс, ҳалли масъала ва истифодаи дониш дар ҳолатҳои воқеӣ раҳнамун созад.*

# Такмили сифати китобҳои дарсӣ

Таҳия ва нашри китобҳои дарсии насли нав дар заминаи муносибати босалоҳият яке аз ҳадафҳои Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 мебошад. Ин ҳадаф зарурати бознигарии муҳтавои таълим, сохтори китобҳо, шакли пешниҳоди мавод, низоми супоришҳо ва роҳҳои арзёбии донишро ба миён мегузорад.

Китоби дарсие, ки дар асоси муносибати босалоҳият таҳия мешавад, бояд хонандаро водор кунад, ки пас аз иҷрои машқ далел биёрад, ҳангоми омӯзиши мавзуъ робитаи онро бо ҳаёти воқеӣ пайдо кунад. Дар чунин китоб ҷойи супоришҳои таҳлилӣ, масъалаҳои амалӣ, корҳои ҷустуҷӯӣ, мушоҳида, муқоиса ва хулосабарорӣ бештар мешавад.

Таҳияи китоби дарсӣ раванди мураккаб ва бисёрзинагист. Пеш аз он ки китоб ба дасти хонанда расад, муҳтавои он бояд аз чанд марҳалаи муҳимми таҳия, баррасӣ, ташхис, таҳрир ва омодасозии нашрӣ гузарад. Дар ин раванд мутобиқати китоб ба стандартҳои таълимӣ, барномаҳои фаннӣ, талаботи синнусолӣ, сатҳи омодагии хонанда ва хусусиятҳои муҳити таълимӣ аҳаммияти ҳалкунанда дорад.

Ба гуфтаи Ҳусайн Маҳмудзода, сармутахассиси Маркази таҳия, нашр ва муомилоти китобҳои дарсӣ, илмию методӣ, соли ҷорӣ 51 номгӯйи китоби дарсӣ ва стандарту барномаҳои таълимӣ бо теъдоди ҳудудан 3 миллион нусха зина ба зина ба нашр расидаанд.

Таҷдиди китобҳои дарсӣ дар Тоҷикистон дар доираи ҳамкориҳои байналмилалӣ низ идома дорад. Имсол дар асоси Созишномаи байниҳукуматӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия аз ҷониби нашриёти «Просвещение»-и Россия китоби дарсии насли нав аз фанни забони русӣ барои хонандагони синфҳои 5-6-уми муассисаҳои таҳсилоти умумии таълимашон бо забони тоҷикӣ дар ду қисм ба теъдоди умумии 842 ҳазору 400 нусха нашр гардид.

Ҳамчунин, дар доираи марҳалаи дуюми Лоиҳаи муштараки «Дастгирии амалишавии Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон» бастаҳои адабиёти таълимию методӣ аз фанҳои математика ва забони тоҷикӣ барои синфи 6-ум пурра таҳия шуда, ба нашр пешниҳод гардиданд.

Дар ҳамкорӣ бо Лоиҳаи ЮНЕСКО – «Таҳкими муносибати босалоҳият ва технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар раванди таълими фанҳои дақиқ ва риёзӣ ва таҳсилоти касбию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» низ таҳияи китобҳои дарсии насли нав ва тавсияҳои методӣ барои омӯзгорон аз фанҳои физика барои синфҳои 7-11, химия барои синфҳои 8-11 ва биология барои синфҳои 7-11 ба анҷом расидааст.

Аз оғози соли ҷорӣ то имрӯз ба раёсат ва шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ва муассисаҳои дигари таълимӣ, аз ҷумла, мактабҳои президентӣ, гимназияҳо, литсейҳо барои хонандагони болаёқат, мактаб-интернатҳо барои кӯдакони ятим ва муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ беш аз 5,5 миллион нусха китоби дарсӣ ва маводи таълимӣ дастрас карда шудааст.

Зимни суханронии худ Пешвои миллат ба муносибати Рӯзи дониш ва Дарси сулҳ таъкид намуданд, акнун зарур аст, ки мо бештар ба сифати китобҳои дарсӣ ва мутобиқ намудани он ба стандартҳои ҷаҳонӣ таваҷҷуҳ намоем. Вобаста ба ин, Сарвари давлат супориш доданд, то Вазорати маориф ва илм вазифадор карда мешавад, ки ҷиҳати боз ҳам такмил додани сифат ва муҳтавои китобҳои насли нав пайваста чорабиниҳо намояд.

Мактаби муосир бояд хонандаеро омода кунад, ки дар муҳити зудтағйирёбандаи илм, технология ва муносибатҳои иҷтимоӣ зиндагӣ ва фаъолият кунад. Бинобар ин, китоби дарсӣ низ бояд ба чунин воқеият ҷавобгӯ бошад. Дар он дониш бояд бо малака, назария бо амал, матни чопӣ бо имконоти рақамӣ ва омӯзиши фаннӣ бо ташаккули тафаккур пайванд дошта бошад.

Дар Тоҷикистон раванди навсозии муҳтавои таълим ва гузариш ба муносибати босалоҳият дар таълим идома дорад, масъалаи китоби дарсӣ низ ба марҳалаи нави худ ворид шудааст. Мақсад фароҳам овардани чунин муҳити таълимӣ аст, ки китоб дар он ба воситаи рушди дониш, тафаккур, малака ва маънавиёти хонанда табдил ёбад.

***Шодӣ РАҶАБЗОД,***
***«Омӯзгор»***

**Зиёда аз 40 ҳазор ҷавони Тоҷикистон дар муассисаҳои таҳсилоти олии қариб 50 кишвари ҷаҳон илму дониш ва касбҳои муосир меомӯзанд.**

ДАСТОВАРД

**Маориф ҳамчун заминаи асосии рушди давлат ва ҷомеа ҳамеша дар меҳвари сиёсати иҷтимоӣ қарор дорад. Аз ин рӯ, дар баробари муассисаҳои таҳсилоти давлатӣ, ташаккул ва рушди муассисаҳои таълимии ғайридавлатӣ метавонад ба гуногунрангии имконоти таълимӣ, ҷорӣ намудани усулҳои нав ва такмили муҳити омӯзиш мусоидат намояд. Ин аст, ки сол то сол дар кишвар дар баробари муассисаҳои давлатӣ шумораи кӯдакистону мактабҳои хусусӣ афзуда истодааст. Муассисаи таълимии ғайридавлатии таҳсилоти умумии «Фурӯғи илм» низ маҳз бо ҳамин мақсад соли 2019 дар ноҳияи Рӯдакӣ дари худро барои хонандагон боз намуд.**



# ФАЪОЛИЯТИ САМАРАБАХШИ «ФУРӮҒИ ИЛМ»

Тибқи иттилои муовини директори муассиса оид ба таълим Муҳайё Тоҳирӣ, дар оғози фаъолият теъдоди умумии хонандагон 60 нафарро ташкил мекард, ки инҳо хонандагони аз синфи 1 то 4 буданд. Бо дарназардошти шумораи аҳолӣ сол ба сол шумораи хонандагони муассиса бештар мегардад. Соли ҷорӣ ин шумора ба 220 нафар расида, хонандагон дар синфҳои аз 1 то 8 таҳсил доранд.

Субҳи хонандагон дар «Фурӯғи илм» соати 7:30 аз ҷамъомади пагоҳирӯзӣ оғоз гардида, давоми рӯз ҳафт соат дарс мехонанд ва пас аз он то соати 15:20 ба такмили дониш дар маҳфилҳои фаннӣ ва тайёр кардани вазифаи хонагӣ машғул мешаванд. Тӯли ин муддат ду маротиба ғизо низ тановул мекунанд.

Таълим дар муассиса бо забони русӣ сурат гирифта, ҳамчунин, аз синфи ду оғоз намуда, ба хонандагон ҳафтае ду маротиба забони чинию англисӣ мувофиқи барнома ва синну сол омӯзонида мешавад.

– Забономӯзӣ, пеш аз ҳама, барои дуруст хондан, навиштан, баён кардани фикр ва дар оянда мутахассиси хубу ҳамқадами замон шудан аҳаммияти калон дорад. Тавассути дарсҳои забономӯзӣ захираи луғавии хонанда зиёд шуда, малакаи муошират ва қобилияти мустақилона фикр кардани ӯ инкишоф меёбад. Ин донишҳо дар ҳаёт ва фаъолияти минбаъда, касбу кор низ муҳимманд,-иброз медорад муаллима Маҳина Ёғибекова.

Қайд кардан ба маврид аст, ки муаллима Маҳина Ёғибекова хатмкардаи факултаи забонҳои Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав буда, айни замон дар муассисаи таълимии ғайридавлатии таҳсилоти умумии «Фурӯғи илм» ба ҳайси омӯзгори забони англисӣ ба хонандагон таълим медиҳад. Дар дарси ӯ, ки дар синфи 2«б» баргузор гардид, иштирок кардем. Синфхона тозаву озода, бо тахтаи электронӣ, телевизор ва мизу курсиҳои ба синну соли хонандагон мувофиқ ҷиҳозонида шудааст. Дар дарс 20 нафар ҳузур доштанд. Муаллима дарсро аз аҳволпурсӣ бо хонандагон оғоз намуд. Сипас аз онҳо мавзуи гузашта – «Оилаи ман» («My family»)-ро пурсон шуд. Хонандагон даст бардошта, дар бораи оилаи худ маълумот доданд. Маҳина Ёғибекова бо истифода аз усули суолу ҷавоб ва шарҳ мавзуи гузаштаро мустаҳкам намуд. Ӯ дар тахтаи синф ададҳои гуногунрангро бо тартиби аз 1 то 10 насб ва ба шумурдан оғоз намуд: one, two, three, four, five,... ҳамин тариқ, якчанд бор ҳамроҳи кӯдакон ин амалашро такрор кард. Ранги ҳарфҳоро низ якҷоя номбар карданд: сурх (red), кабуд (blue), сабз (green), зард (yellow), бунафш (purple)...

Муаллима дар ҷараёни дарс кӯшиш мекард, ки ҳама хонандагон фаъол бошанд. Ӯ онҳоро бо нидоҳои «Офарин!» («well done»!), «Духтари хуб!» («good girl!») ва «Бачаи хуб!» («good boy!») руҳбаланд менамуд.

Дар баробари забонҳои хориҷӣ, дар «Фурӯғи илм» ба омӯзиши забони тоҷикӣ ҳамчун воситаи муҳимми ҳифзи ҳувият ва фарҳанги миллӣ аҳаммияти беш дода мешавад. Муаллимаи ҷавону умедбахш Ҷамила Ҳакимова дар ин ҷода пайваста заҳмат мекашад. Муаллима ҳамроҳи хонандагон дарси гузаштаро, ки «Амалҳои хубу бад» буд, такрор намуда, ба фаҳмонидани мавзуи нав – «Садонокҳои забони тоҷикӣ» пардохт. Дар аввал муаллима бо саволҳои гуногун, аз қабили «Ҳарф чист?», «Овоз чист?», «Овоз ва ҳарф аз ҳамдигар чӣ фарқият доранд?» ба шогирдон мурочиат намуда, аз онҳо посух гирифт. Сипас зикр намуд, ки овозҳо ба ду гурӯҳ: садонок ва ҳамсадо ҷудо мешаванд ва махсусиятҳои онҳоро шарҳ дод. Муаллима бо истифода аз аёният, варақаҳои супоришӣ, тахтаи синф, расмҳо, коғазу қаламҳои ранга ва бозии шавқовар дарсро ҷолиб баргузор намуд. Дар охир фаъолияти хонандагонро ба назар гирифта, ба онҳо баҳо гузошт ва супориш дод, то дар хона садонокҳоро аз ёд ва ба ҳар кадоме як калима навишта, дар зери он хат кашанд.

Дар рушду пешрафти хонандагон саҳми омӯзгорон зиёд аст. Омӯзгор аст, ки чароғи илму донишро дар зеҳни хонанда меафрӯзад, меҳри ӯро ба омӯзиш меафзояд ва ин нуктаро ба назар гирифта, роҳбарияти муассиса бештар ба кор мутахассисони лаёқатмандро ҷалб месозанд.

– Ҳамасола омӯзгорони ҷавони фаъол хатмкардагони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ба кор ҷалб мегарданд. Бо онҳо корбарӣ мекунем, тарзи дарсдиҳиро мефаҳмонем. Тавре ки мегӯянд, ниҳол дар як ҷой месабзад. Омӯзгоре, ки аллакай таҷрибаи корӣ дорад раванди таълиму тарбия ва кор дар муассисаро хуб медонад, бо онҳо кор кардан хуб аст. Кӯшиш мекунем, тибқи низомномаи муассиса ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақоми омӯзгор» талаботи омӯзгорро ба эътибор гирифта, қоноъ созем. Дар баробари ин, мо шароит фароҳам овардаем, то яктафарӣ фарзанди ҳар корманд ин ҷо бе супоридани ҳаққи моҳона, яъне, ройгон таълим гиранд,-мегӯяд М. Тоҳирӣ.

Қабули хонандагон ба муассиса вобаста ба синну сол тариқи суҳбат ва озмун сурат мегирад. Сатҳи дониши хонандагон аз ҷониби мутахассисон давра ба давра санҷида ва бо нафарone, ки нишондиҳандаи паст доранд, дарсҳои иловагӣ гузаронида мешавад.

– Беш аз панҷ сол аст, ки дар муассиса бо санҷиши сифати таҳсилот машғулам. Санҷиш, асосан, тариқи корҳои хаттӣ ва тестӣ гузаронида мешавад. Бо сабабҳои гуногун гоҳҳо хонанда барномаи таълимиро аз худ карда наметавонад. Ҳар чоряк мо хонандагонро месанҷем. Аз синфҳои болоӣ дах ва поёнӣ аз шаш фан мониторинг мегузаронем. Натиҷаи сифати таҳсилот, тибқи нишондиҳандаи мониторинг, сол аз сол баланд шуда истодааст. Арзёбии мо дар соли хониши гузашта 88 дарсад аст. Як сол пеш 76 дарсад буд,-иброз намуд роҳбари шуъбаи санҷиши сифати таҳсилот Шаҳноза Абдуллоева.

**«МЕҲРОНА»**

Кӯдакистони «Меҳрона» дар назди Муассисаи таълимии ғайридавлатии таҳсилоти умумии «Фурӯғи илм» таъсис ёфта, барои омодасозии кӯдакон ба зинаи минбаъдаи таҳсил нақши муҳим дорад. Кӯдакистон фаъолияти худро соли 2019 бо қабули 29 кӯдак оғоз кард. Дар солҳои минбаъда шумораи тарбиятгирандагон тадриҷан афзоиш ёфта, гурӯҳҳо вобаста ба синну соли кӯдакон ташкил гардиданд. Имрӯз кӯдакистон дорои чор гурӯҳи синнусолӣ буда, тарбиятгирандагон аз чорсолагӣ ба муассиса қабул карда мешаванд. Таваҷҷуҳи инфиродӣ ба ҳар кӯдак яке аз самтҳои муҳимми фаъолияти муассиса маҳсуб мешавад ва бо ҳамин мақсад дар ҳар гурӯҳ шумораи кӯдакон то 25 нафарро ташкил медиҳад. Кӯдакистон иқтидори фарогирии 100 нафарро дорост. Айни замон дар он тақрибан 70 кӯдак ба таълиму тарбия фаро гирифта шуда, қабули кӯдакон идома дорад.

Тавре ки М. Тоҳирӣ зикр намуд, яке аз хусусиятҳои асосии фаъолияти муассиса дар он аст, ки қисми зиёди хонандагони синфҳои ибтидоии «Фурӯғи илм» маҳз тарбиятгирандагони ҳамин кӯдакистон мебошанд. Дар кӯдакистон мутахассисони соҳибтаҷриба фаъолият мекунанд. Онҳо ҳамасола кӯдаконро ба мактаб омода намуда, барои рушди қобилиятҳои зеҳнию забонии онҳо заминаи мусоид фароҳам меоранд.

Самти асосии фаъолияти «Меҳрона» омӯзиши забонҳои хориҷӣ мебошад. Забони асосии таълим русӣ буда, барои рушди малакаҳои кӯдакон ҳафтае ду маротиба дарсҳои забонҳои англисӣ ва чинӣ низ баргузор мешаванд. Чунин муносибат ба кӯдакон имкон медиҳад, ки аз хурдсолӣ бо забонҳои гуногун шинос шуда, захираи луғавии худро тадриҷан ғанӣ намоянд.

***Шаҳноза БОБОМУРОДОВА,***
***«Омӯзгор»***

**P.S.** ***Омӯзгори забони англисии муассисаи таълимии ғайридавлатии таҳсилоти умумии «Фурӯғи илм» Маҳина Ёғибекова, ки дар дарси ӯ иштирок намудем, голиби ҷойи якуми озмуни ҷумҳуриявии «Рушди маориф дар замони Истиқлоли давлатӣ» мебошад. Озмуни мазкур бо ташаббуси ҳафтаномаи «Омӯзгор» дар ҳамкорӣ бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида ба 35-солагии Истиқлоли давлатӣ баргузор шуд. Ба даст овардани ҷойи якум дар чунин озмун худ далели сатҳи баланди касбият ва донишу маҳорати эҷодист.***

МАСЪУЛИЯТ

# Ҳамбастагӣ дар тарбия

***Оила ва мактаб ду рукни асосии тарбияи кӯдак ба ҳисоб рафта, амалу рафтори минбаъдаи кӯдак аз он вобастагӣ дорад. Маҳз дар муҳити оила ва мактаб шахсияти кӯдак ташаккул ёфта, ахлоқ, ҷаҳонбинӣ ва рафтори ӯ шакл мегирад.***



Агар дар оила муҳити солим, меҳру муҳаббат ва ҳамдигарфаҳмӣ ҳукмфармо бошад, кӯдак хушахлоқ, боодоб ва масъулиятшинос ба воя мерасад.

Абуалӣ ибни Сино мефармояд: «Тарбияи дурусти фарзанд аз муҳити солими оила сар мешавад». Аз ин бармеояд, ки ноустувории оила ба фарзанд таъсири манфӣ мерасонад. Муҳаббат ва дастгирии оила барои рушди руҳию ҷисмонии кӯдак муҳим аст.

Мактаб на танҳо макони гирифтани дониш, балки омили ташаккули ахлоқ, одоб ва шахсияти кӯдак дар ҷомеа мебошад. Пеш аз он ки кӯдак дар муассиса дониш омӯзад, нахуст ӯро тартибу интизом, ба монанди дуруст нишастан, муносибат бо омӯзгорон ва ҳамсолони худро омӯзонида, сипас ба навиштану хондан водор менамоянд.

Педагоги машҳури чех Ян Амос Коменский қайд кардааст: «Мактаб коргоҳи инсонсозист».

Оила сарчашмаи тарбияи кӯдак мебошад, дар ин муҳит кӯдак одоб, эҳтиром, муҳаббат ва муносибатҳои дурустро меомӯзад. Мактаб ҷойи омӯзиш ва рушди маънавӣ аст. Дар мактаб кӯдак дониш, тарзи муносибат бо ҷомеа ва малакаҳои иҷтимоиро меомӯзад. Ҳамкории оила ва мактаб имконият фароҳам меорад, ки кӯдак дониш, малакаву маҳорат ва ахлоқи хуб гирад ва ба шахсияти комил табдил ёбад.

***Муминамоҳ БОЙМУРОДОВА,***
***омӯзгори синфҳои ибтидоии***
***МТМУ №36-и ноҳияи Айнӣ***


**350 нафар донишҷӯи тоҷик дар Ҷумҳурии Корея таҳсил менамоянд.**

*Олимеро, ки гуфт бошаду бас,*
*Ҳар чи гӯяд, нагирад андар кас.*
*Саъдии Шерозӣ*



**22 СЕНТЯБР – РӮЗИ РӮДАКӢ**

# Паёми устод Рӯдакӣ



***Устод Рӯдакӣ ба унвони поягузори адабиёти классикии тоҷику форс на танҳо дар шаклгирию ривоҷи шеъри форсии тоҷикӣ, балки дар густариши ҳикмату фалсафаи ориёӣ, таҳкими арзишҳои гузаштаи аҷдодӣ ва таҳаввули андешаи миллӣ дар давра ва шароити хоси таърихӣ саҳми асосӣ гузоштааст. Аз ин ҷост, ки бо гирифтани исми устод Рӯдакӣ мо на танҳо шеъру адабиёту забон, балки кулли фарҳанги замонро дар назар мегирем ва дар оинаи шеъру андешаву афкори ӯ, ки дар мероси андакмондааш маҳфузанд, худ ва миллияти худро, қабл аз ҳама, мебинему мешиносем. Бинобар ин, устод Рӯдакӣ симои миллии мост ва шеъри ӯ оинаест, ки миллиятро бо тамомии чеҳраву қадду басту андомаш барои мо менамоёнад ва мешиносонад.***

Бо таваҷҷуҳ ба мазмуну муҳтавои ин масъала чанд нуктаро ташреҳ бахшидан мехоҳам.

**Якум.** Устод Рӯдакӣ аз тариқи шеър ба мо шодзистиро, ки арзиши олии инсонӣ дар фарҳанги бостонии миллӣ талаққӣ шудааст, аз тариқи шеъри асили миллӣ бозгардонд. Ба байти машҳури устод таваҷҷуҳ мекунем:

***Шод зӣ бо сиёҳчашмон шод,***
***К-ин ҷаҳон нест ҷуз фасонаву бод.***
***З-омада шодмон бибояд буд***
***В-аз гузашта накард бояд ёд.***

Аз ин ҷост, ки зиндагипарастию шодзистӣ паёми асосии устод Рӯдакист, ки ба наслҳои пешину пасин вогузоштааст.

**Дуюм.** Хирадмандӣ ва фарзонагӣ ҳидояти дигари устод барои мо ва ояндагони мост. Ба ин маънӣ:

***Ин ҷаҳонро нигар ба чашми хирад,***
***Не бад-он чашм, к-андар ӯ нигарӣ.***

**Сеюм.** Андӯхтани таҷрибаи рӯзгор паём ва панди дигари устод Рӯдакист. Ба ин мазмун мегӯяд:

***Бирав, зи таҷрибаи рӯзгор баҳра бигир,***
***Ки баҳри дафъи ҳаводис туро ба кор ояд.***

**Чаҳорум.** Мардию солорӣ ба унвони аслҳои ахлоқӣ ва ҳувиятӣ шинохта шудаанд. Ба назари устод, дар ҳолатҳои сахти зиндагӣ ва балою хатару таҳдидҳо фазлу мардонагӣ ва солорию доноӣ падид меоянд ва мушкилоту уқдаҳои мавҷударо рафъ месозанд. Ба ин маъно мегӯяд:

***Андар балои сахт падид оянд,***
***Фазлу бузургмардию солорӣ.***

**Панҷум.** Ба назари устод Рӯдакӣ, озодагӣ сифати бузурги инсонист ва ҳар озодае, ки чаҳор чиз – тандурустӣ, некхӯйӣ, накуномӣ ва хирдамандӣ дошта бошад, шодзистию беғамӣ кафолати зиндагиаш аст. Ба ин маъно мегӯяд:

***Чаҳор чиз мар озодаро зи гам бихарад,***
***Тани дурусту хӯйи неку номи неку хирад.***
***Ҳар он кӣ эзадаш ин чаҳор рӯзӣ кард,***
***Сазад, ки шод зияд шодмону гам нахӯрад.***

**Шашум.** Ҳикмату фалсафа ҷавҳари бинишу ҷаҳоншиносӣ ва шеъру андешаи устод Рӯдакиро ташкил медиҳад. Ин аст, ки масъалаҳои фалсафию ҳикмат дар шеъри устод Рӯдакӣ дар авлавияти ҳунарӣ ва ҳирфаӣ қарор гирифтаанд. Дигар ин ки талқини фалсафаю ҳикмати ҳаракату сайру гашт ва рушду инкишоф, ки дар истилоҳи диалектика матраҳ мегардад, аз ҷумлаи мушаххасоти шеъру андешаи устод Рӯдакист. Ба назари донишмандон, устод Рӯдакӣ асрҳо пеш аз Ҳегел ба ҷавҳари диалектика (Dialectic) пай бурда, дар заминаи назариёти таҳаввулу татаввур тағйир пазируфтани олами ҳастиро дар қолиби манзум ба риштаи тасвир баркашида, даъво пеш меоварад, ки ҳеҷ чиз собиту сокин нест: куҳан нав мешавад ва нав куҳан мегардад, дармон дард мешавад ва дард дармон ва ин ҳамон ҷавҳари асли диалектикӣ аст, ки тибқи он ҳастиҳо пайваста дар сайру ҳаракатанд ва ҳар чиз (тезис – барниҳод) ба сӯйи зиди худ (антитезис – барабарниҳод) меравад ва ба он омехта, аз омезиши ин ду чизи тозае (синтез – боҳамниҳод) падид меояд.

Устод Рӯдакӣ дар баробари тавонмандиҳои адабию эҷодӣ марде андешаманд ва файласуфмашраб низ буда, аз макотиби фалсафии юнонӣ огаҳӣ доштааст.

**Ҳафтум.** Озодандешӣ меҳвари андеша ва кору пайкори фикрию маданнии устод Рӯдакӣ тӯли умр будааст. Аз ин гузашта, устод Рӯдакӣ бо хурофоту таассуби замона низ сари созиш накарда, муддаиёни мутаассиби замонро, ки бар асари сиёсати фарҳангпарваронаю инсондӯстонаю миллии Сомониён ҳанӯз иқтидору зарфияти чашмрасе надоштанд, интиқод мекард ва афкори пӯсидаи онҳоро мазаммат менамуд. Дар баробари афкори муғризонаи хурофотӣ устод Рӯдакӣ аз меҳру отифату ишқу алоқаи инсонӣ сухан ба миён меоварад ва ҷомеаро ба ишқу ошиқӣ ва муҳаббату самимияти инсонӣ даъват менамояд. Ба ин маъност, ки мегӯяд:

***Рӯй ба меҳроб ниҳодан чӣ суд?***
***Дил ба Бухорову бутони Тироз.***
***Эзади мо васвасаи ошиқӣ***
***Аз ту пазирад, напазирад намоз.***

**Ҳаштум.** Устод Рӯдакӣ шеърро бо мусиқӣ, ки ҷавҳари тарбиятии мо будааст, пайванд медиҳад. Муҳимтар аз ин, устод Рӯдакӣ, чунон ки сарчашмаҳо мегӯянд, дар ибтидо навозандае мумтоз будааст ва сози барбатро хеле хуб менавохтааст. Пасон ба дарбор ҷалб мешавад ва аз ҷумлаи пардарсолорони шеъри форсии тоҷикӣ пазируфта мешавад. Яъне, мусиқӣ дар фарҳанги мо бо шеър омезиш ёфтааст ва ҳар нафари шоир, пеш аз ҳама, дар мусиқӣ моҳир буда, созеро менавохтаву суруд мехондааст. Чунон ки аз устод медонем:

***Рӯдакӣ чанг бигирифту навохт,***
***Бода андоз, к-ӯ суруд андохт!***

**Нуҳум.** Омӯзишу таҳқиқу тадрису муаррифию таблиғу ташвиқи мероси устод Рӯдакӣ дар шароити феълӣ ва замони соҳибистиқлолӣ ба мо чӣ медиҳад? Дарвоқеъ, шеър, панд, андарз, мавқеъгирӣ ва андешаи устод ҳанӯз ҳам дархуранд ва ба дарди фикрию маънавии мо, ки андак нестанду рӯз ба рӯз амиқтар мешаванд, даво мебахшанд: давои меҳрварзӣ, фарзонагӣ, дӯстдорӣ, солорӣ, фазилатмандӣ, худогоҳӣ, худшиносӣ, ҳувиятмадорӣ, хирадгаройӣ, донишдӯстӣ, баҳамойӣ ва инсонсозӣ. Аз сӯйи дигар, дар ҳоле ки мушкилоту муаммоҳою уқдаҳои зиёде, чун аз асли худ дуршавӣ; беҳадафӣ; тасаллути беҳувиятию беарзишӣ; ташаннуҷи таассубу хурофоти мазҳабӣ, решадоршавии хушкандешӣ дар ҳаёти иҷтимоию маданӣ; дар ойинаи фарҳанги бегона ҷустани ҳайсияту шарофати худӣ; бебандубории ҳувиятию ахлоқӣ; шиддат гирифтани сиёсати бархурдҳои тамаддунӣ; тасоҳуби мероси арзишманди миллӣ бар асари бетафовутию саҳлангории қишрҳои марбутаи ватанӣ; фаъолшавии баъзе доираҳои манфиатхоҳи хориҷӣ барои ба ҳувияти бегона майл додани насли наврасу ҷавони ватанӣ; пойин шудани масуният-иммунитети фикрию ҳувиятӣ; роҳандозии бозиҳои нави геополитикӣ аз ҷониби баъзе қудратҳои минтақавию ҷаҳонӣ; паҳни эпидемияи хурофазадагӣ миёни наслҳои наврасу ҷавони ҷомеаи тоҷикӣ ва афзоиши чолишу таҳдидҳои имрӯзӣ дунболагири мардуманд, шеъри Рӯдакӣ моро ба ҳам мехонад, ба хирадмандию донишмадорӣ даъват мекунад, шодзистиро тараннум менамояд, ба сӯйи худогоҳию худшиносӣ талқин мекунад, иттиҳоду ҳамбастагиро ташвиқ месозад, ҷуръату ҷасоратро меситояд, ба хотири инсоният ва рифоҳи одамӣ ҳаракат карданро аслу меъёри зиндагӣ мешумарад. Ин аст, ки ба шеъри устод Рӯдакӣ ва паёмҳои ӯ боз садсолаҳо ниёз хоҳем дошт, чунки шеъри ӯ, андешаи ӯ, панди ӯ, мавқеияти ӯ, талқиноти ӯ ҳамагӣ созандаву омӯзанда буда, ба мо дар роҳи бозсозии ҳайсияти миллӣ, таҳкими шарофати мардумӣ, тавсеаи ғуруру ифтихори ватанӣ ва авлавият бахшидани фарзонагию хирадмандӣ садсолаҳои дигар кумак хоҳанд кард.

***Нозим НУРЗОДА,***
***муҳаққиқ***

**ОЛИМОНИ МО**

# Донишманд ва мактабшинос

***Роҳи зиндагӣ ва фаъолияти касбии Каримова Ирина Холовна намунаи равшани он аст, ки меҳнат, дониш, масъулият ва муҳаббат ба касб инсонро ба қуллаҳои баланди касбӣ мерасонанд.***



Мавсуф фаъолияти худро ҳамчун омӯзгор оғоз ва солҳои зиёд дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ кор кард. Баъдан фаъолияти худро дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ идома дода, дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ ва Донишгоҳи славянии Тоҷикистону Россия дар вазифаҳои гуногун фаъолият намуд. Дар фаъолияти роҳбарии муаллима таҷрибаи омӯзгорӣ бо дониши илмӣ ва қобилияти ташкилию идоракунӣ пайваст гардидааст.

Ирина Каримова доктори илмҳои педагогӣ, профессор мебошад. Рисолаи доктории он кас ба масъалаҳои назарияи гуманитарикунонии таҳсилоти хонандагони мактаби тоҷик бахшида шудааст. Гуманитарикунонии таҳсилот танҳо мафҳуми илмӣ нест, он, пеш аз ҳама, муносибати инсон ба инсон аст. Таҳсилот вақте инсонпарвар мешавад, ки дар маркази он шахсияти хонанда қарор гирад.

Фаъолияти илмии Ирина Каримова бо таҳияи масъалаҳои муҳимми педагогика, таълифи асарҳои илмӣ, роҳнамоии муҳаққиқони ҷавон ва иштироки фаъол дар рушди соҳаи маориф ҳамоҳанг шудааст. Зери роҳбарии муаллима муҳаққиқони зиёде ба роҳи илм ворид гардида, рисолаҳои илмии худро ҳимоя намудаанд. Моҳи ноябри соли 2008 Ирина Каримова ба вазифаи президенти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон таъйин гардида, дар рушди фаъолияти ин муассисаи илмӣ-педагогӣ саҳм гузошт. Роҳбарии як муассисаи илмӣ кори осон нест. Дар чунин муассиса одамони соҳаҳои гуногун кор мекунанд: академикҳо, докторҳо, профессорҳо, ходимони илмӣ, кормандони маъмурӣ ва техникӣ. Ҳар яке ҷаҳонбинӣ, вазифа, таҷриба ва мақоми худро дорад.

Ирина Каримова бо ҳама муносибати яксон дошт. Дар зимн, бо корманди одӣ бо эҳтиром муносибат мекард, ба суханони онҳо гӯш медод, агар имкон бошад, кумак мекард. Барои ман ин рафтор дарси бузурги ахлоқӣ буд, зеро вазифа инсонро бузург намекунад, балки инсон вазифаро бузург менамояд.

Соли 2014, вақте ки ба Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ба кор омадам, фаъолияти худро аз вазифаи коргузор оғоз кардам. Дар муҳити академия бо олимони маъруф, докторону профессорон ва шахсиятҳои соҳибтаҷриба рӯ ба рӯ мешудам. Дар чунин вазъ баъзан як сухани нек метавонад ба инсон неру диҳад. Яке аз сифатҳои барҷастаи Ирина Каримова, ки махсус, мехоҳам таъкид намоям, хоксории ӯст. Хоксорӣ барои олими ҳақиқӣ нишонаи бузургӣ мебошад. Шахсе, ки воқеан, донишманд аст, барои исботи бузургии худ ба дигарон эҳтиёҷ надорад.

Муаллима бо дониш, таҷриба, меҳнат ва натиҷаҳои фаъолияти худ шинохта шудааст. Марҳалаи фаъолияти Ирина Каримова ба ҳайси муовини вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон низ солҳои 2005-2006 дар ҳаёти ӯ ҷойгоҳи махсус дорад. Ин вазифа масъулияти бузург дошт. Дар чунин сатҳ қабули қарорҳо ба фаъолияти муассисаҳои таълимӣ, омӯзгорон, хонандагон ва рушди низоми маориф таъсир мерасонад. Таҷрибаи мактабдорӣ, фаъолияти донишгоҳӣ, корҳои илмӣ ва таҷрибаи роҳбарӣ ба ӯ имкон доданд, ки дар ин самт саҳми босазо гузорад. Имрӯз ӯ ҳамчун доктори илмҳои педагогӣ, профессор, академики Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва ноиби президенти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон фаъолияти худро идома медиҳад. Мавсуф аз соли 2012 узви Академияи таҳсилоти Россия мебошад. Ин эътироф нишон медиҳад, ки фаъолияти илмии ӯ на танҳо барои рушди маорифи Тоҷикистон, балки дар фазои илмии кишварҳои дигар низ аҳаммият дорад. Барои хидматҳои шоистааш дар рушди илму маориф ва фарҳанг бо медали «Пушкин» ва ордени «Дӯстӣ» ба хотири хидматҳои арзанда дар рушди ҷомеа ва таҳкими муносибатҳои дӯстона сарфароз гардидааст. Соли 2025 дар Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон маҳфили илмии «Хирад» ба фаъолияти илмӣ-педагогии Ирина Каримова бахшида шуда буд. Дар он саҳми ӯ дар рушди педагогикаи миллӣ, тарбияи шогирдон ва таҳкими низоми маорифи кишвар таъкид гардид. Ин гуна қадршиносӣ нишон медиҳад, ки фаъолияти муаллима барои ҳамкасбон ва муҳаққиқони соҳа арзиши баланд дорад. Яке аз хидматҳои муҳимтарини олими ҳақиқӣ тарбияи шогирдон мебошад. Зери роҳбарии И. Каримова беш аз 20 нафар рисолаҳои номзадии худро ҳимоя намудаанд. Дарвоқеъ, фаъолияти академики Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Ирина Каримова ибратбахш буда, дар рушди илму маорифи кишвар саҳми босазо гузоштааст.

***Рухсора ОКИМШОЕВА,***
***номзади илмҳои педагогӣ,***
***котиби илмии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупо***

**Ёддошти тафоҳум байни Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маорифи Ҷумҳурии Корея ба имзо расид.**

ЧЕҲРАИ МОНДАГОР

***Сотим Улуғзода ва Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ном ва мафҳумҳои бо ҳам тавъаманд.Чунки корномаи эҷодии Сотим Улуғзода ва шахсияти эҷодии эшон бо арзишҳои истиқлол созгору пайванд аст. Ёдрас кардани суханони Президенти маҳбуби кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хеле бомаврид мебошад: « ... шахсиятҳои тавонои адабӣ дар ҳар давру замон бо камоли масъулият дар асарҳояшон дарду армон, орзуҳои ширин, ишқу ҳиссиёти пурнаҷобат, талошу ҷоннисориҳои фарзандони муборизро барои ҳифзи Ватан, шарафу номус ва расму таомул, марзу бум зебою мондагар офарида, ба ин васила дар қалби мардум ифтихори ватандорӣ ва ҳифзи беҳтарин арзишҳои миллиро ҷо кардаанд. Нависандаи халқии Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Абуабдуллоҳи Рудакӣ, узви вобастаи Академияи илмҳои Тоҷикистон, Арбоби шоистаи ҳунари Тоҷикистон Сотим Улуғзода дар радифи фарзандони бузурги суханвори миллати тоҷик ҷою мақоми хосса дорад».***

# Адиби соҳибмактабу тавоно

Воқеан ҳам, Сотим Улуғзода нависандаи миллӣ мебошад. Бесабаб нест, ки асарҳои нависандаро дар илми адабиётшиносии муосир «ҳамосаи миллии тоҷикӣ» номидаанд. Ва миллияти осори нависанда на дар забону интихоби мавзуъ ва қаҳрамонҳои асарҳо, балки дар андешаву ғояи миллӣ, услубу шеваи воқеъбинона ва самимонаи тасвир, таҳқиқу баррасии илмӣ ва бунёдии мавзуи интихобшуда, завқу дарёфти арзишу суннатҳои миллӣ ва ғайраву ғайраҳо тачассум ёфтааст. Дар ин росто, ҳақ ба ҷониби адабиётшиносӣ маъруф, устоди зиндаёд Худоӣ Шариф аст, ки фармудаанд: «Сотим Улуғзода адиб ва нависандаи бузурги тоҷик ва Тоҷикистон дар марҳалаи худогоҳии миллӣ ва ташаккули давлатдорӣ дар Тоҷикистон аст. Дигар ҳар чи ки дар бораи ин шахсияти эҷодкор мегӯем, бархурд ба ҳунар ва фаъолияти адабии ӯ бар мабнои ҳамин нисбати миллият ва мансубияти ватании ӯ дорад.»

Сотим Улуғзода аз шогирдони содиқ ва муваффақи мактаби эҷодии устод С. Айнӣ мебошад, ки на танҳо анъана ва суннатҳои ҳунарии устоди хешро тақвияту густариш бахшидааст, балки дар муҳиту замони дигар худ низ соҳибмактабу адиби тавоно гардидааст. Драмаву киносенарияҳо дар бораи Рӯдакиву Ибни Сино, Темурмалику Аҳмади Дониш, повесту романҳои таърихии нависанда аз бедориву хештаншиносӣ, қаҳрамониву ватанпарастӣ, озодиву истиқлол, марзу буми фарҳангу забон, чуғрофиёи таърихии миллӣ, шукӯҳу ҷалоли давлатдории миллӣ ба хонандаи хеш дарс мегӯяд. Асарҳои мондагори Сотим Улуғзода «Восеъ», «Ривояти суғдӣ», «Достонҳои Шоҳнома»-ву романи «Фирдавсӣ» ҳар яке ҳамосаи миллист.

Бо вуҷуди хидматҳои шоиставу арзанда дар ҷомеа ва мавқеву манзалати воло дар адабиёт, Сотим Улуғзода дар замони худ ҳамеша зери фишор ва маҳрумияту маҳдудиятҳо буд. Чунин бераҳмиву беадолатиҳои замон нисбат ба нависандаи бузург ва худогоҳ чанд омил дошт: аввалан, мавқеи мафкуравӣ ва ғоявии Сотим Улуғзода ба сиёсат ва идеологияи замони Шуравӣ носозгор буд, зеро ағлаби осори нависанда, чунон ки таъкид доштем, бар мабнои миллият ва мансубияти ватании ӯ тавъам мебошад.

Сониян, тарки кишвари Шуравӣ намудани писари нависанда Азиз Улуғзода, сеюм, фавти ҳамсари нависанда низ ба вазъи руҳии эшон бетаъсир намондааст. Ва ахиран, вазъи сиёсиву нооромиҳои ибтидои солҳои навадуми қарни XX. Муҳаққиқи осору рӯзгори Сотим Улуғзода профессор С. Эмомалӣ навиштааст, ки бинобар вазъи саломатии нависанда тамоми ташвишҳои рӯзгор бар души ҳамсарашон Любов Андреевна афтода буд. Рӯзе баъди бозгашт аз бозор дар роҳи хона як гурӯҳ авбошон ба таҳқиру таҳдиди ҳамсари нависанда дарафтодаанд ва ин воқеа сабаби ба шаҳри Москва кӯч бастани оилаи Сотим Улуғзода гардид.



Ба бахти мардуми кишвар фарзанди баруманди тоҷик муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Сарвари давлат интихоб гардиданд. Вазъи сиёсии мамлакат рӯ ба эътидол оварда, рукнҳои давлатдорӣ барқарор ва устувор гардиданд. Дар натиҷаи музокирот бошад, сулҳи деринтизор низ ба мардум нерую умеди бештар бахшид.

Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шинохт ва ҷойгузинии мақоми Сотим Улуғзода марҳалаи наве гардид. Дар ҷомеаи илмӣ омӯзишу таҳқиқи осору рӯзгори Сотим Улуғзода густариш ёфт. Нигоҳу муҳаббати мардум ба нависандаи дӯстдоштаи хеш афзун гардид, вале муҳимтар аз ҳам, истиқбол аз қадру манзалат ва хизматҳои нависанда аз ҷониби Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сурат гирифтааст. Моҳи майи соли 1995 бахшида ба 50-солагии ғалаба дар ҶБВ дар шаҳри Москва вохӯрии саронии давлатҳои аъзои ИДМ баргузор гардид. Дар ҷараёни сафар Президенти мамлакат ба зиёрати Сотим Улуғзода ба хонааш дар шаҳри Москва мераванд. Ин ташриф аз ду ҷиҳат арзишманд мебошад: аввалан, одамият, меҳру муҳаббат, эҳтирому арҷгузорӣ ба нависандаи бузурги миллат, сониян, мавқеъ ва муносибати Давлату Ҳукумати кишвар ба нависанда. Воқеан ҳам, мулоқоту дидорбинии Президенти мамлакат бо Сотим Улуғзода хотирмону таърихӣ мебошад. Ду нафар рӯ ба рӯи ҳам истодаанд; яке нависандаи бузурги замон, ки хидматҳои шоиставу мондагорро дар адабиёту фарҳанг худшиносиву худогоҳии миллӣ анҷом додааст. Ва нафари дуввум, ки ба тозагӣ Президенти мамлакат интихоб шудаасту барои сулҳу ваҳдат, таҳкими истиқлолу пояҳои давлати миллӣ талошҳо дорад. Аз чашми яке ашк мерезад, дар ёди Ватан, манзилу дидори ҳамватанон, сухан гуфтан мехоҳад, сухани шукрона аз дидору муҳаббати Пешвои миллат, аз орзуву армонҳои хеш, вале тавони сухан надорад. Аз ҷониби дигар садои меҳру муҳаббат, эҳтирому самимияти Сарвари давлат ба гӯш мерасад: «Мо бо Шумо зинда ҳастем», «Домулло ба Ватан бармегардед», «Ман омадаам, ки Шуморо барам». Вале вазъи саломатии устод Сотим Улуғзода имкон надод, ки ӯро ба Тоҷикистон бозпас биёранд.

27 июни соли 1997 дар шаҳри Москва Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ба имзо расид, вале ду рӯз пеш аз ин, 25 июн қалби нависандаи маҳбуби мо Сотим Улуғзода аз тапидан монд. Ибтикори навбатии Ҳукумат ин буд, ки бо супориши Роҳбари олии кишвар ҷасади нависандаи зиндаёдро ба Тоҷикистон оварда, дар оромгоҳи Лучоб ба хок супориданд.

Аз баракати истиқлол ҷашнҳои 100, 110 ва 115-солагии Сотим Улуғзода бо амри Президенти кишвар дар саросари мамлакат бо баргузории чорабиниҳои илмиву фарҳангӣ таҷлил гардиданд. Иқдоми дигаре ба арҷгузории хидматҳои Сотим Улуғзода бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 апрели соли 2009 Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон бо номи Сотим Улуғзода гузошта шуд.

Омӯзишу таҳқиқ ва шинохти чеҳраи ҳунарии Сотим Улуғзода минбаъд ҳам идома меёбад. Умед аст, ки интишори комили осори устод солҳои наздик анҷом мепазирад, хидматҳои арзанда ва номи неки Сотим Улуғзода дар хотираи таърихии миллату давлат абадӣ боқӣ хоҳад монд.

***М. ИМОМЗОДА,***
***профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон***

ЧАШМАНДОЗ

# МАОРИФИ ҶАҲОН

## БРИТАНИЯИ КАБИР



Дар Британияи Кабир донишгоҳҳо бинобар якбора коҳиш ёфтани шумораи донишҷӯёни хориҷӣ ва ҷорӣ шудани андоз аз маблағи таҳсил ба буҳрони молиявӣ гирифтор шудаанд. Дар ин бора рӯзномаи The Guardian хабар дод.

Тибқи маълумоти Вазорати корҳои дохилии кишвар, то охири моҳи июл шумораи дархостҳо барои гирифтани раводиди донишҷӯӣ нисбат ба соли 2025 ба андозаи 11 дарсад коҳиш ёфтааст. Азбаски дархостҳои раводид пеш аз оғози соли таҳсил дар фасли тирамоҳ пешниҳод мешаванд, ин «нишондиҳандаҳои нигаронкунанда» маънои онро доранд, ки агар чунин тамоюл идома ёбад, бисёре аз донишгоҳҳои Британияи Кабир зарари ҷиддии молиявӣ хоҳанд дид.

Ҳамзамон, бархе аз коршиносон аз он нигаронанд, ки шумораи донишҷӯёни хориҷӣ метавонад то 30 дарсад коҳиш ёбад.

## ФЕДЕРАТСИЯИ РОССИЯ

Аз 1 сентябри соли 2026 муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Федератсияи Россия татбиқи низоми нави таҳсилотро идома медиҳанд. Низоми мазкур ҳамчун ҷойгузини низоми Болонӣ пешниҳод шуда, даст кашидан аз сохтори дузинагии «бакалавриат – магистратура»-ро пешбинӣ мекунад. Тибқи низоми нав, таҳсилоти касбӣ аз се зина иборат хоҳад буд: таҳсилоти олии базавӣ, таҳсилоти олии тахассусӣ, аз ҷумла, магистратура, ординатура ва ассистентура-коромӯзӣ, инчунин, аспирантура.

Ислоҳоти мазкур аз соли 2023 дар доираи лоиҳаи озмоишӣ татбиқ мешавад. Дар марҳалаи аввал шаш донишгоҳ ба ин лоиҳа шомил гардида буд. Дар солҳои таҳсили 2026/2027–2029/2030 боз 11 муассисаи олии таълимӣ, аз ҷумла, Донишгоҳи федералии Шарқи Дур, Донишгоҳи шаҳрии омӯзгории Москва ва Донишгоҳи нақлиёти Россия ба он ҳамроҳ мешаванд.

Гуфта мешавад, ки гузариш ба низоми нав марҳала ба марҳала амалӣ гардида, ба донишгоҳҳо имкон медиҳад, ки барномаҳои таълимии худро бидуни ворид кардани тағйироти ногаҳонӣ барои донишҷӯёни феълӣ мутобиқ созанд.

Натиҷаҳои ниҳоии ислоҳоти низоми таҳсилоти олии касбии Россия то соли 2030 идома меёбад.

## ИМА

Тибқи маълумоти Озмоишгоҳи иқтисоди рақамии Донишгоҳи Стэнфорд (Stanford Digital Economy Lab), норасоии шуғл дар байни ҷавонони аз 22 то 25-солаи амрикоӣ, ки дар касбҳои бештар таҳти таъсири зеҳни сунъӣ қарор доранд, дар давоми як сол афзоиш ёфтааст. Ин нишондиҳанда аз 15 дарсад дар моҳи июли соли 2025 то 19 дарсад дар моҳи июни соли 2026 расидааст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки зеҳни сунъӣ, пеш аз ҳама, вазифаҳои сода, такроршаванда ва сатҳи ибтидоиро автоматӣ иҷро мекунад. Одатан маҳз иҷрои чунин вазифаҳо ба ҷавонон имкон медод, ки фаъолияти касбии худро оғоз намуда, таҷрибаи зарурӣ ба даст оранд. Аз ин рӯ, густариши технологияҳои зеҳни сунъӣ метавонад имконоти шуғли мутахассисони ҷавонро дар баъзе соҳаҳо маҳдуд созад.

Маълумоти Озмоишгоҳи иқтисоди рақамии Донишгоҳи Стэнфорд зарурати бознигарии барномаҳои омодагии касбиро дар мактабҳо ва муассисаҳои таҳсилоти олии ИМА тақвият медиҳад.

## ОЛМОН

Тибқи арзёбии Пажуҳишгоҳи иқтисоди Олмон, гурӯҳи донишҷӯёни хориҷии соли 2023, ки тақрибан 82 ҳазор нафарро ташкил дода, ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Олмон дохил шудаанд, дар тӯли фаъолияти меҳнатии худ ба буҷети давлатӣ 23,1 миллиард евро фоида меоранд. Саҳми умумии онҳо дар арзиши иловашудаи кишвар тақрибан 127 миллиард евроро ташкил хоҳад дод. Андозҳо ва пардохтҳои ин донишҷӯён ба фондҳои иҷтимоӣ хароҷоти давлатро барои таҳсили онҳо, аз ҷумла, таълими қариб ройгон дар донишгоҳҳо ҳамагӣ пас аз ду соли хатми таҳсил ҷуброн мекунанд. Натиҷаҳои таҳқиқот мавқеи Хадамоти мубодилаи академии Олмон (DAAD)-ро дар мавриди зарурати афзоиши қабули донишҷӯёни хориҷӣ тақвият медиҳанд. Ин масъала, махсусан, дар шароите муҳим аст, ки Британияи Кабир, Канада ва Австралия маҳдудиятҳоро барои қабули донишҷӯёни хориҷӣ бештар мекунанд.

## ВЕТНАМ

Зеҳни сунъӣ ба барномаи таълимии мактабҳои Ветнам ҷорӣ карда шуд, ки хонандагон дар ҳаҷми 12 соати дарсӣ дар як сол меомӯзанд. Барномаи дахлдор аз ҷониби Вазорати маориф ва омодасозии кадрҳои Ветнам қабул шудааст. Барномаи омӯзиши зеҳни сунъӣ аз муҳтавои асосӣ ва васеъ иборат хоҳад буд. Қисми асосии он барои ҳамаи хонандагон пешбинӣ шуда, дар доираи машғулиятҳои мавзуӣ таълим дода мешавад. Барои ҳар як синф дар давоми соли таҳсил 12 соати дарсӣ ҷудо мегардад.

Муҳтавои васеи барнома вобаста ба талаботу қобилияти хонандагон ва имкониятҳои муассисаҳои таълимӣ ба таври иловагӣ пешниҳод мешавад. Хонандагон метавонанд донишҳои худро тавассути машғулиятҳои амалии беруназсинфӣ такмил бахшанд.

Маводи таълимӣ ба ду зина тақсим мешавад: таҳсилоти асосӣ ва таҳсилоти умумӣ.

Ҳадафи барнома рушди салоҳиятҳои хонандагон дар соҳаи зеҳни сунъӣ ва омодасозии тадриҷӣ мебошад, ки метавонанд ба равандҳои таҳаввулоти рақамии ҷомеа мутобиқ шаванд.

***Таҳияи***
***Н. ОХУНЗОДА,***
***«Омӯзгор»***

**Ёдгориҳои таърихию фарҳангии Тоҷикистон ба рӯйхати муқаддамотии ЮНЕСКО ворид гардиданд.**

*Ҳар кӣ илм хонду амал накард, бад-он монад, ки гов ронду тухм наяфшонд.*
*Саъдии Шерозӣ*



ТАВАҶҶУҲ

# ОБУНА БА ҲАФТАНОМАИ «ОМӮЗГОР» БАРОИ СОЛИ 2027

Нархи обуна барои як сол бе иловаи хидмати почта – 138 сомонӣ



Нархи обуна барои як сол бо иловаи хидмати почта: шаҳри Душанбе 184 сомонию 93 дирам ва дигар шаҳру ноҳияҳо 203 сомонию 24 дирам

**Агар хоҳед, ки дар соли 2027 аз навовариҳои соҳаи маориф ва илм огоҳ бошед, амру фармоиш ва дастурҳои вазири маориф ва илм ва асноди соҳаро сари вақт дастрас намоед, аз таҷрибаи судманди ҳамкасбон огоҳ гардед, таҷриба, андеша ва дархости худро пешниҳод карда тавонед, аз эҷоди бадеии ҳампешагон огоҳ бошед, қолибтарин нигоштаҳоро оид ба умдатарин масоили рӯз мутолиа кунед ва сатҳи донишу маҳорату малакаи худро пайваста боло бардоред, ба нашрияи дӯстдоштаи худ – «Омӯзгор» обуна шавед.**

## СУРАТҲИСОБИ МО

КВД БА ҶТ «Амонатбонк»
с/х 20202972200817101000
ҳ/м 20402972316264
РМБ 350101626
РМА 010009400
Ба «Омӯзгор»

КИТОБИ НАВ

# «Меҳри сухан»



Китоб манбаи асосии дониш ва омили муҳимми ташаккули тафаккури инсон ба ҳисоб меравад. Ҳар гоҳ китоби наве ба нашр мерасад, падидаи тоза маҳсуб ёфта, барои шинохти амиқтари масъалаҳои мушаххас мусоидат менамояд. Агар чунин китоб дорои мазмуну муҳтавои фарогир бошад, хушҳолии аҳли мутолиа боз ҳам бештар мегардад. Китоби нави рӯзноманигори варзида Набизода Саида Фазл бо номи «Меҳри сухан (андеша, таҳлил, мубоҳиса)» (Душанбе: «Адиб», 2026. – 416 саҳ.) ба нашр расид, ки туҳфаи хубе барои аҳли қалам ва устодону омӯзгорон маҳсуб меёбад.

Муаллиф дар китоб фикру мулоҳизаҳои худро дар бораи забон, мақоми он дар рушди ҷомеа, масъалаҳои имло, мушкилоти китобҳои дарсӣ ва дигар мавзуъҳои марбут ба онҳо дар шакли мақола, гузориш, суҳбат ва мулоҳизаронӣ гирдоварӣ намудааст. Ин навиштаҳо солҳои гуногун дар матбуоти даврӣ ба табъ расидаанд. Муаллиф тавассути ин навиштаҳо мавқеи худро дар масъалаи ҳифзи забони модарӣ ва асолати он равшан баён карда, хонандаро ба андеша ва ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли мушкилоти мавҷуда водор менамояд.

Навиштаҳои китоб дар се қисм – «Рӯ ба забон», «Рӯ ба китоб» ва «Дар суҳбати соҳибзабонон» пешниҳод шудаанд. Ин қисматҳо аз ҷиҳати мазмуну муҳтаво якдигарро такмил дода, масъалаҳои муҳимми забон, муҳтавои китобҳои дарсӣ, таълиму тарбия аз дидгоҳи рӯзноманигорӣ ва мактабшиносӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд.

Набизода Саида Фазл барои ҷомеаи журналистӣ ва шаҳрвандони кишвар чеҳраи ошност. Солҳост, ки навиштаҳои ӯ дар матбуоти даврӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ ба нашр расида, аз ҷониби хонандагон хуш пазируфта мешаванд. Таваҷҷуҳ ба масъалаҳои забон, имло, муҳтавои китобҳои дарсӣ, инчунин, муаррифию тавзеҳи китобҳо аз мавзуъҳои меҳварии навиштаҳояш маҳсуб меёбанд.

Омӯзиш ва мутолиаи китоби «Меҳри сухан» барои муҳаққиқон, омӯзгорон, рӯзноманигорон, донишҷӯён ва доираи васеи хонандагон муфид хоҳад буд.

*Н. ОХУНЗОДА,*
*«Омӯзгор»*

КОНФЕРЕНСИЯ

***Бо ибтикори Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ҳафтаи гузашта дар шаҳри Душанбе конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи «Стратегияи муосири соҳаи маориф дар шароити рақамикунонӣ, таҳсилоти фарогир ва муколамаи тамаддунҳо» баргузор гашт, ки дар он гурӯҳи калони олимону устодон аз муассисаҳои таълимии дохили кишвар ва аз ҷумҳуриҳои Ӯзбекистону Қазоқистон иштирок доштанд.***

# Гуфтугӯ перомуни стратегияи муосири соҳаи маориф

Дар оғози конференсия президенти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Шодӣ Сафаров суханронӣ карда, аз ҷумла, иброз дошт, ки Истиқлоли давлатӣ дар Ватани маҳбуби мо марҳалаи тозаеро ифтитоҳ бахшида, ба рушди бесобиқаи тамоми соҳаҳои ҳаёти мамлакат мусоидат кард. Ба шарофати истиқлол, махсусан, соҳаи маориф тақвияту вусъат дарёфт ва соҳаи имтиёзнок эълон гардид. Дар заминаи сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таълиму тарбия дар тамоми таълимгоҳҳо мазмуну моҳияти тоза пайдо карда, сатҳи донишу омӯзиши толибилмон хеле боло рафт ва пояҳои моддию техникии муассисаҳои таълимӣ устувор гаштанд. Таҳсилот дар ҷумҳурӣ тадриҷан ба меъёрҳои байналмилалӣ созгор мешавад.

Дар идомаи конференсия дотсенти кафедраи педагогикаи умумии Донишгоҳи Осиёи Марказии Ҷумҳурии Қазоқистон Бахтиёр Аханов, ноиби президенти АТТ И. Каримова, профессори кафедраи таҳсилоти педагогии Донишгоҳи миллии Ӯзбекистон ба номи Мирзо Улуғбек Хол Худойқулов, профессори кафедраи технологияи ҳамин донишгоҳ Уктам Шамсиев, омӯзгори калони кафедраи технологияи Донишгоҳи Осиёи Марказии Ҷумҳурии Қазоқистон Галимҷон Сарибаев ва сармутахассиси шуъбаи педагогика ва методикаи таълими АТТ Саъдуллоҷон Неъматов суханронӣ карда, перомуни масоили паёмадҳои соҳаи маориф дар замони рақамикунонӣ, таҳсилоти фарогир ва муколамаи тамаддунҳо андешаҳои ҷолибу судманд иброз доштанд.

Пас аз итмоми ҳамоиши ифтитоҳӣ кори конференсия дар ду бахш идома ёфт ва дар маҷмуъ, аз ҷониби олимони варзида, пажуҳишгарону мактабшиносони маъруфи дохилу хориҷи кишвар беш аз сӣ маърӯза шунида шуд.

*«Омӯзгор»*

САЙҚАЛИ ЗЕҲН

# МУАММОИ «МУНИР»


**Аз чап ба рост:**

2. Асари Садриддин Айнӣ. 5. Садои пасту ғафси мардона дар илми мусиқӣ. 8. Як навъ либоси аз мӯй бофташуда. 9. Мансуб ба араб, масалан забони ***. 10. Муродифи «равшан». 11. «Аз *** гуфтугӯ дорем мо» (М. Турсунзода). 12. Ба сад сол баробар аст. 14. Математик ва механики Юнони Қадим.

**Аз боло ба поён:**

1. Мақомоти қонунбарори Федератсияи Россия. 2. «*** улоӣ», асари Абуалӣ ибни Сино. 3. Зодгоҳи Бадриддин Ҳилолӣ. 4. «Биологияи ***», китоби дарсӣ. 5. Шаҳр дар ҷануби Ироқ. 6. Ҳаммаънои «натиҷа». 7. Муқобилмаънои «талх». 13. Исми мардонаи тоҷикӣ.

*Муратгиб*
*Ҳотам ҲОМИДЗОДА,*
*«Омӯзгор»*




**Ҷавоби муаммои «Соат» («Омӯзгор», №37, 17.09.2026)**

**Аз чап ба рост:**

1. Перу. 3. Асло. 5. Мансаб. 7. Асар. 8. Доно. 9. Соат. 11. Орзу. 13. Баҳорӣ. 14. Далқ. 15. Фоқа.

**Аз боло ба поён:**

1. Пина. 2. Умар. 3. Амад. 4. Осло. 5. Мактаб. 6. Боҳирӣ. 9. Сард. 10. Тавқ. 11. Ориф. 12. Усма.

ЭЪТИБОР НАДОРАД

*Шаҳодатномаи гумшудаи Т-АТУ №0291102, ки онро соли 2009 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №35-и ноҳияи Шоҳмансур ба Забирова Шарифа Тавараліевна додааст, эътибор надорад.*

*Дипломи гумшудаи №0137596, ки онро соли 2017 Литсейи касбии касбии техникии ноҳияи Фархор ба Раҳматуллоев Муҳаммад Исмоилович додааст, эътибор надорад.*

ҲАФТАНОМА АЗ 28-УМИН ШОҲИ СОЛИ 1992 НАШР МЕШАВАД

ОМӮЗГОР

НАШРИЯИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН www.omuzgor-gazeta.tj

МУАССИС
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР
Эҳсон САФАРЗОДА
225-81-55

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ
Анвар САФАРЗОДА
Раҳим САИДЗОДА
Ҳомид ҲОШИМЗОДА
Равшан КАРИМЗОДА
Лутфия АБДУЛХОЛИҚЗОДА
Бадриддин МУЗАФФАРЗОДА
Қобилчон ХУШВАХТЗОДА

«Омӯзгор» таҳти рақами 271/рз-97, аз 27.09.2021 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав номнавис шуда, таҳти рақами 0110005977 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст. Нашрия ба хотири чандандешӣ маводе низ ба табъ мерасонад, ки идораи ҳафтанома метавонад бо муаллифон ҳамфикр набошад ва барои онҳо масъулиятро ба уҳда нагирад.

Навиштаҳо ва суратҳои ба идораи ҳафтанома воридгашта баргардонида намешаванд. Идораи ҳафтанома навиштаҳоро дар ҳаҷми на бештар аз 4 саҳифаи компютерии андозаи 14 (фосилаи 1,5)-и ҳарфи Times New Roman Tj қабул менамояд.

ҲАЙАТИ ЭҶОДӢ
**Насриддин ОХУНЗОДА** (ҷонишини сармуҳаррир)
**Шодӣ РАҶАБЗОД**
**Ҳотам ҲОМИДЗОДА** 225-81-57
**Шаҳноза БОБОМУРОДОВА** (муҳаррирон)

МУХБИРОН
**Ирода ТИЛАБОВА** (шаҳри Душанбе)
**Ҷангибеки УЛФАТШОҲ** (ВМКБ)
**Сухроб АЗИЗӢ**
**Худододи ИСЛОМ** (вилояти Хатлон)
**Нуъмон РАҶАБЗОДА** (вилояти Суғд)

**Саодат ЭРГАШЕВА** 225-81-61 (масъули обуна)
**Зарнисор НИЗОМОВА** (ҳуруфчин)

Ҳафтанома дар матбааи нашриёти комплексии «Шарқи озод» ба табъ расид.
Индекси обуна: 68850.
Адади нашр: 44545 нусха

Почтаи электронӣ:
n.omuzgor@maorif.tj
Сомонаи ҳафтанома:
www.omuzgor-gazeta.tj

QR - коди сомонаи расмии нашрияи «Омӯзгор»

Навбатдори шумора
Ш. Бобомуродова